Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

А. С. Сагдуллаев, В. А. Костетский

# ТАЪРИХИ ДУНЁИ ҚАДИМ

Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфи 6-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ

Вазорати таълими халқи Республикаи Ӯзбекистон ба нашр тавсия намудааст



Тошканд
2022

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

УЎК 94(100)(075.3)
ББК 63.3(0)я72
С 14

**А. Сагдуллаев, В. Костетский.**
Таърихи дунёи қадим: китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфи 6-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ / А. Сагдуллаев, В. Костетский. 2022. – 192 саҳ.

**Муқарризон:**

**Д. М. Кенҷаев** – муовини якуми директори Агентии муассисаҳои таълимии Президент.
**Ӯ. М. Мавлонов** – доктори илмҳои таърих.
**Б. Б. Аминов** – доктори илмҳои таърих.
**О. П. Кобзева** – доктори илмҳои таърих.
**Т. М. Багдасарова** – омӯзгори фанни таърихи мактаби таълими миёнаи умумии рақами 49-уми шаҳри Тошканд.

Аз ҳисоби маблағҳои Бунёди мақсадноки китоби республика чоп шудааст.

Макети оригиналӣ ва консепсияи дизайнӣ аз ҷониби Маркази таълими республика коркард шудааст.

ISBN 978-9943-8171-6-6

© Маркази таълими республика, 2022

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МУНДАРИҶА

Муқаддима .................................................................. 5

## ФАСЛИ I
## Аз сохти қадимтарин то тамаддун



§ 1. Решаҳои таърихи қадим ...................................... 7
§ 2. Марҳилаҳои инкишофи одамони қадимтарин ..... 11
§ 3. Ҷамъияти авлодӣ ................................................ 17
§ 4. Энеолит ва даври биринҷӣ .................................. 21
§ 5. Осиёи Миёна дар даври гузариш ба асри оҳан .... 26

## ФАСЛИ II
## Шарқи қадим ва Осиёи Миёна





§ 6. Водии Нил ва аҳолии он ....................................... 28
§ 7. Мисри қадим ва кишварҳои ҳамсоя ...................... 32
§ 8. Дин дар Мисри қадим ............................................ 34
§ 9. Аҳромҳо ва мақбараҳо ........................................... 36
§ 10. Маданияти Мисри қадим ..................................... 40
§ 11. Тамаддунҳои Месопотамия ................................... 43
§ 12. Шоҳигарии Бобул ................................................. 48
§ 13. Давлатҳои Осиёи Пеш .......................................... 52
§ 14. Давлати Аҳамониён .............................................. 55
§ 15. Тамаддуни аввалин дар Ҳиндустони қадим ....... 58
§ 16. Маданияти Ҳиндустони қадим ............................ 62
§ 17. Тамаддунҳои Чини қадим ..................................... 66
§ 18. Чин дар асри III пеш аз мелод .............................. 69
§ 19–20. Давлатҳои қадимаи ҳудуди Ӯзбекистон ........ 73
§ 21. Зардуштӣ ва «Авесто» .......................................... 81

## ФАСЛИ III
## Юнонистони қадим



§ 22. Оғози таърихи атиқа ............................................ 85
§ 23–24. Равнақи Юнонистони қадим ............................ 88
§ 25. Колонияҳои Юнон ................................................. 93
§ 26. Демократия дар Афина ......................................... 95
§ 27–28. Ҷангҳои юнону форс. Забти Юнонистон аз тарафи Македония ......................................................... 99

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



§ 29. Тарбияи шаҳрвандони Юнон ........ 103
§ 30. Маданияти Юнонистони қадим ........ 105
§ 31. Олимон ва мутафаккирони Юнонистони қадим ........ 109
§ 32. Афсонаҳои Юнонистони қадим ........ 111

## ФАСЛИ IV
## Осиёи Миёна дар асри VI пеш аз мелод ва асри III мелодӣ



§ 33–34. Юришҳои истилогаронаи Аҳамониён ба Осиёи Миёна ........ 114
§ 35–36. Муборизаи халқҳои Осиёи Миёна ба муқобили истилогарони юнон-македонӣ ........ 122
§ 37. Давлати Салавкиён ва шоҳигарии Юнон-Бохтар ........ 128
§ 38–39. Хоразми қадим ........ 132
§ 40. Давлатҳои кадимаи Қанғ ва Даван ........ 137
§ 41. Давлати Кушон ........ 143
§ 42. Роҳи бузурги абрешим ........ 148

## ФАСЛИ V
## Рими қадим



§ 43. Италияи қадим ва аҳолии он ........ 151
§ 44. Республикаи Рим ........ 154
§ 45. Ҳаёти республикаи Рим ........ 158
§ 46. Ғуломон ва гладиаторҳо ........ 161
§ 47. Сарнагуншавии республикаи Рим ........ 165
§ 48. Таназзул ва ҳалокати империяи Рими Ғарбӣ ........ 169
§ 49–50. Маданияти Рими қадим ........ 173

## Замима

Луғати истилоҳотҳои таърихӣ ........ 178
Таърихи дунёи қадим дар тақвимҳо ........ 181
Такрории хотимавӣ ........ 186
Номҳои таърихӣ ва географӣ оид ба таърихи дунёи қадим ........ 188
Номҳои таърихии дунёи қадим ........ 189

**Таърих муаллими ҳақиқии ҳаёт аст. Агар аз тараққиёти таърихии инсоният хулосаи дуруст бароварда шавад, аз бисёр хатогиҳо пешгирӣ кардан мумкин аст. Таърих моро ба босабр шудан, саросемагӣ накардан, дар бораи корҳои худ фикр кардан меомӯзонад.**

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МУҚАДДИМА

Имрӯз бисёр одамони рӯйи Замин ба гузаштаи дур, таърихи халқу мамлакати худ шавқи калон доранд. Таърихи дунёи қадим ин гузаштаро меомӯзад. Ин таърих дар сарчашмаҳои гуногуни қадимшиносӣ ва хаттӣ инъикос ёфтааст. Онҳо дар бораи ҳаёт ва фаъолияти одамони замонҳои қадим нақл карда, ба саволҳоямон барои ҷавоб пайдо кардан кӯмак мекунанд.

Инсоният роҳи тӯлонии таърихиро аз сохтани олоти сангӣ то кашфи металл, аз бунёди манзилгоҳҳои оддитарин то бунёди аввалин шаҳрҳо, ашёҳои гуногуни ҳунармандӣ, хат ва то офаридани ғайраҳо тай кардааст.

Сифати бунёдкории инсон ҳамеша қадр ёфтааст. Ҳатто дар замонҳои қадим, ки ҳаёти гузаштагони дури мо пур аз хавфу хатар, ташвишҳо буд, онҳо кӯшиш мекарданд, ки оламро дарк кунанд. Ин замина барои рушди фарҳанги маънавӣ буд.

Ватани мо – Ӯзбекистон таърихи дуру дароз ва пуршараф дорад. Маҳз дар ҳамин сарзамин дар гузаштаи дур тамаддуни ба худ хос ба вуҷуд омадааст. Дар ин ҷо шаҳру давлатҳои қадим ташкил гардидааст. Деҳқонону ҳунармандон ва бинокорон бо меҳнати тавонои эҷодии худ овозаи диёрро ба олам паҳн кардаанд.

Муҳаббат ба Ватан дар ҷасорати қаҳрамонони халқӣ, ки ба муқобили истилогарон мубориза бурдаанд, намоён мегардад. Онҳо озодии диёрро аз ҳаёти худ болотар гузоштаанд.

Ҷасорати аҷдодонамон ва корҳои бузурги анҷомдодаи онҳо дар қалби мо ҳисси ватандӯстиро бедор намуда, ҳар яки моро ба ҳифзи манфиатҳои Ватан меомӯзонад. Аз ин рӯ, ҳар яки мо бояд таърихи кишвари худро донем ва таъриху фарҳанги халқҳои дигар кишварҳоро эҳтиром намоем.

Воқеаҳое, ки аз замони пайдоиши инсон дар рӯйи Замин то сарнагуншавии империяи Рими Ғарбӣ дар **соли 476** мелодӣ рӯй додааст, дар илми таърих – **таърихи дунёи қадим** меноманд.

Таърихи дунёи қадим дар манбаъҳои гуногун акси худро ёфтааст.



Ҳайкали хаттот

**Таърих моро на бо зӯроварӣ ба ҳама чиз ноил гаштанро, балки бо дигарҳо созиш ва бо эҳтиром муносибат карданро меомӯзонад. Таърихро на барои сана ва ном, балки барои таҷрибаи бебаҳои эҷодии аҷдодон омӯхтанамон лозим.**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Халқи мо аз азал ба некӣ, сулҳ ва бунёдкорӣ кӯшиш кардааст. Ин саъю кӯшиш ба анъанаҳои таърихӣ ва маънавияти ғанӣ асос ёфта, рушду шукуфоии имрӯзу фардои кишвари мо аз ҳар ҷиҳат ба он вобастагӣ дорад. Мо бояд корҳои неки аҷдодонамонро идома диҳем.

## Кор кардан бо матни китоби дарсӣ

Ҳангоми мутолиаи ин китоби дарсӣ шумо бо бисёр калимаҳои душворфаҳм, истилоҳ ва ибораҳои таърихӣ дучор меоед. Онҳоро аз ёд кардан ва ба хотир овардан лозим меояд. Маслиҳатҳои мазкурро бодиққат хонед, онҳо барои дар хотир доштани мавзӯъҳои омӯхташаванда ба шумо кӯмак мекунанд.

Ҳангоми тайёр кардани супоришҳои хонагӣ, ба зеринҳо риоя кунед:



Намунаҳои хатҳои қадима



1 → Қайдҳои дарсии худро якчанд маротиба хонед.

2 → Пеш аз хондан, ба сарлавҳаи мавзӯъ диққат кунед, он чизеро, ки дар дарс гуфта шудааст, ба ёд оред.

3 → Саволҳои дар охири ҳар як мавзӯъ додашударо хонед. Он вақт шумо дар вақти хондани навиштаҳоятон ба чиҳо диққат карданро ва хондаҳоятонро чӣ гуна нақл намуданро дониста мегиред.

4 → Матнро ба қисмҳои тахминӣ тақсим намоед ва мазмуни асосиро бо суханони худ гӯед, пас тамоми мавзӯъро нақл кунед. Нақл карда натавонед, ҷойҳои душворро боз хонед. Такрор кунед. Матни китоби дарсиро аз ёд кардан лозим нест.

5 → Дар рафти мутолиаи матн расми дар он зикршуда ва ҷадвалҳоро пайдо кунед, шарҳҳои онҳоро хонед, номҳои шаҳр ва мамлакатҳое, ки дар матн дучор меоянд аз харита ёбед.

6 → Ба саволҳо ҷавоб диҳед ва супоришҳои дар охири мавзӯъ овардашударо иҷро кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ФАСЛИ I
# АЗ СОХТИ ҚАДИМТАРИН ТО ТАМАДДУН

## § 1. РЕШАҲОИ ТАЪРИХИ ҚАДИМ

Дар қуллаҳои кӯҳҳои пурвиқор тӯли асрҳо барфҳо об намешаванд. Сойҳои кӯҳӣ якҷоя шуда, дарёҳои пурхурӯшро ташкил медиҳанд. Дар саҳроҳое, ки парранда парвоз кунад, болҳояш месӯхт, дар биёбонҳои бепоён шамоли гарм мевазид. Дар чорроҳаи роҳҳои корвонӣ мардумон аз кишварҳои мухталифи дунё ҷамъ омада, ба савдои шадид машғул буданд.

Дар воҳаҳои зироаткори мамлакати мо асрҳо боз боғҳо гул мекунанд. Сарчашмаҳои хаттӣ дар бораи шуҷоати сарбозон накл мекунанд.

Одамон биёбонҳоро ба чаманзорҳо табдил дода, шаҳрҳо, иншоотҳои аҷоиб бунёд карданд, асрори осмонро кашф карданд.

Ана, дар осмон ҳазорҳо ситораҳо медурахшанд. Онҳо чунон наздик ба назар мерасанд, ки агар шумо даст дароз кунед – кофӣ аст. Дар шуоъҳои аввалини офтоб гунбазҳои кабуди биноҳои боҳашамат ба назар медурахшанд ва қуббаҳо гӯё бо осмон омехта мешаванд. Аз дуродур суруд пахн мешавад.



Ба туфайли дарёҳо дар воҳаҳои мамлакатамон асрҳо боз боғҳо нашъунамо ёфта истодаанд



Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ин – аллаи модар аст. Модар-Ватан аз аллаи модар оғоз мешавад. Ватани азиз аз водиҳои сарсабзу чашмаҳои шарроси оби мусаффо, аз аввалин муаллиму китоб, кӯчаву остонаи хона оғоз мешавад.

Ҳатто имрӯз ҳам мо дар водиҳои ҳосилхез, биёбону кӯҳҳо боқимондаҳои шаҳрҳои хурду калон, қалъаҳо ва ибодатхонаҳои қадимаро мебинем. Одамон аллакай ин ҷойҳоро тарк кардаанд. Харобаҳои шаҳрҳои қадима беодам мондаанд. Харобаҳо хомӯш, онҳоро алафҳои худрӯй зер кардааст.

Аммо қадимшиносон ба ин ҷойҳои қадами мардум бурида шуда омаданд. Ба шарофати саъю кӯшиши онҳо харобаҳои шаҳру қалъаҳои қадимӣ аз хок пайдо шуда, аз гузаштаи дур ба сухангӯӣ сар карданд.

Бо мутолиаи китоб, саёҳат, боздид аз осорхонаҳо, дар бораи ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ дорои маълумоти бештар мегардем.



Зарфҳои қадима



## Омӯхтани таърихи қадим

Таърихи қадимаи инсониятро олимони гуногун меомӯзанд.

| | |
|---|---|
| Археологҳо → | дар ҷойҳои истиқоматӣ ва манзилгоҳҳои одамони қадим корҳои ҳафриётиро ба амал ҷорӣ мекунанд. |
| Антропологҳо → | бодиққат боқимондаҳои устухонҳои (скелет ва косахонаи сар) одамони қадимро аз назар мегузаронанд, симои онҳоро барқарор мекунанд, тағйиротҳоеро, ки дар симои одамон ҳазорҳо сол пеш ба амал омада буданд, меомӯзанд. |
| Этнографҳо → | одамони қадимаеро, ки бисёр расму оинҳо, анъанаҳои хоҷагӣ ва маданиро нигоҳ доштаанд, ҳоло қабилаҳо ва халқҳоеро, ки зиндагӣ доранд, меомӯзанд. |

Антрополог







*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Сарчашмаҳо оиди таърихи қадим

Сарчашмаҳои омӯхташудаи таърихи даври қадимаи мамлакатамон **сарчашмаҳои моддии (ашёҳо)** дарёфткардаи қадимшиносон мебошанд. Ба ин асбобҳои меҳнат, зарфҳои сафолин, аслиҳаҳо ва ҷавоҳирот, ки ҳангоми ҳафриётҳои археологӣ ёфт шудаанд, хулоса, ҳама чизҳое мебошанд, ки дар замонҳои қадим бо дасти инсон офарида шудаанд.

Маълумотҳои археология дар бораи таърихи дунёи қадим тасаввуроти пурра дода наметавонад. Аз ин рӯ, олимон низ ба сарчашмаҳои хаттӣ муроҷиат мекунанд. Қадимтарин сарчашмаи хаттӣ оид ба таърихи Осиёи Миёна китоби **«Авесто»** мебошад. Дар он дар бораи таърих ва маданияти қадимаи мамлакати мо нақл мекунад.

Сарчашмаи дигари хаттии арзишманди таърихи қадим ***навиштаҷоти харсанги Беҳистун*** дар Эрон аст.

Бо фармони шоҳи форсҳо Доро I дар навиштаҷотҳои ба сангҳо кандакорӣ карда навишташуда дар қатори дигар диёрҳои забт кардашуда, давлатҳои қадимаи Осиёи Миёна ҳам номбар шудааст.



Дастнависҳои қадима

Муаррихи юнонӣ **Арриан дар асри II мелодӣ** дар бораи юришҳои ҳарбии Искандари Мақдунӣ ба Осиёи Миёна **«Юришҳои ҳарбии Искандар»** ном асаре навиштааст.

## Давргардонии сохти қадимтарин

Таърихи тамоми халқҳои ҷаҳон аз **сохти ҷамъияти ибтидоӣ** оғоз меёбад.

Марҳилаи аввали инкишофи инсоният ба гурӯҳҳои алоҳида муттаҳид шудани одамон буд, ки аввалин ҷамоаи одамони қадимтарин буд.



Дар асри **V пеш аз мелод** муаррихи Юнони қадим **Геродот** ба мамлакатҳои гуногун саёҳат карда, китобе бо номи **«Таърих»** навишт.
Дар он дар бораи таърихи қадимаи мамлакатамон маълумоти муҳим оварда шудааст.

**Дар охири асри I пеш аз мелод** муаррих ва географи Юнони қадим **Страбон** дар асари худ бо номи **«География»** дар бораи мардуми кишварҳои зиёд маълумотҳо овардааст.





Навиштаҷотҳои харсанги Беҳистун ва тасвирҳои барҷастаи он



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Ҷамоаи ибтидоии авлодӣ

Ҷамоаҳои ибтидоӣ тадриҷан ба **ҷамоаҳои қабилавӣ**, ки аз хешу табор иборатанд, тақсим мешаванд.

Ҷамоаҳои авлодии аввала дар атрофи зан – модар муттаҳид шуда буданд. Ин марҳилаи таърихи башарият даври авлоди модар – **матриархат** номида шуд.

Хеле дертар, бо такмили олоти меҳнат ва шаклҳои хоҷагидорӣ мавқеи роҳбарӣ дар ҷамъият тадриҷан ба дасти мард мегузарад, ки ин маънои онро дошт, ки акнун ба авлод мард сарварӣ мекард. Олимон ин даврро дар таърихи башарият даври **патриархат** – даври авлоди падар меноманд.

| | | |
|---|---|---|
| Матриархат | → | Ҷамоаҳои аввалини авлодӣ дар атрофи зан – модар муттаҳид шуда буданд. |
| Патриархат | → | Ҷамоаҳои авлодиро мард идора мекард. |

Одамони қадимтарин аз сангҳо аввалин асбобҳои корӣ месозанд, бинобар ин археологҳо ибтидои таърихи инсониятро **«даври санг»** меноманд. Даври санг муддати тӯлонӣ давом кард, бинобар ин онро ба марҳилаҳои зерин тақсим мекунанд:

| | | |
|---|---|---|
| Палеолит | → | даври қадимаи санг (юнонӣ *paleos* – «қадим» ва *litos* – «санг») |
| Мезолит | → | даври миёнаи санг (юнонӣ *mezos* – «миёна» ва *litos* – «санг») |
| Неолит | → | даври нави санг (юнонӣ *neos* – «нав» ва *litos* – «санг») |
| Энеолит | → | даври мис-санг (лотинӣ *eneus* – «мис» ва юнонӣ *litos* – «санг») |

## Дар хотир доред!

Даври қадимаи санг ба даврҳои палеолити **аввал, миёна** ва **охир** ҷудо карда омӯхта мешавад

## Савол ва супоришҳо

1. Археологҳо, антропологҳо ва этнографҳо чиҳоро меомӯзанд?
2. Олимон барои барқарор кардани таърих аз кадом сарчашмаҳо истифода мебаранд?
3. Кадоме аз сарчашмаҳои моддиеро, ки дар омӯзиши таърих истифода мешаванд, медонед?
4. Чаро археологҳо ибтидои таърихи инсониятро «даври санг» меноманд?
5. Даврҳои сангро номбар кунед. Чаро онҳо чунин номида шудаанд?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 2. МАРҲИЛАҲОИ ИНКИШОФИ ОДАМОНИ ҚАДИМТАРИН

Дар хусуси пайдоиши одам дар рӯйи Замин афсонаҳо ва ривоятҳои динии гуногун аз замонҳои қадим вуҷуд доранд. Дар илм ин масъала бо такя ба маълумотҳои антропология ва археология дар асоси илмӣ омӯхта мешавад. Дар илми таърих одамони қадимтаринро **одамони ибтидоӣ** меноманд.



Мамонт

## Одамони қадимтарин

Аввалин одамони рӯйи Замин бо қаду қомати рост гашта, олотҳои меҳнат сохтанро ва роҳҳои истифода бурдани онҳоро медонистанд. Бо кӯмаки онҳо аз табиат хӯрок ёфта мехӯрданд.

Олимон дар Африқои Шарқӣ қадимтарин боқимондаҳои устухони одамро пайдо кардаанд ва омӯхтаанд. Синну соли ин одам беш аз 2 миллион сол аст. Олимон ӯро **«одами кордон»** номидаанд, зеро ӯ сохтани олотҳои меҳнати оддиро аз санг медонист.

Дар давоми ҳазорсолаҳо намуди зоҳирӣ, малака ва андозаи мағзи одам тағйир ёфт. Марҳилаи навбатии даври қадимаи санг одами қадимаи **«одами бо қаду қомати рост гашта»** номида шудааст ба вуҷуд омадааст.



Чӯқмори дастии аз санг сохташуда



Олотҳои меҳнатии даври санг



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Олотҳои меҳнатие, ки аз санг ва устухон сохта шудааст

Ҷисми ӯ хеле қавӣ буд. Вай малакаи сохтани аслиҳаҳои гуногуни сангиро ба даст оварда, истифода бурдани оташи табиии ҷангалро, ки бар асари зарбаи барқ аланга зада буд, ёд гирифт. «Одамони бо қаду қомати рост гашта» макони зисти худро тағйир дода, дар майдонҳои васеъ паҳн шуданд. Манзилгоҳҳо ва боқимондаҳои устухонҳои онҳо аз Африқо, инчунин аз бисёр ҷойҳои Аврупо ва Осиё ёфт шудаанд.

Дар даврҳое, ки иқлими рӯйи Замин мӯътадил буд, одамон дар теппаҳои назди дарёҳои хурд ё чашмаҳо маскан мегирифтанд. Ба охири даври аввали палеолит омада **Даври яхбандии бузург** оғоз мешавад. Одамони ибтидоӣ ба озмоиши ниҳоят сахт дучор меоянд. Ин вазъият одамонро водор сохт, ки ба иқлими нав ва шароити зиндагӣ мутобиқ шаванд. Дар чунин замон танҳо тавоноҳо зинда монданаш мумкин буд.

## Даври яхбандӣ

*Баробари сармои рӯзафзун комилан беҳимоя буданашонро фаҳмида одамони қадим, дар ҷустуҷӯи ҷойҳои гармтару паноҳгоҳ ба ҷойҳои дур мераванд. Муйсафеде, ки дер боз сулфа мекард, қафотар мемонад. Ӯ бемор буд ва базӯр роҳ мерафт.*

*Одамон нағз мефаҳмиданд, ки тез-тез истодан хавфнок аст, зеро аз ин бисёр одамон ҳалок шуданаш мумкин буд. Муйсафед дар қафо монд, вале дигарон мунтазири ӯ нашуда ба роҳашон давом карданд. Фаҳмид, ки дар ҷойҳои бегона танҳо мемонад ва аз дард нола кард. Фарёду илтиҷои пирамард муддати тӯлонӣ ба гӯш мерасид, баъд камтар шуд ва ниҳоят тамоман хомӯш шуд.*



Чоппер





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*Баъдтар одамони дигар, ки аз ин роҳ мегузаштанд, мӯйсафеди беморро диданд, ки аз хунукӣ меларзид. Аммо ин одамон ҳам ба ӯ ёрӣ нарасонданд. Шамолҳои барфӣ беист мевазид. Сармои даҳшатбор сар шуд. Дар пеш одамонро озмоишҳои бесобиқа интизор буданд. Он даври ибтидоии дуру бераҳмона буд. Дар даври яхбандӣ танҳо одамони тавоно зинда монданд.*

## Машғулотҳои одамони қадимтарин

Дар Осиёи Миёна олоти қадимаи аз санг сохташуда дар ҷойҳои зерин ёфт шудаанд:

Селунғур → Водии Фарғона

Кӯлбулоқ → Вилояти Тошканд

Инҳо силоҳҳои сангини дағал буда, як тарафи он тез карда мешавад. Дар фанни археология олотҳои мазкури сангинро **чопперҳо** номидаанд.

Олотҳои корӣ барои пайдо кардани хӯрокворӣ зарур буданд. Аввалин олотҳо оддӣ буданд. Мардум бо сангу чӯбҳои тезшуда ҳайвонҳоро шикор мекарданд, реша-меваҳои растаниҳоро мекофтанд.

Ҳамин тавр, он чӣ табиат дод, одам он чиро, ки ёфта буд, бо ҳамон хӯрокворӣ қаноат мекард. Аз ин рӯ шуғли қадимаи одамон чиндани меваю реша ва шикорро **хоҷагии азхудкардашуда** меноманд.

Ғори **Тешиктоши** аз ноҳияи Бойсун ёфтгардида маданияти машҳури ҷаҳони даври миёнаи палеолит (ҳазорсолаи 100–40 пеш аз мелод) ҳисобида мешавад. Аз ғори Тешиктош олотҳои сангин ва пораҳои онҳо, бузи кӯҳӣ, оху, устухонҳои аспи ёбоӣ, паланг, харгӯш, хояндаҳои хурд ва парранда ёфт шуданд.

**Фикр кунед**

Дар ҷойи одамони қадима бошед чӣ кор мекардед?

Чаро ба одами бемор ёрӣ доданро нахостанд?



Бачаи неандертал. *Тешиктош*



Шикори мамонт

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Машҳуртарин бозёфт боқимондаҳои устухони бачаи 8–9 солаи неандерталӣ, ки мансуби асри санг аст, аз ғори Тешиктош ёфт шуд ва мавриди таҳқиқ қарор гирифт.

Ҷасади бача ба қабр гӯронда шудааст. Атрофи ҷасад бо шохҳои бузҳои кӯҳӣ иҳота гардидаанд.

*Ба сӯи мардуме, ки дар гирди гулхан ҷамъ шуда буданд, шеъри ғор руст шуда омадан гирифт. Вай аз байни дарахтон ва буттаҳо ноаён мегашт. Аммо касе ӯро дида, аз тарс дод зад. Ҳама дар ҳайрат ба шер рӯ оварданд. Шер наздик ояд ҳам, касе гурехтанро фикр намекард. Шер марди гурехтаро дар як ҷаҳидан дастгир мекард. Ҳама чашмашонро аз шер наканда, китф ба китф истода, бо овози баланд дод мезаданд ва дастонашро ҷунбонда, ба сӯи ҳайвони ваҳшӣ мешитофтанд.*

*Шер худро гум кард, чашмонаш ало шудан гирифт. Мардум ба шер наздик мешуданд. Ин ягона роҳи наҷот барои онҳо буд.*

*Дар ин ҷо шери ғор, ки пурзӯртарин ҳайвонотро мағлуб карда, гирду атрофро ба ваҳм меовард, ба ақибнишинӣ шурӯъ кард. Мардум баландтар дод зада, натарсида ба шер наздик шудан гирифтанд.*

*Баъд аз ҳамон одамон гурӯҳ-гурӯҳ шуда роҳ мерафтагӣ шуданд. Акнун бо онҳо ҳеҷ чиз таҳдид намекард.*

## Фикр кунед

Шери ғор чаро ба одамон ҳуҷум кардан ҷуръат кард? Даррандаи даҳшатнокро дида чаро одамон нагурехтанд? Дар ҷойи одамони қадима чӣ кор мекардед?





Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Ба вуҷуд омадани эътиқодҳои динӣ

Илмҳои оиди олам ҷамъ гардида оҳиста-оҳиста боиси тағйирёбии қобилияти фикрронӣ ва тафаккури инсоният гардид.

Одамон ҳодисаҳои ба худ нофаҳмо – ивазшавии шабу рӯз, фаслҳои сол, фаввораи вулканҳо, заминларза ва дигар ҳодисаҳои табиатро мушоҳида мекарданд. Мардуми қадим, ки онҳоро фаҳмида наметавонистанд, ба ҳодисаҳои гуногуни табиат, аз қабили раъду барқ, шамол ва борон эътиқод мекардагӣ шуданд. Мардум бовар доштанд, ки табиат зинда аст ва табиатро вобаста бо хусусиятҳои инсонӣ шарҳ додаанд. Аз ин рӯ, эътиқод ба ҳастии қувваҳои неку бад дар гирду атроф боварӣ пайдо шудааст.

**Фикр кунед**

Ба фикри шумо, ба вуҷуд омадани чунин эътиқодҳо асосан чиҳо сабаб шуд?

| | | |
|---|---|---|
| Тотемизм | → | Боварӣ доштан ба алоқаи хешу табории ҷамоаи гурӯҳи одамон бо намудҳои ягон ҳайвонот ё ки растаниҳо. |
| Анимизм | → | Бовар кардан дар бобати мавҷуд будани ҷону рӯҳ дар ҳар чиз дар муҳите, ки одамро иҳота намудааст. |
| Фетешизм | → | Бовар намудани одамони қадима ба ин ё он ашё ё ин ки ба дафъ намудани балову қазо қодир будани онҳо. |

Аз деворҳои ғорҳо пайдо шудани расмҳои ба даври охири палеолит тааллуқдошта далели он аст, ки одамони қадим эътиқоди динӣ доштанд. Чунин расмҳои қадимтарин аз ғорҳои зерин ёфт шудаанд:



Рассомони аввала

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Манзилгоҳҳои даври палеолит

| | | |
|---|---|---|
| Испания | → | Ғори Алтамира |
| Франсия | → | Ғори Ласко |
| Бошқирдистон (Руссия) | → | Ғори Капова |

Одамон бовар доштанд, ки ин расмҳо дар шикори оянда ба онҳо кӯмак хоҳанд кард. Дар шафати расмҳо ба ҳаракати ҳайвонот тақлид намуда, ба рақс даромадаанд, манзараҳои шикорро тасаввур намуда, найзағуррониро машқ намудаанд.

Расмҳои қадима аз хусуси чӣ фикр кардани инсон, чӣ тавр тасаввур кардани олами гирду атроф, шикор кардани кадом ҳайвонот, донистани аз кадом олоти меҳнат ва силоҳ истифода бурдани онҳо ва фаҳмидан кӯмак мерасонад.

Саъю кӯшиши инсон дар боби дарки дунёи гирду атроф ба ривоҷи санъати қадимаи тасвирӣ ҳамчун асос хизмат кардааст.

*Аввалин расмҳои девориро духтари археолог кашф кардааст. Он вақт онҳо дар ғори Алтамира, Испания буданд. Дар ҳоле, ки падар ба ҷамъоварии олоти кории одами ибтидоӣ машғул буд, духтарча дар ғор сарсону саргардон шуд ва ногаҳон гуфт:*

*– Падар, бубинед, барзагов! – гуфт ӯ.*

*– Канӣ?*

*– Ба шифт нигаред!*

*Баъди аз чароғ равшан шудани шифт, аз қаъри торикӣ расмҳои барзагову хук ва гавазнҳо, ки одами қадима кашида буд, як ба як намоён шудан гирифт. Расмҳо бо рангҳои сурхчатоб ва рангҳои дигар кор карда шудааст. Сирри он ҳанӯз ошкор нашудааст.*


Тасвири шикор бо воситаи тиру камон. Петроглифҳо

## Савол ва супоришҳо

1. Дар бораи кашфиётҳои археологии ғори Тешиктош нақл кунед.
2. Дар бораи машғулиятҳои одамони аз ҳама қадим чиҳоро медонед?
3. Сабабҳои ба вуҷуд омадани муғчаҳои эътиқоди диниро номбар кунед.
4. Дар расмҳои аввалин чиҳо тасвир ёфтааст? Барои чӣ?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 3. ҶАМЪИЯТИ АВЛОДӢ

## Даври охирини палеолит

Дар даври охирини палеолит **(ҳазорсолаи 40–12 пеш аз мелод )** воқеаҳои зиёд рӯй дод. Дар ин давра техникаи коркарди санг ва усулҳои сохтани олотҳои меҳнат тағйир ёфт. Қобилияти ақлӣ ва намуди зоҳирии одам низ тағйир ёфт. Дар ин давра одами ба намуди замонавӣ соҳиб кроманён зиндагӣ мекард.

| Манзилгоҳҳои оиди даври охирини палеолит | → | Дар ҳудуди шаҳри Самарқанд, дар вилояти Тошканд (Кӯлбулок), дар водии Фарғона ҷойгир шудааст. |
|---|---|---|

Ҳамин тавр, дар даври охирини палеолит инсоният дар тараққиёти худ ба як зина боло баромад. Одамон ба гурӯҳҳои хурди аз хешовандон таркиб ёфта – **ҷамоаҳои авлодӣ** муттаҳид гардиданд.

Аъзоёни авлод дар як манзил зиндагӣ мекарданд. Якчанд авлодҳое, ки дар як ҷо зиндагӣ мекарданд, **қабиларо** ташкил мекарданд.

Сохтмони манзилгоҳ (паноҳгоҳ) як ихтирои муҳими мардуми палеолити охир буд. Барои тайёр кардани либосҳо пӯсти ҳайвонотро истифода бурдаанд.

### Одам дар даври охири палеолит:

- ҳосил кардани оташро;
- зебу зинат (мунчоқ, тӯмор,ҳалқа) сохтанро;
- сарпаноҳ сохтанро;
- сохтани олотҳои меҳнатии бурранда ва арракунандаро омӯхт.



Ҷамоаи авлодӣ



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Даври мезолит

**Инсон дар даври мезолит:**

- тиру камон сохтанро омӯхт;
- ҳайвонҳоро ба ром кардан сар кард;
- бо зироаткорӣ ва чорводории ибтидоӣ шуғл варзид.

Мезолит – даври миёнаи санг ҳазорсолаҳои 1**2–7 пеш аз мелодро** дар бар мегирад. Бо оғози даври мезолит, даври яхбандӣ ба охир расид, ки боиси мӯътадил шудани иқлим ва тағйирёбии тарзи ҳаёти одамон гардид.

| Манзилгоҳҳои оиди даври мезолит дар Осиёи Миёна | → | Обишир ( водии Фарғона)<br>Кӯшилиш (воҳаи Тошканд)<br>Мачай (вилояти Сурхондарё) |
|---|---|---|

Дар охири даври мезолит одам **ба ром кардани** ҳайвонот шурӯъ кард. Ҳайвоноти зинда ба даст афтода (баррачаҳо, бузғолаҳо)-ро одамон накушта, онҳо ба сифати захираи хӯрокӣ нигоҳ дошта мешуд.

## Ром намудани саг

Шикорчиён сагро ба даст ром карданд. Шояд ин ҳодиса чунин рӯй дод:

*Рӯзе пагоҳӣ ду бача аз ғор баромада, сағбачаеро диданд. Ӯ ба устухонҳое, ки дар назди ғор партофта шуда буд, наздик мешуд. Модарашро ҳайвонҳои ваҳшӣ кушта буд. Барои ҳамин он танҳо ва гурусна буд. Гуруснагӣ ӯро ба манзили мардум мебарад. Вақте ки бачаҳо ӯро диданд, шодӣ мекунанд ва ба*



Айнан гуруснагӣ сагро ба манзилгоҳҳои одамон бурда бошад.



Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*тарафи ӯ медаванд. Сагбача метарсад ва дар паси бутта пинҳон мешавад.*

*Бегоҳӣ боз дар назди ғор пайдо мешавад. Он рӯз, ки шикор бобарор буд, дар назди ғор аз ҳарвақта бештар устухонҳо ва боқимондаҳои ғизо вуҷуд дошт. Вақте ки садои одамон хомӯш мешавад, сагбача ба ғор наздик мешавад ва устухонро ба хоидан шурӯъ мекунад.*

*Ӯ рӯзи дигар боз ба назди ғор меояд. Ӯ дар паноҳгоҳе дар наздикии ғор зиндагӣ мекунад. Одамон устухонро партоянд, он пинҳон омада, онро гирифта мегурезад.*

*Рӯзе сагбачаи шиносе ба ғоре, ки дар он одамон зиндагӣ мекарданд, мисли тир шитофта даромад. Гург ӯро таъқиб мекард. Сагбача аз мардум паноҳ ёфта ба дохили он даромад. Ин вазъият дар одамон ҳисси дилсӯзие, ки ба онҳо номаълум буд, бедор кард. Бачаҳо ба ӯ гӯё ба бозичаи зинда менигаранд, нигоҳ мекарданд. Гӯш ва думи ӯро мекашиданд. Рӯзҳо гузаштанд. Саг калон шуд ва ба одамон одат кард. Шабе ҳама аз аккос задани ӯ бедор шуданд. Онҳо бархеста сагро заданӣ шуданд. Аммо онҳо диданд,ки дар даҳони ғор ду хирс истодааст. Баъди он ки хирсҳоро «ҳай-ҳай» карда пеш карданд, чанде аз одамон омада, сагро сила карда, ташаккур гуфтанд. Зеро саг онҳоро аз марг наҷот дод.*

*Баъди ин саг ҳамроҳи доимии одамон гардид.*

**Фикр кунед**

Барои чӣ одамон аввал айнан сагро хонагӣ карданд?



Сагҳо сайди ҳайвонҳоро осон гардонид



Книга предоставлена исключительно в образовательных целях UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Ривоҷёбии деҳқонӣ ва чорводорӣ

### Одам дар даври неолит:

- аз санг микролитҳо, аз риштаҳо бофтаҳо, аз гил зарфҳои сафолин сохтаст;
- манзилгоҳҳои доимӣ бунёд кардааст;
- ба тарзи ҳаёти муқимӣ гузаштааст.

Дар даври неолит – даври нави санг инсон ба **хоҷагиҳои истеҳсолӣ** – кишоварзӣ ва чорводорӣ дар ҳудудҳои гуногуни Шарқи қадим мегузарад.

| | | |
|---|---|---|
| Хоҷагии азхудкунанда | → | Ғунучинӣ, шикор, моҳидорӣ |
| Хоҷагии истеҳсолӣ | → | Деҳқонӣ, чорводорӣ |

Даври неолит дар Осиёи Миёна **ҳазорсолаҳои 6–4 пеш аз мелодро** дар бар мегирад. Археологҳо ибтидои даври неолитро бо кашфи зарфҳои сафолин қайд мекунанд. Дар даврҳои мезолит ва неолит одам ба сохтани олоти хурди меҳнат аз санг – микролитҳо, ба кор бурдани усулҳои қаблан номаълуми коркарди санг – сайқал додан ва пармакунӣ, сӯрохиҳо шурӯъ карданд.

Сохтани зарфҳо аз гил дар оташ пазондани он – **кулолгарӣ**, аз нахҳо ва пашм тайёр кардани либос – **бофандагӣ** кашфиётҳои муҳими даври неолит мебошанд.



Хонаҳои даври неолит.
*Барқароршуда*

### Савол ва супоришҳо

1. Ихтирооти муҳими даври охири палеолитро номбар кунед.
2. Тир ва камон кай ихтироъ шудааст?
3. Тасаввур кунед, ки ҳафриётӣ археологӣ дар як манзилгоҳи неолит. Дар ин манзилгоҳ чиҳоро ёфтан мумкин аст?
4. Кашфиётҳои даври неолитро номбар кунед.



Олотҳои майдаи сангин – микролитҳо



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 4. ЭНЕОЛИТ ВА ДАВРИ БИРИНҶӢ

Дар охири даври неолит одамон истифода бурдани мис ва аз он сохтани олотҳои меҳнатиро ёд гирифтанд. Ин бешубҳа яке аз бузургтарин кашфиётҳои он давр буд.

## Хусусиятҳои асосии даври оҳан

Даври олотҳои аз мис сохташударо баробари истифодаи олотҳои аз санг сохташуда **энеолит** – асри мису санг номида мешавад. Ин давр ба миёнаи ҳазорсолаҳои 4–**3 пеш аз мелод** рост меояд.

Рушди маъдангудозӣ ба маданияти моддӣ ва мадании одамон таъсири калон расонд. Дар ҳазорсолаи 4 пеш аз мелод дар Шарқи қадим аввалин шаҳру давлатҳо ба вуҷуд омадаанд.

Дар ҷануби Осиёи Миёна **зироаткории сунъии обӣ** ба вуҷуд омада, аз хишти хом ба сохтани манзилгоҳ шурӯъ намуданд, барои пухтани зарфҳо аз хумдонҳои кулолгарӣ истифода бурданд.

Зарфҳои сафолин бо тасвирҳои ҳайвону паррандаҳо ва нақшҳои растанӣ (баргҳо, гулҳо) оро дода мешуданд.

Одамон мисро гудохта қалъагӣ, қӯрғошим ёки рух ҳамроҳ карда, ҳосилкунии биринҷиро омӯхтанд.

Биринҷи азбаски нисбат ба мис сахт буд, дар **мобайни ҳазорсолаи 3 пеш аз мелод** ба оҳистагӣ дар сохтани олотҳои меҳнат, силоҳу аслиҳа ва зебу зинатҳо ба ашёи асосӣ мубаддал гардид.

Одамоне, ки асбобу анҷоми биринҷӣ доштанд, акнун метавонистанд киштзорро хеле беҳтар кор карда, майдони киштро васеъ кунанд. Оқибат дар ихтиёри онҳо маҳсулоти зиёдатии кишоварзӣ ба вуҷуд омад. Дар даври биринҷӣ одамон **чархи кулолгарӣ** ва **ғилдирак** (чархро) кашф намудаанд. Ҳамин тариқ аробаҳои нахустин пайдо шуд.


Шикори моҳӣ


Сохтан ва пухтани зарфҳои сафолин



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Инсон дар даври энеолит:**

- олотҳои аз мис коркардшуда;
- сохти обёрии сунъӣ;
- хишти хомро;
- хонаҳои бисёр хуҷрадорро;
- шаҳр ва давлатҳои нахустинро бунёд кард.

## Оғози патриархат

Дар натиҷаи шудгор кардани замин бо омоч, зироаткорӣ кардан, бо чорводорӣ ва ҳунармандӣ машғул гардидан, авлодро бо маводи зарурӣ таъмин кардан ба дасти мардон гузашт. Корҳои рӯзгор ба дӯши занҳо монд.

Акнун дар оилаи авлодӣ мардон мавқеи муҳимро ишғол мекарданд. Хешутаборӣ бо номи мардон муайян карда шуда, **даври патриархат** оғоз ёфт. Оила аз якчанд авлоди хешовандони наздики падар ташкил меёфт.

## Манзилгоҳҳои деҳқонони даври биринҷӣ

Яке аз манзилгоҳҳои қадимаи даври биринҷӣ дар қарибии кӯли **Замонбобо** дар ҳавзаи дарёи Зарафшон (ноҳияи Қоракӯли вилояти Бухоро) ёфт шудааст. Дар воҳаи Хоразм манзилгоҳҳои даври биринҷӣ низ омӯхта шуданд.

Археологҳо дар воҳаи Сурхондарё қароргоҳҳои қадимаи зироаткорони **Сополлитеппаро** (ноҳияи Музработ, **охири ҳазорсолаи 3 пеш аз мелод – ҳазорсолаи 2**) ёфтанд.



Зарфҳои сафолин

Дар даври биринҷӣ дар ҷануби Осиёи Миёна аввалин шаҳру давлатҳо дар асоси рушди кишоварзӣ ва ҳунармандӣ ба вуҷуд омаданд. Тақрибан 4000 сол пеш зироаткорон дар наздикии Шерободи ҳозира (вилояти Сурхондарё) манзилгоҳи нав бунёд карданд. Харобаҳои он бо номи **Ҷарқӯтон** (ҷарии болои қӯтон) машҳур аст.

Ин манзилгоҳ воқеан чӣ гуна буд? Биёед кӯчаҳои онро сайр карда тамошо кунем. Ҷарқӯтон қалъаест, ки намуди шаҳр дошта, ба асри биринҷӣ тааллуқ дорад, дар дарун ва гирду атрофи он хонаҳои косибон ва деҳқонон, ки аъзоёни ҷамъият мебошанд, ҷойгир



Нӯгҳои тирҳои камон

Зарфҳои сафолини даври биринҷӣ





Копия предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

шудаанд. Аз дохили қалъа боқимондаҳои қасри сардори ҷамоа ёфт шудааст.

Археологҳо боқимондаҳои ибодатхонаеро, ки ба оташпарастӣ ва обпарастӣ дар Ҷаркӯтон алоқамананд, омӯхтанд.

Дар даври биринҷӣ дар байни аҳолии қадимаи кишвари мо ва халқҳои Шарқи қадим робитаҳои маданӣ васеъ оғоз ёфтааст. Роҳҳои муҳими тиҷоратӣ аз воҳаҳои дарёҳо мегузаштанд.



Тумори сангине, ки дар он морон тасвир ёфтаанд. Ҳазорсолаи 2 пеш аз мелод

## Саёҳат ба даври биринҷӣ

Биёед, ба яке аз манзилгоҳҳои қадима сафар карда бубинем, ки одамон дар он ҷо чӣ тавр зиндагӣ кардаанд.

*Мо дар қисми марказии манзилгоҳи Сополлитеппа воқеъ гардидаем. Манзилгоҳ бо девори муҳофизатӣ иҳота шудааст. Душманоне, ки девори беруниро вайрон карда, ба манзил даромаданӣ мешуданд, ба дом меафтоданд. Дар ин вақт муҳофизони қалъа ба сари онҳо тиру сангҳо мерехтанд. Ба Сополлитеппа аз як дарвоза ворид мешуданд. Он*

**Фикр кунед**

Дар даври биринҷӣ одамон кадом душвориҳоро паси сар карданашон лозим буд?



*Сополлитеппа. Барқароршуда*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Фикр кунед**

Аз матни дар китоби дарсӣ додашуда истифода бурда, саёҳати худро ба даври биринҷӣ тасаввур намоед. Нисбат ба даври пештара дар ин давра чӣ гуна навгониҳо пайдо шудааст?

*хеле хуб муҳофизат карда мешуд. Мо роҳи худро дар яке аз ҳашт мавзеи қалъа идома медиҳем. Ҳама кӯчаҳои ин ҷо ба майдони марказӣ мебаранд. Дар майдон савдо бо ҷӯшу хурӯш давом дорад. Кулолгарон гулдонҳои дароз, кӯза ва хумчаҳои дар чархи сафолӣ сохташударо баровварда мефурӯшанд. Занон ба ҷавоҳироти аз сангҳои нодир ва биринҷӣ сохташуда – гӯшвору маҳтобӣ, тӯмор ва оинаҳоро тамошо карда истодаанд.*

*Дӯзандагон матоъҳоро намоиш медоданд. Дар канор деҳқонону чорводорон гандум, ҷав, пӯсти ҳайвонот ва ашёҳои пӯсти худро ба фурӯш мебурданд.*

*Маълум аст, ки сокинони даври биринҷӣ дар ҳунармандӣ, бофандагӣ, кулолгарӣ, заргарӣ ва сохтмон комёбиҳои бузург ба даст овардаанд. Аммо зиндагии мардуми даври биринҷӣ пур аз машаққат буд. Онҳо тамоми рӯз кор мекарданд. Табиат ба ивази ин ба онҳо неъматҳои худро инъом мекард. Танҳо субҳи кӯдакони хурдсол беғубор буд.*



Ибодатхонаи Ҷаркӯтон. *Барқароршуда*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


Марҷонҳо


Дастпонаи
аз биринҷӣ
сохташуда

*Субҳидам чӯпонҳо чорвои худро ба чарогоҳ мерондaнд ва деҳқонон ба саҳро мешитофтанд. Бо онҳо шикорчиён низ баромада, оҳуҳое, ки барои об нӯшидан меомаданд, мепоиданд. Моҳигирҳо сӯйи дарё мерафтанд.*

*Кулол гил тайёр мекард, шогирдонаш ба танӯрҳо оташ меафрӯхтанд. Устохонаи дар паҳлӯи онҳо барои гудохтани биринҷӣ буд, барои зарфҳои биринҷӣ маъданҳои гудохташуда ба қолабҳо рехта мешуданд. Заргарон биринҷиро коркард карда, дастпона ва оина месохтанд. Занҳо қолин мебофтанд, ғалла ҷамъ мекарданд, хӯрок мепӯхтанд, фарзандонро тарбия мекарданд. Ин корҳо ҳар рӯз такрор мешуданд.*

*Ҳаёт ҳамин тавр давом мекард.*


Оинаҳои биринҷӣ


Ашёҳои аз биринҷӣ сохташуда: табар, тир ва нӯги найза, ханҷар

**Савол ва супоришҳо**

1. Муваффақиятҳои асосии даври энеолитро гуфта диҳед.
2. Чаро ҷараёни аз матриархат ба патриархат гузаштан ба амал омад?
3. Дар бораи ёдгориҳои асри биринҷӣ, аз қабили Сополлитеппа ва Ҷаркӯтон нақл кунед.
4. Ба асри биринҷӣ саёҳат кунед. Дар бораи чӣ гуна зиндагӣ кардани мардуми ин давра нақл кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 5. ОСИЁИ МИЁНА ДАР ДАВРИ ГУЗАРИШ БА АСРИ ОҲАН

## Истифодаи оҳан

Пас аз чандин асрҳо, баъди он ки одамон аз мис ва биринҷӣ сохтани олотҳои меҳнатро ёд гирифтанд, имконияти **аз оҳан сохтани олотҳои меҳнат** фароҳам омад. Ин раванд меҳнати зиёдеро талаб мекард, зеро оҳан дар ҳарорати хеле баланд (1500°C) нисбат ба мис гудохта мешавад. Дар айни ҳол, оҳан нисбат ба мис ва биринҷӣ хеле сахттар буд.

Аз оҳан бори аввал хеттҳои Осиёи Хурд дар асрҳои XIV–XIII пеш аз мелод истифода бурдаанд.

Оммавӣ гаштани ашёҳои оҳанин оҳиста-оҳиста идома ёфт. Азбаски оҳани соф як металли нодир дар табиат аст, дар ибтидо аз он ашёҳои ороишӣ сохта мешуданд. Чунин ороишҳо аз мақбараи фиръавни Миср Тутанхамон ёфт шудаанд.

Аввалин асбобҳои аз оҳан сохташуда дар асрҳои IX–VIII пеш аз мелод аз Осиёи Миёна ҳам ёфт шудааст.

Истеҳсоли олотҳои меҳнатӣ аз оҳан, пеш аз ҳама, ба тараққиёти деҳқонӣ таъсир расонд. Омочҳо ва табарҳои нӯгашон оҳанин пайдо шуданд. Ин олотҳои меҳнат барои рушди зироаткорӣ дар майдонҳои калон шароит фароҳам овард. Аввалин олотҳои меҳнатии аз оҳан сохташуда дар Осиёи Миёна **ба асрҳои IX–VIII** пеш аз мелод тааллуқ дорад.



Пайконҳои оҳанин ва биринҷӣ, корди досшакл



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




## Сохти иҷтимоӣ

Васеъ паҳн гардидани олотҳои меҳнати оҳанин ҳосилнокии меҳнатро баланд бардошт ва ин барои боз ҳам инкишоф ёфтану гузаштан ба усулҳои истеҳсолӣ заминаро ба вуҷуд овард.

Дар ибтидои асри оҳан аҳолии Осиёи Миёна ба гурӯҳҳои гуногун тақсим шуд: рӯҳониён, ҷанговарон, чорводорон, деҳқонон ва ҳунармандон аз ҷумлаи онҳоанд.

Мо аз «Авесто» медонем, ки дар Осиёи Миёна оилаи калони патриархалӣ вуҷуд дошт, ки асоси ҷамъиятро ташкил медод.

Якчанд чунин оилаҳо ҷамоаи ҳудудии ҳамсоягиро ташкил кардаанд. Аъзоёни оилаҳои калон манзилгоҳҳои ҷудогона доштанд, корҳои хоҷагиро якҷоя ба амал мебароварданд, олотҳои меҳнати шахсии худ, захираи маҳсулоти кишоварзӣ ва рамаи чорво доштанд.

Дар даври гузариш ба асри оҳан дар Осиёи Миёна сохти ҷамъият ҳамингуна буд.


Гурзандози сангин. Асрҳои IX–VIII пеш аз мелод


Сари рӯҳонӣ. Ҳайкалчаи сангин. Асрҳои X–IX пеш аз мелод. Воҳаи Сурхондарё

### Савол ва супоришҳо

1. Истифодаи ашёҳои оҳанин кай оғоз ёфтааст?
2. Оғозёбии сохтани олоти меҳнат аз оҳан дар ҷамъият ба кадом тағйиротҳо оварда расонд?
3. Дар ибтидои асри оҳан дар Осиёи Миёна аҳолӣ ба кадом гурӯҳҳо тақсим мешуданд?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ФАСЛИ II
# ШАРҚИ ҚАДИМ ВА ОСИЁИ МИЁНА

## § 6. ВОДИИ НИЛ ВА АҲОЛИИ ОН




### Миср – инъоми Нил

Нили сероб, ки ҳамроҳи худ ҳавои салқини ҳузурбахш ва ҳосили фаровон меовард, бо виқор ҷорӣ мешавад. Дарёи бузург барои дар шимолу шарқии Африқо ба вуҷуд омадани тамаддун замина ҳосил кардааст.

Нил дарёи калони пуршуда ҷоришаванда, 6 ҳазор километр дарозиро дар бар мегирад. Қисми поёни дарё аз 3 км то 22 километр васеъгӣ, аз саҳроҳои серҳосили сиёҳхок иборат аст. Водигиён ба кишвари худ **«Хоки сиёҳ»** ёки **«Инъоми Нил»** гуфта ном гузоштаанд. Дар замонҳои гузаштаи қадима водии Нил бо ботлоқзори бо буттаҳои **папируси** ба ҳам пайваста, маскани одам нагузарандаро фаро гирифта, дар об тимсоҳҳои бешумори дарранда зиндагӣ мекарданд, рамаҳои ҳайвоноти ваҳшӣ






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Дар соҳили дарёи Нил

дар заминҳои хушк сайр мекарданд, морҳои заҳрнок дар ботлоқзорҳо зиндагӣ мекарданд.

**Дар аввалҳои ҳазорсолаи 4 пеш аз мелод** одамон барои азхудкунии заминҳои соҳили дарёи Нил камар бастанд.

## Машғулияти мисриён

Дар солҳое, ки дарёи Нил сероб гардида, саҳроҳоро бо об пахш мекард, ҳосили деҳқонони мисрӣ ҳам пурбаракот мегардид.

Мисриён гандум ва чав, инчунин зироатҳои полизӣ кишт мекарданд ва аз бангдонаи рӯёндаашон газвор мебофтанд. Дар водии Нил меваю сабзавот, аз қабили ангур, харбуза, анор, хурмо, пиёз, бодиринг ва лӯбиё парвариш карда мешуд.

Дар замонҳои қадим заминро бо омоч шудгор карда, бо даст тухмӣ пошида, барои тухмиро ба хок омехта кардан чорвои калони шохдорро аз болои замин ҳай карда мегузаштанд. Баробари такмил ёфтани олоти меҳнат аз қувваи ҳайвонот ва омоч истифода мебурдагӣ шуданд.

### Фикр кунед

Худатонро мисли деҳқони Мисри қадим тасаввур карда, дар бораи меҳнати деҳқонони мисрӣ ҳикоя кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Мисриён гову гӯсфанд ва буз парвариш мекарданд ва барзаговҳоро барои корҳои саҳро истифода мебурданд.

Мисриён дар вақти оғози ғунучини ҳосил хӯшаҳоро бо досҳои мисин даравида, сипас ба ҷойи махсус мекашонданд ва зироатҳоро тавассути рондани ҳайвонот аз болои гандум ё ҷав мекӯфтанд. Ҳосили хирманро дар хумҳои сафолин нигоҳ медоштанд. Тадбири мазкур ғалладонаро аз хояндагони зараррасони бешумор муҳофизат мекард.



Хонаи ҳунарманди мисрӣ

## Ривоҷёбии ҳунармандӣ

Ҳунармандони Мисри қадим зиёда аз 30 касб доштанд. Мисгарон мисро гудохта, аз он олотҳои меҳнат месохтанд. Кулолгарон аз гил зарфу табақҳои гуногун сохта, онҳоро дар хумдонҳои махсус мепухтанд. Бинокорон қасрҳо, ибодатхонаҳо ва хонаҳо барпо кардаанд. Хонаи мисриёни оддӣ аз пояҳои папирус, ки бо гил андова карда шуда буд ва хонаҳои ашрофон бошад аз хишти хоми дар офтоб хушкшуда сохта шуда буданд. Қасрҳои фиръавнҳо ва ибодатхонаҳо аз сангҳо сохта шудаанд. Дуредгарон



Таҷҳизоте, ки об мебароварад



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

дару тиреза месохтанд. Киштисозон аз қамиш қаикҳо, аз чӯбҳо бошанд, киштиҳо месохтанд. Бофандагон барои либос матоъҳо тайёр кардаанд, дӯзандаҳо либос дӯхтаанд. Заргарон аз тилло ва сангҳои қиматбаҳо ҷавоҳирот месохтанд.



Тоҷҳои фиръавнҳои Мисри қадим

## Ташкилёбии давлати Миср

Одамон дар охири ҳазорсолаи 4 пеш аз мелод ба шароиту тарзи зиндагонии пурмашаққати водии Нил мутобиқ шудан гирифтанд. Манзилгоҳҳои пароканда ба давлатҳои аввалини хурд бо номи **«ном»** муттаҳид шудаанд. Онҳоро **номархҳо** идора кардаанд.

Бо мурури замон сарварони қабилаҳо оҳиста -оҳиста ба ҳукмдорон – шоҳон табдил ёфтанд.

Дар Миср ду подшоҳ ҳукмронӣ кардааст. Яке дар Мисри Поён (Шимолӣ) ва дигаре дар Мисри Боло (Ҷанубӣ) ҳукмронӣ кардааст. Дар набарде, ки байни ду давлат **соли 3000 пеш аз мелод** оғоз ёфт, ҳукмдори Мисри Болоӣ **Менес** ғалаба мекунад. Вай **фиръавни** – ҳукмдори аввалини мамлакати муттаҳидшуда шуд. Шаҳри **Мемфис** ҳамчун пойтахти нав барои давлати ягона ва муттаҳид барпо карда шуд.




Дар давоми солҳои зиёд ҳукмдорони «ном»-ҳо сарвати худро зиёд карданд, ки дар натиҷаи ин Миср ба «ном»-ҳои алоҳида тақсим шуда, ба давлатҳои мустақил табдил ёфт. Бо мурури замон муттаҳидшавии мамлакат ба амал омад. Пойтахти ин давлат шаҳри **Фива** буд.



Манзараи овардани ҳадяҳо ва андоз ба қаср

**Савол ва супоришҳо**

1. Чаро мисриён кишвари худро «Инъоми Нил» тавсиф кардаанд?
2. Чаро шароити табиии Мисри қадим барои деҳқонӣ мусоид буд?
3. Дар бораи ҳунармандони Мисри қадим нақл кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 7. МИСРИ ҚАДИМ ВА КИШВАРҲОИ ҲАМСОЯ

## Ҳамсояҳои Мисри қадим




Миср аз ҷануб бо Нубия (Судани Шимолӣ) ҳамсарҳад буд. Дар ғарби Миср, дар биёбони **Ливия** кишваре бо ҳамин ном вуҷуд дошт. Сокинони биёбон чорводорони бодиянишин буданд. Дар Мисри Поёнӣ роҳ ба воситаи шаҳри Мемфис гузашта ба нимҷазираи Синай мебурд, дар ин ҷо бошад мисро кофта мегирифтанд. **Фаластин** дар шимоли нимҷазираи Синай ва **Сурия** дар паҳлӯи он ҷойгир аст. Ин мамлакатҳо аз маъдани мис ва оҳан ва дигар канданиҳои фоиданок бой мебошанд.

Мисриён аз Фаластин ва Сурия ашёи нодир ва сангҳои қиматбаҳои ҳунармандиро овардаанд.

## Истилои фиръавнҳо

**Фикр кунед**

Ба фикри шумо чаро қабилаҳои бодиянишин тавонистанд лашкари Мисрро мағлуб кунанд?

Дар даври шоҳигарии Қадим нимҷазираи Синай забт карда шуд, қабилаҳои маҳаллӣ ба Миср хироҷ пардохт мекарданд. Фиръавнҳо ба Нубия ва Ливия ҳам юриш ташкил карда, шаҳрҳоро толону тороҷ карда, ба асирон, чорво ва дигар бойигариҳо соҳибӣ намуданд.

Фиръавнҳои шоҳигарии Миёна тавонистанд, ки заминҳои Фаластини Ҷанубӣ ва шимоли Нубияро ба Миср ҳамроҳ кунанд. **Дар охири асри XVIII пеш аз мелод** қабилаҳои бодиянишини гиксосҳо ба Миср ҳамла карданд. Гиксосҳо Мисри Поёниро забт намуда, шаҳру деҳотҳои мисриёнро ғорат карда, одамонро ба асирӣ burданд.

Дар ин вақт, шоҳигарӣ ба бисёр «ном»-ҳои хурд тақсим шуда буд, ки онҳо ба гиксосҳо хироҷ медоданд. Танҳо ҳукмдорони шаҳри Фива ба гиксосҳо итоат намекарданд.

Ҳукмдорони «ном»-ҳо, ки дар тараддуди халос шудан аз зулму истибдоди истилогарон буданд, дар атрофи шаҳри Фива муттаҳид шудан гирифтанд. Дере нагузашта тамоми «ном»-ҳои Мисри Болоӣ дар атрофи фиръавни «ном»-и Фива муттаҳид гардиданд.

Овардани тӯҳфаҳо ва андоз ба фиръавни Миср. Расм дар девори мақбара





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Натичаҳои юришҳои фиръавнҳо

Фиръавн **Яхмос** дар чандин чангҳо гиксосҳоро мағлуб карда, истилогаронро аз Миср пеш кард. Ҳукмдорони беитоатро мутеъ карда, Яхмос асосгузори сулолаи нави фиръавнҳо гардид ва даври шоҳигарии Нав аз замони ҳамин фиръавн оғоз ёфт.

Ҳукмдорони шоҳигарии Нав муборизаро ба давлатҳои ҳамсоя давом доданд. Фиръавнҳо ба мамлакатҳои Нубия ва Осиёи Пеш ҳуҷумҳоро оғоз намуданд.

Дар даври фиръавн **Тутмос II** фатҳи Фаластин, Финикия ва Сурия оғоз ёфт. Пас аз он, фиръавн **Тутмос III** юришҳоро идома дод. Дар Осиёи Пеш ҳукмронии мисриён барқарор шуд. Дар асри VII пеш аз мелод Миср боз ба давлати ягона муттаҳид карда шуд, дар иқтисодиёт ва маданияти ин мамлакат болоравӣ оғоз ёфт. Аммо ба Миср боз як душмани нав зада даромад.

Писари шаҳаншоҳ **Кир II – Камбиз II** аз форсҳо лашкари калон чамъ оварда, соли 525 пеш аз мелод Мисрро забт намуд.






Оғозёбии чанг.
*Расми муосир*

### Савол ва супоришҳо

1. Кишварҳои ҳамсояи Мисри қадимро номбар кунед.
2. Фиръавнҳои Мисри қадим кадом кишварҳоро забт карданд?
3. Дар даври ҳукмронии кадом фиръавн ба рондани гиксосҳо аз кишвар муваффақ шуданд?
4. Кӣ кай Мисрро забт кард?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 8. ДИН ДАР МИСРИ ҚАДИМ

## Худоёни мисриён



Худои Офтоб – Ра

Барои аҳолии Миср дин як ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти ҳаррӯза ҳисобида мешуд. Мисриёни қадим боварӣ доштанд, ки худоҳо дар байни одамон дар шакли ҳайвонот, ба монанди гурба, гӯсфанд, барзагов, шер ва гов зиндагӣ мекунанд. Мисриён боварӣ доштанд, ки худоён якчанд ҷон доранд: яке дар ҷуссаи ҳайвон ва дигаре дар ҳайкали он зиндагӣ мекунад. Диндорон коҳинон – рӯҳониёни ибодатхонаҳо, худоёнро бо маводи инъомгардида мепарварад, гӯён меҳисобиданд.

Пойтахти шоҳигарии Мисри қадим Мемфис худои худ – **Птах** дошт. Мисриён боварӣ доштанд, ки Птах ҳангоми офариниши коинот ба инсон номҳои ҳама чизро омӯзонидааст. Птах бошад, мувофиқи эътиқоди мисриён бо ҳамин дараҷа пурқувват аст, ки илоҷи дар қиёфаи асл дидани он нест. Аз ин рӯ, шакли заминии худои Птах **Апис** аст, ки ҳамчун гови сиёҳи пешона ва миёнаш сафед тасаввур гардидааст.

Худои Офтоб **Амон-Ра** худои асосӣ ва сарпарасти фиръавнҳо ҳисобида мешуд. Дар аввал ду худо буданд: сарпарасти шаҳри Фива **Амон**, ва худои Офтоб **Ра**, ва сипас ҳарду ба худои ягона муттаҳид шуданд.



Тасвири суди Осирис, ки ба папирус кашида шудааст



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Маросими дафн, ки ба папирус тасвир ёфтааст

**Фикр кунед**

Ба андешаи шумо тафовут байни дини мисриён ва эътиқодҳои ибтидоӣ чӣ гуна буд?

Ибодатхонаи ӯ дар **Гелиопол ( Баолбек )** буд. Чунин ақида вуҷуд дошт, ки фиръавнҳо писарони худои Офтоб буданд ва ҳукмдорон ҳама корро бо фармони падари осмонии худ анҷом медоданд.

**Хапи** – худои дарёи Нил, сарчашмаи асосии ҳаёт ва парастор дар Миср ва худои салтанати зеризаминӣ **Осирис** ҳисобида мешуд.

## Коҳинон ва ибодатхонаҳо

Коҳинон дар байни худоҳо ва одамон воситачӣ ҳисобида мешуданд. Мувофиқи эътиқоди мисриён агар дар рӯйи Замин маросимҳои махсус баргузор нашаванд, худоён ба одамон кӯмак намекунанд гӯён бовар мекарданд. Коҳинон расму оинҳои диниро медонистанд ва қурбонӣ мекарданд. Ҳатто дар ҳаёти ҳаррӯза, бе коҳинҳо кор кардан душвор буд.

Коҳинҳо вақти обхезии Нил, ғалладона пошидан ва кай муддати ҷамъоварии ҳосилро аниқ медонистанд. Дар тамоми «ном»-ҳо ибодатхонаҳо буданд ва фиръавнҳо ба онҳо бойигариҳои калон ва заминҳоро ҳадя кардаанд.



Дар дини Мисри қадим ҳимоятгари тахти Осирис худои Хапӣ ҳам буд

**Савол ва супоришҳо**

1. Дар бораи дини мисриёни қадим ба мо нақл кунед.
2. Киҳо дар Мисри қадим писарони худои Офтоб ҳисобида мешуданд?
3. Мувофиқи афсона кадом худои мисрӣ ҳамчун барзагов муаррифӣ шудааст?
4. Байни дини мисриёни қадим ва эътиқоди мардуми ибтидоӣ чӣ монандиҳо мавҷуданд?
5. Ки байни худоён ва одамон воситачӣ ҳисобида мешуд?
6. Сабаби обрӯ ва қудрати коҳинони мисрӣ дар чӣ буд?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 9. АҲРОМҲО ВА МАҚБАРАҲО

**«Ҳама чиз аз вақт метарсад, вақт бошад аз аҳромҳо!»**



Намуди водии аҳромҳо дар қадим. *Барқароршуда*

Дар даври шоҳигарии Қадим ва Миёна **аҳромҳое**, ки аз ҷониби мисриён барпо карда шуданд, манзили дафни фиръавнҳо – **мақбараҳо** буданд. Дар тӯли ҳазорсолаҳои охир бисёр шаҳрҳо ва давлатҳо аз байн рафтанд, ибодатхонаҳо ва қасрҳо ба харобазор мубаддал ёфтанд, танҳо аҳромҳо аз вақт наметарсанд, танҳо аҳромҳо зиёда аз 4 ҳазор сол тағйир наёфта истодаанд.

Аҳромҳои аз ҳама машҳур дар наздикии шаҳри Мемфис барои се – фиръавн **Хуфу, Хафра ва Менкаура** сохта шудаанд. Аҳромҳои мазкур яке аз ҳафт мӯъҷизаи ҷаҳон буда, онҳо то имрӯз маҳфуз мебошанд. Аҳроми аз ҳама калон Хуфу (юнониён онро **Хеопс** меномиданд)



Аҳроми фиръавн Хуфу (Хеопс) ва ҳайкали Сфинкс

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Сохтмони аҳром

буда, он тақрибан соли 2600 пеш аз мелод сохта шудааст. Баландии он 147 метр буд.

Аҳром аз 2,5 миллион дона санг сохта шудааст, ки вазни ҳар яке беш аз ду тоннаро ташкил медиҳад. Сангҳо чунон суфта карда шудааст, ки фосилаи байни онҳо аз 0,5 миллиметр зиёд нестанд.

Водии шоҳҳо, ки дар даври шоҳигарии Нав барои фиръавнҳо мақбараҳо сохта шудааст





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Навиштаҷотҳои ба деворҳо ва сутунҳои ибодатхона кандакорӣ кардашуда

Дар дохили аҳром якчанд ҳуҷраҳое ҳастанд, ки бо даҳлез пайваст гардидаанд. Дар яке аз онҳо **тобути сангин – саркофаг**, ҷойгир аст, ки дар он ҷасади мӯмиёшудаи фиръавн андохта шудааст.

Даруни даҳмаҳоро муноҷоту катибаҳои аз дуоибад иборат фаро гирифта, он барои ҳимояи фиръавн ва ҳангоми гузаштан ба ҳаёти дигар ба вай кӯмак расониданаш лозим буд.

Аҳромҳоро ҳайкали бузурги **сфинкс** – танааш шеру сараш одам посбонӣ мекард. Ҳайкали сфинкс – «Подшоҳи саҳро» аз санг коркардшуда буда, баландиаш ба 20 метр баробар аст.

Дар даври шоҳигарии Нав мисриён дигар аҳромҳоро насохтанд. Фиръавнҳоро дар мақбараҳои сангине, ки дар кӯҳсор парма карда мешуд, дафн мекарданд. Машҳуртарин мақбара ба фиръавн **Тутанхамон** тааллуқ дошт. Бойигариҳое, ки дар даруни мақбара мебошанду ба тасаввур намеғунҷанд, то замони мо расида омадаанд.



Тобути сангини (саркофаг) фиръавн Тутанхамон



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Мӯмиёкунӣ

Мисриёни қадим чунин меҳисобиданд, ки инсон баъди вафот карданаш ба салтанати марҳумон меравад, дар ҳамон ҷо умрашро идома медиҳад. Аммо ҳаёт дар салтанати маҳрумҳо, ба фикри мисриён, ба натиҷаҳои суди Осирис вобаста мебошад. Ба як паллаи тарозу дили марҳум, ба тарафи дигараш пари парранда гузошта мешавад. Мабодо паллаи тарозу баробар ояд, аз ин мебарояд, ки инсон дар ин дунё танҳо корҳои нек кардааст ва баъди вафоташ дар шароити аҷиб умрашро давом медиҳад. Мабодо, дил вазнинӣ кунад, аз ин мебарояд, ки инсон бисёр корҳои зиштро ба иҷро расонидааст, ба махлуқони бадбашара хӯрокӣ мегардад.

Барои дар назди Осирис дар қиёфаи зебо қад рост кардан мисриён ҷасади инсонро мӯмиё гардондаанд. Бо мӯмиёкунӣ коҳин – табибони мисрӣ шуғл варзидаанд. Одатан мӯмиёкунӣ қариб 70 рӯз давом кардааст. Баъди коркарди махсуси ҷасад он бо газворҳои зиёд печонда шудааст. Ба байни қати газворҳо туморҳое гузошта мешуданд, ки он ба марҳум гӯё омад меоварад. Мӯмиёкунӣ фақат ба хешовандони сарватманде насиб гардидааст, ки аз паси марҳум мондаанд.



Тутанхамон. Ниқоби тиллоӣ



Мӯмиёкунӣ

### Савол ва супоришҳо

1. Аҳромҳои Мисри қадим ба кадом мақсад сохта шуда буданд?
2. Ибораи «Ҳама чиз аз вақт метарсад, вақт бошад аз аҳромҳо!»-ро чӣ тавр мефаҳмед?
3. Аҳромҳои аз ҳама машҳури Миср дар куҷо сохта шудаанд?
4. Барои чӣ ҳангоми дафни фиръавнҳо ба мақбараҳо ашёҳои дар тӯли умри худ истифодашавандаро мегузоштанд?
5. Барои чӣ марҳумонро мӯмиё мекарданд?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 10. МАДАНИЯТИ МИСРИ ҚАДИМ

## Хат

Хати мисриёни қадим, яке аз аввалин хатҳои инсоният ба шумор меравад. Сараввал ҳар як хат дар намуди расм навишта шудааст. Аз хат барои дуоҳо ва навиштани маросимҳо истифода бурдаанд, аз ҳамин сабаб онро **«каломи муқаддас»** ёхуд **«каломи худоён»** номидаанд.

Юнониёни қадим онҳоро **«иероглифҳо»** номидаанд (маънои **«катибаи муқаддас»**-ро ифода мекунад). Хатҳо ба деворҳои мақбараҳо ва ба зери ҳайкалҳои худоён ҳаккокӣ гардидаанд. Барои навишт аз санг ва сафол низ истифода бурдаанд.



Папирус

Алифбои мисриён аз 750 иероглиф иборат буд. Ҳар як ҷумла дар худ чанд рамзу нишонаҳоро ифода сохтааст. Омӯзиши иероглифҳо ниҳоят душвор сурат гирифта, саводбарорӣ ба бисёриҳо насиб намегардид. Иероглифҳоро бо қилқалами қамишӣ дар папирусҳо менавиштанд. Рангҳои минералии мухталиф вазифаи сиёҳро адо мекард. Одамони соҳиби санъати ҳуснихат, шахсони дорои маълумоти володарача ва саводхони соҳиби имтиёзот ва иззату икром буданд.



Хаттотони Мисри қадим



Иероглифҳои Мисри қадим



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Навиштаҷоти сангини Розетт. Дар осорхонаи Британияи Лондон маҳфуз аст

## Ошкор намудани сири иероглифҳо

Олими номдори фаронсавӣ **Жак-Франсуа Шамполён** соли 1822 кашфиёти оламшумул кард: ба хондани навиштаҷоти қадимаи мисрӣ муяссар гардид. Ба он катибаи як маъно доштаи бо забони қадимаи мисриён ва юнонӣ дар санг тасвиргардидаи шафати шаҳри Розетти наздикии Қоҳира сабабгор гардид. Тарҷума аз забони юнонӣ душворӣ наовард, матнҳоро қиёс карда, имконияти дарки ҳар яки иероглиф фароҳам омад. Баъди ана ҳамин кашфиёт бисёр матнҳое, ки дар папирус сабт ёфта буданд, катибаҳои деворҳои ибодатхонаҳо ва аҳромҳо баъди сукути чандинасрина «ба забон даромаданд». Муаррихон барои омӯзиши тамаддуни Мисри қадим ба манбаи муҳиму боварибахш соҳиб гардиданд. Имрӯз, катибаи сангини Розетт дар осорхонаи Британия дар Лондон нигоҳ дошта мешавад.



Жак-Франсуа Шамполён

«Каломи худоҳо»

Папирус

**Иероглифҳо 750-то**

**Катибаи сангини Розетт**

Дар осорхонаи Британия дар Лондон нигоҳ дошта мешавад

Жак-Франсуа Шамполён ба хондан муваффақ шуд



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Ба дунё омадани донишҳои назариявӣ

Ба дунё омадан ва ривоҷ ёфтани донишҳои назариявии мисриён ба фаъолияти рӯзмарраи онҳо вобаста буд. Барои зироаткорон тухмиро кай ба замин пошидан ва ҳосилро кадом вақт ҷамъ овarданро донистан хеле зарур буд. Муддатҳои мазкурро мисриён мувофиқи ҳаракати ситорагон муайян кардаанд. Мисриён ин санаҳоро ба ситорагон нигоҳ карда муайян мекарданд. Ҳамин тавр **астрономия,** яъне фан дар бораи ситораҳо ба вуҷуд омад.

Ситорагонро наззора намуда, мисриён давомияти солро 365 рӯз муайян карда, аввалин шуда тақвимро офариданд, 365 рӯзро бошад, 30 рӯзӣ ба 12 моҳ тақсим карданд, 5 рӯзи зиёдатиро ба ҳисоби рӯзҳои ид баровarданд.

Ҳангоми кофтани ҷӯйҳо ва сохтани иморату иншооти дилхоҳ майдон ва ҳаҷми онро чен кардан зарур буд, бо ҳамин васила фанни **геометрия** – илми ченкунии рӯйи замин ба дунё омад. Мисриён нафақат ҳисобу китоби оддии арифметикӣ, балки касрҳо, махраҷҳо ва ҳисобу китоби мураккабро ҳам doниста гирифтанд. Фанни **математика** дар ҳамин поя тараққӣ намуд.

Мисриён дар бораи илми **тиббиёт** соҳиби дониш буданд. Дар рафти тайёр кардани ҷасадҳои мӯмиёшуда мисриҳо сохти дохилии одамро низ хуб омӯхтаанд. Дар ҷараёни муолиҷа аз обҷӯшҳои гиёҳҳо, обҳои минералӣ ва намак васеъ истифода мебурданд. Дар шаҳрҳои Миср мактабҳои махсус барои таълим додани табибон вуҷуд доштанд.

Дар Миср воҳиди асосии ченкунӣ «оринҷ» буда, вай дарозии аз оринҷ то нӯги ангуштон баробар буд. Азбаски дарозии дастон мухталиф буд, воҳиди ягонаи ченкунӣ таҳти унвони «оринҷи шоҳ» ҷорӣ гардид ва он ба 52,5 сантиметр баробар буд.

Дар Миср вақт бо кӯмаки соатҳои обӣ чен гардида, зарфи махсусе будааст, ки ба 24 шӯъба тақсим шудааст. Ҳаҷми оби аз як шӯъба ба шӯъбаи дигар ҷоришавандаро як соат ҳисоб мекарданд.

### Воҳидҳои ченак




Як кафт = чор ангушт
Як оринҷ = ҳафт кафт



Табиби Мисри қадим

### Савол ва супоришҳо

1. Хусусияти ба худ хоси хати қадимаи мисрӣ дар чист?
2. Чаро мисриён иероглифҳоро «каломи муқаддас» номидаанд?
3. Асрори хатти Мисрро шумо низ ҳал карда метавонистед? Чӣ тавр?
4. Дастовардҳои мисриёнро дар донишҳои дунёвӣ номбар кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 11. ТАМАДДУНҲОИ МЕСОПОТАМИЯ

Байни ду дарё
**Месопотамия**
Ҳазорсолаи 4 пеш аз мелод
Месопотамияи Ҷанубӣ — Шумерҳо — Шумер
Месопотамияи Шимолӣ — Аккадҳо — Аккад

## Шароити табиӣ ва аҳолиаш

Водиеро, ки дар байни дарёҳои Даҷла ва Фурот ҷойгир буд, юнониён **Месопотамия** (Байнаннаҳрайн) номидаанд, ин истилоҳ маънои **«байни ду дарё»**-ро ифода мекард. Одамон ба Месопотамия дар замонҳои қадим омада ҷойгир шудаанд.

Шароити табиии Месопотамия ба Миср монанд: дарёҳои сероб, заминҳои серҳосили барои коркард мусоид. Дар зимистон боронҳои доимӣ борида, дар дарёҳо обхезиҳо ба вуҷуд омадааст.

**Дар ҳазорсолаи 4 пеш аз мелод** дар Месопотамия манзилгоҳҳо ва шаҳрҳои шумерҳо ба вуҷуд омаданд. Онҳо дар Месопотамияи Ҷанубӣ ҷойгир гашта, ин кишварро **Шумер** номиданд. Дар қисми шимолии мамлакат, ки **Аккад** ном дошт, **аккадҳо** зиндагӣ мекарданд.



Котиб дар болои кор




Харитаи Месопотамия



Навиштаҷоти хати мехии шумер







*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Машғулиятҳои аҳолии Месопотамия

**Фикр кунед**

Барои чӣ шумерҳо ба тахтачаҳои гилин менавиштанд?

Машғулияти асосии аҳолии Месопотамия деҳқонӣ буд. Ҳангоми обхезии ҳарсола дарёҳои Даҷла ва Фурот ҳамроҳи об омехтаи лойолуди серҳосилро меоварданд. Дар Месопотамия чӯб, санг, маъдан барин маводи зарурӣ барои хоҷагидорӣ набуд, вале ғалладона фаровон рӯёнда шуда, саршумории чорво ниҳоят зиёд буд. Аз ҳамин сабаб, аҳолии Месопотамия бо савдову тиҷорат ҳам машғул гардидаанд. Аз кишварҳои ҳамсояи паси Қафкоз ва Эрон ба ивази ғалладона тилло, мис, нуқра, қалъагӣ ва сангҳои нодирро меоварданд.

Дар Месопотамия бо ашёҳои мухталифи ҳунармандӣ низ тиҷорат мекарданд. Ашёҳои филизӣ, зебу зинатҳо, силоҳу аслиҳа, ашёҳои кулолгарӣ, махсусан, қадру қимати баланд дошт. Дар савдо аз тангаҳои металлии ранги нуқра доштаро истифода бурдаанд. Ченаки вазнинӣ дар Месопотамия **«мино»** ба ҳисоб рафта, ба нуқраи 550-грамма баробар буд.

Шумерҳо яке аз хатҳои қадимтарин – хати мехиро ихтироъ намуданд. Шумерҳо бо чӯбчаҳои нӯгтез ба болои тахтачаҳои гилин менавиштанд. Шумерҳо бинокорон ва ҳунармандони донишманду соҳибтаҷриба буданд.



Оғози иди шумерҳо.
*Расми муосир*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Шаҳр-давлатҳои қадима дар Месопотамия

Баробари гузаштани вақт ба оҳистагӣ манзилгоҳҳо доманадор гаштанд. Дар охири ҳазорсолаи 4 пеш аз мелод дар Месопотамия **Урук, Умма, Лагаш, Ур** ва дигар шаҳрҳо ба вуҷуд омаданд. Онҳо **шаҳр-давлатҳо** буданд, ки аз шаҳр ва ноҳияҳои деҳқонии ҳамсоя иборат буданд.

Дар ҳар як шаҳр коҳинон аз номи худои олӣ ҳукмронӣ мекарданд ва ибодатхонаҳо бошад, маркази ҳокимият дар давлат буданд. Ибодатхонаҳои қадимаи Месопотамия – **зиккуратҳо** аз хишти хом сохта шуда иншооти муҳташами зинапоядор буданд.



Зиккурат. *Расми муосир*

Худои Офтоб – **Шамаш** худое буд, ки эҳтироми хоса дошт ва судяи олӣ ҳисобида мешуд, ки одамонро барои аъмоли бадашон суд мекард. Шумерҳо инчунин ба худои моҳ **Сина,** худои об **Эа**, илоҳаи ҳосилдорӣ, муҳаббат, ҷанг ва ғалаба **Иштар** саҷда кардаанд.

Замин – мулкҳои калони Месопотамия дар зери тасарруфи ҳукмдорон ва коҳинон буданд. Дар саҳро ғуломон ва коркунони кироя̄и озод кор мекарданд. Аҳолие, ки дар атрофи шаҳр истиқомат мекарданд, заминҳои хурд доштанд. Бенавоён бо мақсади бонӣ кардани оилаи хеш дар заминҳои подшоҳон ва мулкҳои ибодатхона меҳнат мекарданд.



Шаҳри Ур. Шумер

Шаҳрҳои Шумер бо деворҳои мудофиавӣ иҳота карда шуда буданд. Кӯчаҳое, ки аз дарвозаи асосии шаҳр оғоз меёфтанд, ба майдони марказӣ, маъбад ва қасри ҳукмдор мебурданд. Сохтмон аз санг, хиштҳои хом ва пухта сохта шудааст. Ибодатхонаҳо бо ҳайкалҳои худоён боҳашамат оро додашуда буд. Ҳангоми набард аҳолии шаҳр сардорро интихоб мекарданд. Оҳиста-оҳиста нуфузи онҳо афзоиш ёфт ва сардорон мунтазам ҳукмронӣ кардан гирифтанд. Онҳоро **подшоҳон** ном мебурданд. Подшоҳ шаҳр-давлатро бо кӯмаки амалдорон, такя ба ашрофон, коҳинон ва ҳарбиён идора мекард.

Атрофи шаҳр



Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Подшоҳи шаҳри Урук Гилгамиш

## Ривоят дар бораи Гилгамиш

Қаҳрамони аз ҳама дӯстдоштаи ривоятҳои Месопотамия **Гилгамиш** подшоҳи шаҳри Урук буд. Ҳаёти вай баъдтар ба афсонаҳо табдил ёфт.

*Аз афсона маълум мегардад, ки баъди ба дунё омадани Гилгамиш ҳукмдори мамлакат бобояш тахтро аз вай кашида гирифтани наберааш ба тарсу ваҳм афтода, фармон медиҳад, ки ӯро ба ҷарие партоянд. Кӯдаки ба қаъри ҷар рафтаистодаро уқоб дошта мегираду онро ба як боғбон бурда месупорад. Боғбон Гилгамишро бо меҳр парвариш ва тарбия менамояд. Вақте ки ба балоғат мерасад, Гилгамиш ҳокимиятро аз бобояш кашида мегирад ва ба идоракунии шаҳри Урук шурӯъ менамояд. Гилгамиш бо Энкиду ном паҳлавон риштаи дӯстӣ мепайвандад. Якҷоя шуда ба муқобили махлуқоти зишт мубориза мебаранд, барои ин худоҳо Энкидуро ҷазо медиҳад ва қаҳрамон қазо менамояд. Барои ба ҳаёти боқӣ мушарраф гардидан Гилгамиш гиёҳи сеҳрнокро аз қаъри баҳр ҷустуҷӯ карда меёбад, ӯро ба халқи худ баҳам дидан қарор менамояд. Аммо ҳангоми бозгашт ба як кӯл барои оббозӣ кардан мефурояд, дар ин вақт бӯйи гулро мор ҳис менамояд ва меҳригиёҳро медуздад. Аз ҳамон вақт мувофиқи афсонаҳо морон ҳар сол пӯсти худро иваз карда, ҷавонтар мегарданд. Гилгамиш бошад дарк мекунад, ки деворҳои шаҳри ҷонаҷонаш ӯро ҳимоя мекунад, корҳои некаш бошад ӯро абад зинда мегардонад.*



Гилгамиш ва Энкиду дар вақти мусобиқа



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Подшоҳи давлати Шумер-Аккад Саргон I. *Расми муосир*

## Рушди Аккад

Шаҳр-давлатҳо бо якдигар бефосила ҷангу ҷидол мекарданд. Дар натиҷаи ин ҷангҳо дар нимаи дуюми ҳазорсолаи 3 пеш аз мелод подшоҳи Аккад **Саргон I** шаҳрҳои Аккад ва Шумерро дар зери ҳокимияти худ муттаҳид мекунад.

Бо мақсади савдову тиҷорат барои тамоми шаҳрҳо ченаки ягонаи дарозӣ, майдон ва вазнро ҷорӣ намуд. Вай дар таърихи ҷаҳон аввалин шуда, қӯшуни мунтазамро ташкил медиҳад. Ин лашкар аз 5400 нафар ҷанговарон иборат буд, ки баъдтар ба Саргон I имкон дод, ки бисёр шаҳрҳо ва кишварҳои ҳамсояро забт кунад. Бинобар ин Саргон I худро «подшоҳи кишвари чаҳор иқлим» эълон кард.




Пас аз марги Саргон I ворисони ӯ маҷбур шуданд, шӯришҳоеро ки дар кишвар идома доштанд, пахш кунанд. **Давлати Шумер-Аккад** дар зери таъсири зарбаи қабилаҳои бодиянишин пароканда шуд.

### Савол ва супоришҳо

1. Кадом қисмҳои Месопотамия аз тарафи шумерҳо ва аккадҳо азхуд карда шуда буданд? Дар бораи машғулиятҳои онҳо ба мо нақл кунед.
2. Дар бораи Гилгамиш чиҳоро медонед?
3. Тасаввур кунед, ки шумо ҳамчун як тоҷири қадимӣ дар киштӣ дар дарёи Даҷла бо маҳсулотҳои гуногун шино мекунед. Дар кадом шаҳрҳои Шумер имконияти ба чо овардани корҳои тиҷоратиро соҳиб мегардед? Аз харита истифода бурда нақл кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Дарвозаи олиҳа Иштар

# § 12. ШОҲИГАРИИ БОБУЛ

## Бобул – «дарвозаи худоҳо»

Шоҳигарии Бобул дар ҳазорсолаи 2 пеш аз мелод ба давлати аз ҳама калони қудратноки ҷанубии Месопотамия мубаддал ёфт. Бобул дар мавқеи мусоиди географӣ молик буда, дар маконе ҷойгир буд, ки шохаҳои дарёҳои Даҷлаву Фурот бо ҳам пайваст мегардиданд. Тоҷироне, ки дар киштиҳои дорои маҳсулоти гуногун шино мекарданд, ба ин шаҳр мефаромаданд. Худи калимаи «Бобул» маънои «дарвозаи худоён»-ро дорад. Дар шаҳри Бобул қасрҳои аҷиб ва ибодатхонаҳои боҳашамат буданд.

Кӯчаи асосии Бобул аз дарвозаи **Иштар**, олиҳаи ғалаба оғоз мешуд. Дар давлати Бобул кишоварзӣ, ҳунармандӣ, истеҳсолот ва савдо инкишоф ёфт. Аммо ҷангҳои байниҳамдигарӣ ба ин халал мерасонд.

**Дар асри XVIII пеш аз мелод шоҳи Бобул Хаммурапи** барои дар зери як давлат муттаҳид гардондани Месопотамия муваффақ гардид. Дар даври ҳукмронии Хаммурапи Бобул ба давлати тавонотарин табдил ёфт.



Бобул ва бобулиён



Предоставлено исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


Бобул

## Қонунҳои Хаммурапи

Хаммурапи дар таърих ҳамчун ҳукмдори таҳиягари қонун боқӣ мондааст. Қонунҳои мазкур аз ҳама қонунҳои қаблӣ бартарият дорад. Қонунҳои Хаммурапи барои ҳамагон – сарватмандон, шахсони бенаво баробар буд. Матнҳои қонунҳо дар сутунҳои сангини тамоми шаҳр иншо мегардиданд.

Қонунҳои Хаммурапи бо қатъиятнокии худ ҳамаро дар ҳайрат мегузорад. Хусусан дар натиҷаи амалӣ гардондани амалиёти ҷарроҳии шифокор бемор вафот кунад, бурида партофтани дастҳои шифокор шарт буд. Мабодо бинои қадкашондаи меъмор нобаҳангом чаппагардон шавад у ягон шахсро пахш кунад, меъмор қатл карда мешуд. Ҳангоми сӯхтор бо дуздӣ ба даст афтад, ҳамон замон дузд ба оташ партофта мешуд. Дузде, ки қулфро шикастааст, ҷазои сахттар мегирифт: ӯро дар ҷойе, ки ба молу мулки касе зада даромада буд, куштаанд ва дар он ҷо дафн кардаанд.

Қонунҳои Хаммурапи ба ном қарори шоҳ набуда, ба сифати азму хоҳиши худоҳо талқин гардидаанд, аз ҳамин сабаб онҳоро бешаку шубҳа иҷро кардан талаб гардидааст. Қонунҳои Хаммурапи ба рушди ҷамъият имкониятҳо фароҳам овард, зеро ҷиноятҳо аз қабили толону тороҷ, дуздӣ қариб содир намегардид.

**Фикр кунед**

Хаммурапи бо ҷорӣ кардани ин гуна қонунҳои сахт аз паи адолат буд ё ягон кори нодуруст кард?

Бобул – «Дарвозаи худоҳо»

Шоҳигарии Бобул ҳазорсолаи II пеш аз мелод

Олиҳаи ғалаба Иштар

Қонунҳои Хаммурапи (қонунҳои қатъӣ)

Манораи Бобул.
*Расми муосир*





*Книга предоставлена ... в образо...
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Ҳамла ба қалъа

## Шоҳигарии Бобули Нав



Нусхаи сутуни сангин, ки қонунҳои Хаммурапи навишта шудааст

**Дар асри VII пеш аз мелод** шоҳигарии Бобули Нав таъсис ёфт. Дар даври ҳукмронии **Навуходоносор II** шоҳигарии Бобули Нав ба қуллаи тараққиёти худ расид. Шоҳи мазкур Мисрро ба шоҳигарии Бобули Нав ҳамроҳ карда гирифт, Иерусалим (Байтулмуқаддас)-ро вайрон сохт, Бобулро бошад, ба қалъаи мустаҳкам мубаддал сохт. Навуходоносори II барои сохтани биноҳои истиқоматӣ ва деворҳои мудофиавӣ истифода бурдани хишти пухта фармонро интишор намуд.

Дар даври ҳукмронии вай шаҳри Бобул ҳашт дарвоза дошт, ҳар яки он номи сархудоҳои мамлакатро ба худ гирифта буд. Алалхусус, дарвозаи бо номи илоҳа Иштар зебо ва нафис буда, бо сангтахтачаҳои нақшинкори миллии расми ҳайвонҳои афсонавӣ тасвирёфта оро дода шуда буд.

Кӯчаи марказии шаҳр. *Расми муосир*





...ключительно в об... UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Лашкари форсони қадим **соли 539 пеш аз мелод** ба Бобул зада медароянд. Форсҳо шаҳрро забт менамоянд. Аз ҳамин лаҳза шоҳигарии Бобули Нав ба таркиби давлати Форс дохил шуд.


Навуходоносор II. *Расми муосир*

## Маданияти Бобул

Шумер ва Аккад яке аз сарчашмаҳои аз ҳама қадимаи маданияти Бобул ба ҳисоб меравад. Яке аз манбаъҳои аз ҳама қадимаи хаттии ҷаҳонӣ **хати мехии Шумер** сараввал аз навиштаҷоте иборат буд, ки расмҳои «об», «офтоб», ва дигар суханҳои алоҳидаро дар бар мегирифт.

Дар кӯшку ибодатхонаҳои ҳукмдорон барои ашрофон ва фарзандони оилаҳои бадавлат мактабҳо ташкил гардиданд. Хонандагон ба тахтачаҳои гилини нам бо асочаҳое навиштаанд, ки аз устухон ва чӯб сохта шудаанд.

Тахтачаҳои гил сараввал дар офтоб хушконида, сипас дар хумдонҳо пухта шудаанд. Тахтачаҳои мазкур китобҳои аввалин буда, хонандагон ба он афсонаву ривоятҳоро меҷӯчонданд, рӯйхатҳои номҳои наботот, паррандагон, ҳайвонот ва ҳашаротҳоро тартиб медоданд. Дар тахтачаҳои гилин номи кишварҳо ва шаҳрҳо низ сабт шудааст.

Дар даври ҳукмронии Навуходоносор II шоҳигарии Бобули Нав ба қуллаи тараққиёти худ расид

Дар асри VII пеш аз мелод шоҳигарии Бобули Нав таъсис ёфт

Шумерҳо инчунин низоми шуморидан, тақвимҳои офтобиву моҳиро ҳам офаридаанд. Давомнокии соли шамсиро шумерҳо 365 рӯз ва соли қамариро 354 рӯз муайян кардаанд. Коҳинон ва мунаҷҷимони шумерӣ ва бобулӣ донишҳои астрономӣ доштанд. Қадимтарин расадхонаҳо дар макони болои ибодатхонаҳои баланд ва бисёрчанба – зиккуратҳо сохта шудаанд.

Дар Месопотамия дастурамал оид ба тайёр кардани ҳар гуна доруву дармон таҳия гардида буд.

Донишҳои дар соҳаи география ба шумерҳо ва бобулиён имконият дод, ки ба воситаи киштиҳо шино намоянд. Яке аз афсонаҳои аз ҳама қадим дар бобати офариниши Олам дар Месопотамия пайдо шудааст.

### Савол ва супоришҳо

1. Аз харита шоҳигарии Бобул ва пойтахти онро ёбед.
2. Калимаи «Бобул» чӣ маъно дорад?
3. Дар даври кадом ҳукмдор Бобул ба давлати ягона табдил ёфт?
4. Қонунҳои Хаммурапи ба кадом мақсад таҳия гардида буд?
5. Донишомӯзи Шумер, чун хонандаи мактаби муосир, субҳгоҳон ба мактаб мерафт, ӯ барои аз дарс дер мондан метарсид, ба мактаб омада... Ҳикояро давом диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 13. ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ ПЕШ

Пойтахт Ашшур → Ниневия

Шоҳигарии Оссурия (Ироқ)

Ашшурбанипал, китобхона

Соли 605 пеш аз мелод аз ҷониби Мидия ва Бобул забт карда шуд

## Шоҳигарии Оссурия



**Дар ҳазорсолаи 2 пеш аз мелод** дар худуди Осиёи Пеш шоҳигарии Оссурия ба вуҷуд омадааст. Оссуриён дар замонҳои қадим худуди хурди болооби дарёҳои Фурот ва Даҷла (Ироқи ҳозира)-ро ишғол карда буданд. Аввал шаҳри **Ашшур** ва сипас шаҳри **Ниневия** пойтахт буд. Шуғли асосии аҳолиро кишоварзӣ ва савдову тиҷорат ташкил медод.

Оссуриён халқи ҷанговар буданд. Онҳо зуд-зуд ба заминҳои ҳамсоя ҳамла мекарданд. Лашкари пурқудрати оссуриягиён ҳар сол сарзаминҳои навро забт мекарданд. Халқҳои мутеъгардида ба ҳукмдори Оссурия ба миқдори зиёд хироҷ медоданд.



Аробаи ҷангӣ

Дар пойтахти Оссурия қасру ибодатхонаҳои боҳашамат мавҷуд буд. Дар даври солҳои ҳукмронии **Ашшурбанипал** дар **Ниневия** китобхонаи бузурги иборат аз тахтачаҳои сафолин ташкил ёфта буд.

Давлати Оссурия бо оҳистагӣ суст шудан гирифт. Дар **соли 605 пеш аз мелод** қӯшунҳои Оссурия аз ҷониби Мидия ва Бобул баъди торумор карда шудан, давлат низ ба завол дучор омад.






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Тасвири чанг

Пойтахт Тушпа

↑

Урарту (Паси Қафқоз)

↓

Шаҳр-қалъаи Тейшебаинӣ

↓

Аз ҷониби қабилаҳои скиф ишғол мегардад, аз ҷониби Мидия забт мегардад

## Шоҳигарии Урарту

Давлати Урарту дар Паси Қафқоз – қисми шарқии Туркияи ҳозира ва ҳудудҳои Арманистон ҷойгир шудааст. Аҳолиашро **урартҳо** меномиданд. Ташкил ёфтани давлати ягона бо зарурати мудофиа аз ҳуҷумҳои Оссурия сар задааст.

**Дар аввали асрҳои IX–VIII пеш аз мелод** давлати Урарту гул-гул шукуфт. Шаҳри **Тушпа** ба пойтахти давлати Урарту мубаддал гардид. Урартиён ба якчанд юришҳои истилогарона муваффақ гардиданд, аз болои оссуриягиён ғалаба карданд. Аммо баъдтар қӯшуни оссуриягӣ қӯшуни урартиёнро торумор кард. Баъдтар қалъаи шаҳри **Тейшебаинӣ** аз тарафи қабилаҳои бодиянишини скиф ишғол гардида, вайрон карда мешавад. Баъд аз он шоҳигарии Урартуро Мидия забт мекунад.

Қалъаи Тейшебаинӣ





Камонвари Урарту



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Фикр кунед**

Худро яке аз ҳукмдори давлатҳои Осиёи Пеш гуфта тасаввур кунед. Барои пош нахӯрдани давлататон чӣ кор карданатон лозим буд?

## Финикия

Дар замонҳои қадим Финикия дар соҳили шарқии баҳри Миёназамин, ҳудуди ҳозираи Ливан ва як қисми Сурияи ҳозира ҷойгир шуда буд.

Савдову тиҷорат машғулияти асосии финикиён буд. Финикиён ба ҳамсоягон чӯб, маъдан ва газворҳо фурӯхтаанд. Дар соҳили баҳри Миёназамин ба монанди **Тир, Сидон, Угарит** шаҳрҳои калони наздисоҳилӣ ба вуҷуд меоянд.

**Дар асри X пеш аз мелод** дар Финикия алифбо офарида шуд, ки аз 22-то ҳарфҳои ҳамсадо иборат буд. Юнониён ана ҳамин алифборо аз худ намуданд ва ба онҳо ҳарфҳои садонокро илова кардаанд.



Киштии финикиён

Финикия (Ливан, як қисми Сурия)

Шаҳрҳояш: Тир, Сидон, Угарит

Дар асри X пеш аз мелод алифбо офарида шуд, ки аз 22-то ҳарфҳои ҳамсадо иборат буд

## Фаластин

**Дар асри XI пеш аз мелод** дар ҳудуди Фаластин **шоҳигарии Исроил** ба вуҷуд омад, баъдтар он бо шоҳигарии Яҳудӣ муттаҳид шуд. Шоҳигарии Яҳудӣ аз ҷониби шоҳигарии Бобул забт гардид.

*Афсонаҳои яҳудиёни қадим дар китобҳои динӣ сабт шудаанд. Маҷмӯи китобҳои мазкур дар Библия ҷамъ гардида, ин калима ба юнонӣ маънои «китоб»-ро дорад. Дар* ***Библия*** *дар бораи офариниши одамони нахустини рӯйи замин – Одам Ато ва Момо Ҳаво, бо тӯфон фаро гирифтани саросари замин ва дигар ривоятҳо мавҷуданд.*



Порчае, ки матнҳои Библия навишта шудааст

### Савол ва супоришҳо

1. Дар ҳудуди Осиёи Пеш давлатҳои аввалин кай ба вуҷуд омадаанд?
2. Дар бораи шоҳигарии Оссурия чиҳоро медонед?
3. Дар кадом шаҳр китобхонаи калонтарини иборат аз тахтачаҳои сафолин мавҷуд буд?
4. Сабабҳоиривоҷёбӣ ва таназзули давлати Урарту дар чист?
5. Дар бораи машғулиятҳои финикиён ба мо нақл кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 14. ДАВЛАТИ АҲАМОНИЁН

## Аҳолӣ ва давлатҳои Эрони қадим

Дар замонҳои қадим дар ҳудуди ҳозираи Эрон қабилаҳои мухталиф, аз қабили **кассиҳо, эламиҳо** ҳаёт ба сар бурдаанд.

Бо мурури вақт ба ин мамлакат **мидиягиён ва форсҳо** кӯчида муқим гардиданд.

Дар водиҳои пастхамии кӯҳсор аҳолӣ бо деҳқонӣ машғул мегардиданд, дар минтақаи дашт бо чорводорӣ рӯз мегузаронианд.

Дар қисми ҷануби-ғарбии Эрон бо Мессопотамия ҳамсарҳад **давлати Элам** ба вуҷуд меояд. Пойтахти ин давлат шаҳри **Суза** буд. Дар Элам яке хати аз ҳама қадим офарида шудааст.

Дар ҷануби-ғарбии баҳри Каспий **Мидия** ҷойгир шуда буд. **Дар асри VII пеш аз мелод** дар даври ҳукмронии шоҳ **Киаксар** Мидия ба давлати пурқудрат табдил ёфт. Давлати Мидия бо Бобул иттифоқ баста, Оссурияро забт намуд. Дар ҷануби Эрон, дар заминҳои ҳамҷавори халиҷи Форс вилояти Форс – кишваре, ки аз қадим форсҳо маскан пайдо карда буданд, давлат ба вуҷуд меояд.



Кир II




## Кир II – ҳукмдори Форс

**Дар соли 558 пеш аз мелод** шоҳ **Кир II**, ки аз сулолаи Аҳамониён буд, тамоми форсҳоро дар зери ҳокимияти худ муттаҳид сохт. Баъди тобеъ кардани давлати Мидия, **Кир II** лашкари калонеро ташкил дод ва юришҳои истилогаронаро идома дод.

Арманистон, Мидия ва Бобул забт гардид. Форсҳо ба баҳри Миёназамин баромаданд, Фаластин ва Финикияро ба итоати худ даровараанд. Сиёсати истилогаронаи Кир II-ро ворисонаш – **Камбиз II** ва **Доро I** давом доданд. Камбиз II баробари забт кардани Миср ҳудуди давлати Эронро ниҳоят васеъ кард.




Давлати Аҳамониён



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Давлати Аҳамониён яке аз бузургтарин давлатҳои ҷаҳон буд.

## Ислоҳотҳои Доро I



Тангаи тиллоӣ

Шоҳ **Доро I дар соли 552 пеш аз мелод** ба тахти Эрони қадим нишаст. Ин вақт дар тамоме мамлакатҳое, ки забт гардида буданд, оташи ошӯб забона зад. Шоҳи аҳамониён Доро I барои пахш кардани шӯриш шурӯъ намуд.

Доро I ба муқобили **скифҳо**, ки дар соҳилҳои баҳри Сиёҳ истиқомат доштанд, юриш ташкил намуд. Доро I дар Осиёи Хурд колонияҳои юнонӣ ва Фрагияро, ки дар шарқи нимҷазираи Балкан ҷойгир буд, забт намуда, ба сар шудани набардҳо байни форсу юнониҳо сабабгор шуд. Дар даври ҳукмронии Доро I аз шимоли Ҳиндустон то баҳри Миёназамин давлати бузурге ташкил ёфт.

Доро I тангаи тиллоии **«дарик»**-ро барои тамоми мамлакат ба муомила баровард. Ӯ аз қароргоҳи шаҳри қадимаи форсҳо **Персепол** то баҳри Миёназамин роҳи тиҷоратиро бо номи **«роҳи шоҳ»** ба вуҷуд овард. Доро I қӯшунро аз нав ташкил дода, салтанатро ба кишварҳои алоҳидаи маъмурию ҳарбӣ – сатрапиҳо ҷудо кард.



Доро I дар тахт. Маросими қабули тӯҳфаҳо



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Харобаҳои Персипол

## Маданияти форсиёни қадим

Шаҳрҳои **Суза, Экбатана** ва дигар шаҳрҳо марказҳои муҳими тиҷоратии давлати Аҳамониён буд. Дар шаҳри Персопол боқимондаҳои хонаҳои гуногун ва қасрҳои толории садсутундори Доро I ва Ксеркс то замони мо омада расидаанд. Қаср бо тасвири паррандаҳои афсонавӣ ва хаёлӣ оро дода шуда буд. Дар нақшҳои барҷастаи деворҳои қасри Персепол тасвирҳои халқҳои мухталифи аз тарафи аҳамониён забт гардида боқӣ мондааст. Онҳо асосан дар ҳолати супурдани хироҷ ба шоҳони форс тасвир ёфтаанд.

Форсиёни қадим чун аломатҳои хати мехӣ бо навишт машғул гардидаанд. Катибаҳои шоҳони форс дар харсангҳои **Беҳистун** ва **Нақши Рустам**, инчунин дар деворҳои қасри Персепол кандакорӣ шудаанд. Онҳо дар бораи юришҳо, ошӯбҳо ва ҳаёти давлатҳо барин воқеаҳои муҳим маълумот медиҳанд.

Искандари Мақдунӣ соли 330 пеш аз мелод давлати Форсро забт мекунад.




### Савол ва супоришҳо

1. Кадом қабилаҳо дар Эрони қадим зиндагӣ кардаанд?
2. Давлати Элам кай ташкил гардидааст?
3. Кир II кадом давлатҳоро забт намудааст?
4. Доро I дар давлати худ чӣ гуна ислоҳотҳо гузаронидааст?
5. Дар бораи маданияти форсиёни қадим нақл кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 15. ТАМАДДУНИ АВВАЛИН ДАР ҲИНДУСТОНИ ҚАДИМ



Фили ҷанговари қӯшуни ҳинд

## Ҳудудаш ва шароити табиӣ

Ҳиндустон кишварест, ки як қисми қитъаи Осиёро дар водиҳои дарёҳои Ҳинд ва Гангро ишғол кардааст. Шароити табиӣ, иқлими гарм ва дарёҳо барои ба вуҷуд омадани деҳқонӣ ва ривоҷёбии он имконият фароҳам овардааст. Кӯҳҳои Ҳимолой шамолҳои сарди аз шимол меомадаро бозмедоранд.

Ҷангалзорҳои тропикии водии Ганг аз дарахтони азим ва растаниҳои рангоранг бой буданд.







Ҳиндустони қадим



Моҳенҷодаро. *Барқароршуда*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Шаҳрҳои қадимтарини водии Ҳинд

Шаҳрҳои **Моҳенҷодаро** ва **Хараппа** шаҳрҳои аз ҳама бузурги ҳавзаи дарёи Ҳинд ба ҳисоб мерафтанд. Ҳарду шаҳр ҳам бо деворҳои мустаҳками иҳотавӣ ҳимоя гардида, қасрҳои дохила доштанд. Дар мавзеъҳое, ки кӯчаҳояшон аз ҳам ҷудо буданд, хонаҳои истиқоматӣ, амборхонаҳо, қасру ибодатхонаҳо дарёфт шуданд, ки аз хиштҳои пухта ва хом сохта шуда буданд. Шаҳри калон ва зебо Моҳенҷодаро маркази ҳунармандӣ ва савдо буд.

Машғулияти асосии аҳолӣ деҳқонӣ буд. Ҳиндҳои қадим растаниҳои найшакар, пахта парвариш кардаанд, филҳоро ром кардаанд.

Вале баъди **асри XVIII пеш аз мелод** шаҳрҳои водии дарёи Ҳинд дар натиҷаи обхезиҳои зуд-зуд ба вуҷуд омада, доманадор гардидани ҷангалзорҳо ва буттазорҳо ба таназзул рӯ оварда, пурра вайрон гардиданд.



Шаҳри Хараппа

## Эътиқодҳои динӣ

Ҳиндуёни қадим чун мисриён ва бобулиёни қадим ба идора кардани табиат аз тарафи худоҳо боварӣ доштанд. Чуноне,ки дар ривоятҳои қадимаи ҳиндӣ нақл карда мешавад, худои Офтоб ҳар субҳ бо аробаи тиллоӣ ба роҳ мебарояд. Офтоб зулмати шабонаро парроканда карда, бо нияти ба одамон бахшидани ҳарорату равшанӣ аз уфқ сар мебардорад.



Ҳаёти деҳот. *Расми муосир*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Худои раъду барқ **Индра** оби осмониро аз асирӣ халос карда, дар рӯйи Замин хушксолӣ ба охир мерасад.

Ҳиндуён баъзе худоёнро дар симои ҳайвоноти ваҳшӣ тасаввур мекарданд. Масалан, яке аз худоёне, ки онҳо саҷда мекарданд, сараш филмонанд худои донишмандӣ **Ганеша** буд. Дар байни ҳиндуён модагов сазовори эҳтироми махсус буд. Модагов ҳайвони муқаддас ва куштани он ҷиноят ҳисобида мешуд.



Худои донишмандӣ Ганеша

Ҳиндуён боварӣ доштанд, ки рӯҳ аз як ҷисм ба ҷисми дигар мегузарад. Онҳо боварӣ доштанд, ки инсон пас аз марг пурра намемирад, балки ба мавҷудоти дигар табдил меёбад, намуди зоҳирии худро дигар мекунад, ба ҳайвон, ҳашарот ва растанӣ мубаддал мешавад.

## Кастаҳо

Ҳиндуёни қадим аз рӯйи бо кадом кор машғул шуданашон ба чор табақа тақсим мешуданд. Табақаҳои мазкур **каста** ё худ **варна** номида шудааст, ки онҳо: коҳинон – **браҳманҳо** (рӯҳониёни ҳинду),



Харобаҳои ибодатхонаи қадима



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ҷанговарон – **кшатрийҳо**, деҳқон, ҳунарманд ва тоҷирон – **вайшийҳо**, хизматгорон ва ғуломон – **шудраҳо**.

Мувофиқи эътиқоди ҳиндуён ҳар яки табақаҳоро худои олӣ Браҳма аз як қисми ҷисми худ офаридааст.

Масалан, бовар доштанд, ки коҳинон аз даҳони ӯ, ҷанговарон аз дасти ӯ, деҳқонон аз қабурғаи ӯ ва хизматгорон аз пошнаи Браҳма офарида шудаанд. Фарзандон ҳамеша ба табақаи волидон мансуб буданд. Илоҷи аз як табақа ба дигараш гузаштан ҳам набуд.

Онҳое, ки ба ягон табақа тааллуқ надоштанд, мақоми махсус доштанд. Чунин одамонро **«чандал»**, яъне «ҳазаркунандагон» номидаанд. «Чандал»-ҳо бо одамони мансуби кастаҳо дар як хона истиқомат карда наметавонистанд, ба онҳо дар сари як дастархон нишастан манъ шуда буд. Чандалҳо бояд либосҳои махсусе пӯшидаанд, ки аз дур дида мешуд, то тасодуфан касе ба онҳо даст нарасонанд.



Бо ин қабил тасвири шерҳо сутунҳои ибодатхонаҳо оро дода шудаанд




Кастаҳои ҳинд

**Фикр кунед**

Ба фикри шумо чаро мардуми Ҳиндустон ба табақаҳо тақсим мешуданд?

**Савол ва супоришҳо**

1. Аз харита Ҳиндустонро ёбед. Дар бораи ҷойгиршавии географӣ ва хусусиятҳои он нақл кунед.
2. Чаро аҳолии Ҳиндустон ба табақаҳои гуногун тақсим мешуданд?
3. Хусусиятҳои эътиқоди Ҳиндустонро номбар кунед. Онҳо кадом
4. ҳайвонотро эҳтиром мекарданд ва чаро?
5. Ҷамъияти Ҳиндустон ба кадом табақаҳо тақсим гардида буд?
6. Ба шаҳри Моҳенҷодаро саёҳати хаёлӣ намуда, дар бораи ин шаҳр ҳикоя эҷод кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 16. МАДАНИЯТИ ҲИНДУСТОНИ ҚАДИМ

## Фан ва маданият

Дар Ҳиндустони қадим илму фан, хусусан соҳаҳои ситорашиносӣ, риёзиёт ривоҷ ёфта буд. Ҳиндуён тақвими иборат аз 360 рӯзро тартиб доданд. Дар ин вақт низоми шумурдан ва ҳисобу китоб кардан васеъ паҳн гардида буд: ҳиндуён аломати алоҳидаро, ки рақамҳои калонро ифода мекард кор мебурданд.

Инчунин мунаҷҷимҳои ҳинд ба дастовардҳои калон ноил гардидаанд. Онҳо ҳаракатҳои Офтоб, ситораҳо ва сайёраҳоро омӯхтаанд. Натиҷаҳои мушоҳидаҳои мазкур барои аниқ кардани дарознокии сол имконият фароҳам овард. Ба ҳиндуён низ маълум буд, ки нури моҳ инъикоси нури офтоб мебошад ва ба сатҳи он меафтад.



Мунаҷҷимҳо дар болои кор



Ҳаёти рӯзмарраи ҳиндуёни қадим. *Барқароршуда*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Достони Маҳабҳарата. *Расми муосир*

Соҳаи тиб дар Ҳиндустони қадим инкишоф ёфтааст. Дар сарчашмаҳои хаттӣ бемориҳои гуногун ва асбобҳои ҷарроҳӣ зикр шудаанд. Ҳиндуён барои табобати бемориҳо доруҳои шифобахшро истифода мебурданд.

Бозие, ки дар Ҳиндустон ихтироъ шудааст, ки онро худи ҳиндуҳо «чаҳор навъи кӯшунҳо» меноманд, имрӯз дар тамоми ҷаҳон бо номи **шоҳмот** маъруф ва маъмул аст.

Дар заминаи забонҳои қадимаи ҳинду забони нави адабӣ – **санскритӣ** таҳия шудааст. Достонҳои «Маҳабҳарата», «Рамаяна» ва дигар асарҳо ба ин забон навишта шуда, то замони мо расида омадаанд.




Хати санскритӣ



Донаҳои шоҳмот, ки ҳиндуҳо ихтироъ кардаанд



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




## «Дини бехудо»

Дар зери таъсири тағйиротҳои ҷамъият эътиқодҳои динии ҳиндуён ҳам тағйир ёфт. **Дар асри VI пеш аз мелод** ба вучуд омадани дини нави буддоӣ ба номи шоҳзода **Сиддҳартҳа Гаутама**, ки тахаллуси **Буддоро** гирифтааст, алоқаманд аст.

Тибқи ривоят, шоҳзода Сиддҳартҳа Гаутама то 20 сола шудан дар қасри падари ҳукмдораш ҳаёти беташвишро аз сар мегузаронад. Яке аз рӯзҳо ҳангоми сайру гашт ба мӯйсафеди барҷомондаи ба дарди бедаво дучор гардида, баъд ба маросими дафн чашмонаш меафтад. Ҳамин тариқ, шоҳзода дарк кард, ки инсон метавонад азоб кашад ва дар ниҳоят бимирад. Ин ҳаёти Сиддҳартҳа Гаутамаро комилан тағйир дод. Вай аз зиндагонии бофароғати қаср даст мекашад, ба мақсади дарёфти мазмуни ҳаёт ба саросари дунё ба саёҳат мебарояд.



Сиддҳартҳа Гаутама (Буддо).
*Расми муосир*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Буддо ба хулосае меояд, ки инсон маротиби сершумор таваллуд меёбад ва вафот мекунад. Дар ҳаёти минбаъда кӣ шуда ба дунё омадани инсон ба ҳаракату амалҳои он вобаста аст.

Буддо ва пайравони **буддавии** ӯ чунин меҳисобанд, ки одам набояд дурӯғ бигӯяд, сарват ҷамъ кунад ва хуни мавҷудоти зиндаро резад. Аз ин рӯ, инсон бояд аз ҳамаи хоҳишҳо даст кашад, зеро ҳама хоҳишҳо боиси ранҷу азоб мегардад.

Дар аввал дар эътиқоди буддоӣ ҳеҷ худое вуҷуд надошт, зеро онҳо боварӣ доштанд, ки худоҳо наметавонанд, ранҷу азоби инсонро сабук кунанд. Аммо дере нагузашта, эътиқод ба худи Буддо оғоз мешавад. Ҳатто имрӯз дар ибодатхонаҳои **буддоӣ** ҳайкалҳои ӯро дидан мумкин аст. Буддо дар ҳолати болои гули нилуфар ба хаёли сахт рафта, хомӯш истода, чорзону нишаста тасвир шудааст.



Хатти Хараппа ва мӯҳрҳои ҳайвонҳо тасвирёфта





Ҳайкали Буддо дар наздикии ибодатхонаи Маҳабодҳ дар Бодҳ Гая. Ҳиндустон

**Савол ва супоришҳо**

1. Дар Ҳиндустони қадим кадом илмҳо инкишоф ёфтаанд?
2. Мунаҷҷимони Ҳиндустон чӣ гуна мушоҳидаҳоро анҷом додаанд?
3. Дар бораи дастовардҳои ҳиндуҳо дар соҳаи математика ва тиб нақл кунед.
4. Кадом бозиро, ки имрӯз дар тамоми ҷаҳон машҳур аст, ҳиндуҳо ихтироъ кардаанд?
5. Ҳиндуҳо кадом динро «дини бехудо» номидаанд?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 17. ТАМАДДУНҲОИ ЧИНИ ҚАДИМ

## Решаҳои тамаддуни Чин



Макети бурҷи посбонони шаҳр

Чун Миср, Месопотамия ва Ҳиндустон, аввалин тамаддунҳо дар Чин ҳам дар водии дарёҳои калон бо номи **Хуанхе** ва **Янсзӣ** ба вуҷуд омадаанд. Дар охири **ҳазорсолаи III пеш аз мелод** дар ҳудуди Чини қадим дар қисми миёнаи дарёи Хуанхе аввалин давлат пайдо мешавад.

Сардори қабилаи Шан ин кишварро мутеъ намуд. Ҳамин тавр номи давлат ҳамчун номи пойтахти худ **Шан** номида шуд. Ҷангҳои таҷовузкоронаи пайдарпай давлатро суст кард.

Қабилаҳои ҳамсояи **Чжоу** аз ин истифода бурда, ба заминҳои Шан ҳуҷум карда, заминҳои онҳоро ба худ ҳамроҳ карда, давлати бузурге бо номи **Чжоу** ташкил карданд. Аз сабаби васеъ будани заминҳои давлат, ҳукмдорон онро «Подшоҳии зери осмон» ва худро «писарони осмон» меномиданд. Тамоми Чини Шимолӣ ба таркиби ҳамон мамлакат дохил мешуд.






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Машғулиятҳои аҳолии Чин

Деҳқонӣ аз замонҳои қадим дар Чин касби мӯътабар ва пурифтихор ба шумор мерафт. Зироатҳои асосии кишоварзӣ ҷавдор ва гандум буданд. Баъдтар онҳо ба шоликорӣ шурӯъ карданд. Тухми шолӣ аз Ҳиндустон оварда мешавад.

Чидани чой



Мардуми Чин ба парвариши дарахти чой шурӯъ карданд, аз барги он *чой* тайёр мекунанд, ки нӯшокии шифобахш аст. Чой ба зудӣ дар тамоми ҷаҳон паҳн шуд.

Парвариши дарахти тут яке аз шуғли асосии мардуми Чин буд. Ба кирмак аз барги тут ғизо дода мешавад. Кирмакҳо наххоро ба пилла мепечонанд ва аз пилла *абрешим* тайёр мекунанд, ки ин матои бениҳоят сабук ва нафис мебошад.



Дарёи Хуанхе, киштиҳои тиҷоратӣ ва кӯпрук.
*Расми муосир*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Даври набардҳои байни подшоҳиҳо. *Расми муосир*

**Чини қадим**

Охирҳои ҳазорсолаи III пеш аз мелод

Ташкилёбии давлат дар соҳили Хуанхе

Ҳазорсолаи II пеш аз мелод – давлатҳои Шан ва Чжоу

Асрҳои VII–V пеш аз мелод – «шоҳигариҳои зиёд»

Син Шихуандӣ муттаҳид кардааст

## Чин дар даври бисёрподшоҳӣ

Дар асрҳои VIII–VII пеш аз мелод ҳокимияти марказӣ дар давлати Чжоу суст шудан гирифт. Ноибони баъзе вилоятҳо кӯшиш мекарданд, ки аз ҳокимияти подшоҳӣ озод шаванд. Вақте ки қабилаҳои бодиянишин ба Чин ҳамла карданд, сокинони минтақаҳои дурдаст аз он истифода карда, аз ҳам чудо шуда, ба ташкили давлати худ шурӯъ карданд. Ҳамин тариқ **асрҳои VII–V пеш аз мелодро** дар таърих даври « бисёрподшоҳӣ» меноманд.

Дар баробари ин, дар Чин даври «шоҳигариҳои мубориз» оғоз ёфт. Дар тӯли зиёда аз 200 сол, ҷангҳои байни салтанатҳои хурд барои ба даст овардани қудрат дар давлати Чжоу идома ёфтанд. Дар ин давра ҳукмдори давлати Син ҳама мухолифони худро несту нобуд кард. Ин давр бо таъсиси давлати ягона Син **дар асри III пеш аз мелод** ба охир расид.

### Савол ва супоришҳо

1. Аввалин тамаддунҳои Чин дар кадом водии дарё ба вучуд омадаанд?
2. Аввалин давлат дар Чин кай таъсис ёфт? Он чӣ ном дорад?
3. Кадом давлати қадимаи Чинро «Подшоҳии зери осмон» меномиданд? Чаро?
4. Шуғлҳои асосии мардуми Чини қадимро номбар кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 18. ЧИН ДАР АСРИ III ПЕШ АЗ МЕЛОД

## Ташкилёбии давлати марказонидашуда

Ҳукмдоре, ки **соли 246 пеш аз мелод** Чинро зери ҳукмронии худ муттаҳид кард, **Син Шихуандӣ** ном дошт. Ин ном маънои «аввалин ҳукмдори Син»-ро дорад.

Ӯ қаламрави давлати худро ба вилоятҳои алоҳида тақсим карда буд, ноибони худро роҳбари ҳар як вилоят таъин кард.

Син Шихуандӣ фармон дод, ки дар вақти зинда будани у мақбарае сохта шавад. Ин мақбара аз ҷиҳати ҳашамат ва ороиши худ метавонад бо аҳромҳои Миср рақобат кунад. Мақбараро дар тӯли 37 сол 720 ҳазор нафар сохтаанд. Мақбара дар масоҳати чанд километри мураббаъ ҷойгир аст. Аз мақбараи Син Шихуандӣ шаш ҳазор дона ҳайкалҳои сафолини сарбозоне, ки барои «посбонӣ» гузошта шуда буданд, ёфт шудааст.



Син Шихуандӣ. *Расми муосир*



Сарбозони сафолини Син Шихуандӣ

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Девори бузурги Чин

**Девори бузурги Чин**

Дар асри IV пеш аз мелод

Барои муҳофизат аз бодиянишинҳо

Син Шихуандӣ фармон дод, ки девори мудофиавии дар саросари Чини Шимолӣ сохташуда минбаъд мустаҳкам карда шавад, то кишварашро аз ҳамлаҳои хуннҳои бодиянишин муҳофизат кунад.

Сохтмони девор дар аввал дар **асри IV пеш аз мелод** оғоз ёфт. Ин девор дар таърих **Девори бузурги Чин** ном дорад. Баландии он 6–10 метр, ғафсиаш 5–8 метр ва дарозиаш қариб ба 4000 километр мерасад. Дар замонҳои қадим ин девор барои аскарони душман монеаи ҷиддие буд: аскарони савора аз он гузашта наметавонистанд, қалъаҳоро бо роҳи ҳуҷум гирифтанро бодиянишинҳо ҳанӯз намедонистанд.

Подшоҳ ва амалдорон садҳо ҳазор нафар деҳқононро ба сохтани девор маҷбур карданд.



Сохтмони Девори бузурги Чин



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


Корҳои сохтмонӣ

## Маданияти Чини қадим

Дар Чини қадим маданияти баланди беназир офарида шуд. Ҳаёти ҳаррӯзаи аҳолии маҳаллӣ ба деҳқонӣ, хунармандӣ, бинокорӣ ва дигар соҳаҳо вобаста буда, инкишоф додани донишҳои илмиро тақозо мекард.

Ҳамин тариқ, илмҳои математика, астрономия ва география инкишоф ёфт. Инчунин, чиниёни қадим дар соҳаҳои меъморӣ ва пайкаратарошӣ ба муваффақиятҳои калон сазовор гаштаанд. Дар Чини қадим иероглифҳое вуҷуд дошт, ки калимаҳо ва ҷумлаҳоро ифода мекарданд. Дар ибтидо чиниҳо ба тахтачаҳои бамбук навиштаанд.

**Син Шихуандӣ**

Соли 246 пеш аз мелод

«Ҳукмдори аввалини Син»

Девори бузурги Чин

Ихтироъҳо: иероглифҳо, коғаз, қутбнамо, сейсмограф

Китобҳои аз тахтачаҳои бамбук иборат





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Фикр кунед**

Ба расмҳо нигоҳ карда, коғаз дар Чини қадим чӣ гуна тайёр карда шуданашро фаҳмонда диҳед.

Аз ин 2,5 ҳазор сол пеш барои навиштан ба истифодаи абрешим гузаштанд. Ба матоъҳои абрешимӣ бо мӯйқалам навишта шудааст. **Дар асри I пеш аз мелод** коғаз ихтироъ карда шуд.

Яке аз аҷибтарин ихтироъҳои чинӣ компас буд. Он аз оҳани бо оҳанрабо фарогирифта сохта шуда, ба қошуқи калоне шабоҳат дошт, ки дастаки дароз дорад. Онро ба чӯби катакҳояш заррин ҷойгир кардаанд ва дастаки он ҳамеша тарафи ҷанубро нишон додааст.

Сейсмограф, ки заминларзаро пешгӯӣ мекунад, низ дар Чин ихтироъ карда шудааст.

Ҷараёни тайёркунии коғази чинӣ




**Савол ва супоришҳо**

1. Ҳукмдореро номбар кунед, ки Чинро дар як кишвари ягона муттаҳид кардааст. Ин ҳодиса кай рӯй додааст?
2. Шумо дар бораи Девори бузурги Чин чиҳоро медонед? Чаро ин девор садди ҳуҷуми бодиянишинон буд?
3. Ихтироъҳои чиниҳоро номбар кунед. Кадоме аз онҳоро мо имрӯз низ истифода мебарем?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 19–20. ДАВЛАТҲОИ ҚАДИМАИ ҲУДУДИ ЎЗБЕКИСТОН

## Таркиби этникии аҳолии қадима ва чойгиршавии ҳудудӣ

Мувофиқи гувоҳии сарчашмаҳои хаттӣ **дар асрҳои VII–VI пеш аз мелод** қавмҳои **суғдиён, бохтариён, хоразмиён**, инчунин қабилаҳои **сак** ва **массагетҳо** дар ҳудуди Ўзбекистон зиндагӣ ба сар бурдаанд Бисёр аҳолие, ки дар водиҳои Зарафшон ва Қашқадарё ҳаёт ба сар мебурданд, бо деҳқонӣ шуғл варзидаанд. Дар сарчашмаҳои хаттии юнонӣ ин ҳудуд



Манзилгоҳи бодиянишинон




Чойгиршавии халқҳо ва қабилаҳои қадима дар Осиёи Миёна



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Сакҳои чорводор





Ханҷар. Ҳазорсолаи I пеш аз мелод

**Суғдиёна** ном дорад. Аҳолии ҳудуди мазкур **суғдиён** номида шудаанд.

Наздиктарин ҳамсояҳои суғдиён **бохтариён** буда, онҳо дар воҳаи Сурхон, шимоли Афғонистон ва ҷануби Тоҷикистон ҷойгир шуда буданд. Муаррихони Юнону Рим ин заминҳоро **Бақтриана** ё **Бохтар** (Бақтрия) номидаанд.

Қавмҳои деҳқони муқимӣ, ки дар поёноби Амударё зиндагӣ мекарданд, **хоразмиён** буданд. Кишвари онҳо дар манбаҳои юнонӣ **Хорасмия** номида шудааст. Дар биёбонҳо ва соҳилҳои Амударё қабилаҳои бодиянишини **массагет** зиндагӣ мекарданд.



Водии дарё

**Сакҳо** дар кӯҳу дашту биёбонҳои Осиёи Миёна зиндагӣ мекарданд, ки шуғли асосии онҳо чорводорӣ буд.

## Тараққиёти хоҷагӣ дар асрҳои VII–VI пеш аз мелод

Дар ин давра шуғли мардуми Суғд, Бохтар ва Хоразм зироаткории дар асоси обёрии сунъӣ буд. Ҳунармандӣ ва савдо низ хеле рушд кардааст. Аз ин манзилгоҳҳо ашёҳои кулолии босифат, силоҳҳои оҳану биринҷӣ ёфт шудаанд.

Аз кӯҳҳо мис, қалъагӣ, нуқра ва тилло, инчунин сангҳои қиматбаҳо аз қабили **лоҷуворд (лаъл)** ва **фирӯза** барои заргарӣ истихроҷ карда мешуданд. Лоҷуворд дар кӯҳистони Бохтар вуҷуд дошт.



Тасвири шери тиллоӣ. Намунаи санъати сакҳо



Ҷанговари сак. *Барқароршуда*



Қавмҳои Осиёи Миёна. Асрҳои VII–VI. *Барқароршуда*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Фикр кунед**

Тасаввур кунед, ки шумо ҳамчун муаррихе, ки ин сабтҳоро ёфтаед, дар бораи Бохтар чӣ маълумот гирифтед? Ҷосуси подшоҳи Оссурия ба ӯ дар бораи чӣ нақл мекунад?



Лаъл

## Маълумоти манбаҳои Оссурия дар бораи лаъли Бохтар

*«Дар бораи лаъле, ки подшоҳ хостааст: – Гуфтанд: «Бароям лаъл биёред». Ҷаноби олӣ намедонанд, ки вақте ман ба кӯҳ баромада, лаълро ба даст гирифтам, мардуми кишвар бар зидди ман бархостанд. Подшоҳ иҷозат бидиҳанд, лашкари зиёде рафта лаълро биёранд; танҳо ман бо онҳо нону ҷурғот тақсим намекунам; Назди онҳо намеравам, наздики қосиди ту намешавам, саломатии подшоҳро ҳам намепурсам. Шоҳам, инро гуноҳ наҳисобанд бас ...».*

Шуғли асосии қабилаҳои бодиянишини саку массагет чорводорӣ буда, рамаи шутур, асп, гӯсфанду буз парвариш мекарданд. Чорводорон аз пӯсти ҳайвонот чарм, аз матоъҳои пашмин пойафзол, либос ва хайма медӯхтанд.

Бодиянишинон ин маҳсулотҳоро ба деҳқонони муқим мефурӯхтанд, деҳқонон бошад, бо халқҳои Шарқ алоқаи мустаҳками тиҷоратӣ ва маданӣ баркарор намудаанд. Мубодилаи мол байни халқҳои муқим ва бодиянишини Осиёи Миёна бомуваффақият анҷом ёфтааст.



Ҳаёти рӯзмарраи бодиянишинон



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Маданияти шаҳрҳои қадима дар асрҳои VII–VI пеш аз мелод

Дар натиҷаи рушди ҳунармандӣ ва савдо дар асрҳои VII–VI пеш аз мелод шаҳрҳои қадима ба инкишоф рӯ ниҳоданд. Онҳо марказҳои ҳунармандӣ, истеҳсолот ва савдо буданд. Қадимшиносон шаҳрҳои қадимаи **Афросиёб** (Самарқанд), **Кӯктепа** (водии Зарафшон), **Еркӯрғон** ва **Узункир** (Қашқадарё), **Кӯзалиқир** (Хоразм), **Қизилтеппа** (Сурхондарё) омӯхтаанд. Як гурӯҳи шаҳрҳо маркази савдо ва ҳунар, дигарашон марказҳои ноҳияву вилоятҳои алоҳида ба ҳисоб мерафтанд. Намуди чунин шаҳрҳои қадима чӣ гуна буданд?

Дар он замонҳои дур сайёҳ метавонист, шаҳри бузурги бостониро аз дур бинад. Қалъаи азими дохилӣ аз дигар хонаҳои чӯбӣ, биноҳои ёрирасон ва устохонаҳои ҳунармандӣ ба таври мӯҳташам баланд буд. Дар қалъа қасри калони дорои ҳуҷраҳои гуногун ҷойгир буд. Дарахтон кам, кӯчаҳо танг, аммо деворҳои муҳофизатӣ одамро ба ҳайрат меовард. Сокинони шаҳр ба сохти мудофиа диққати махсус медоданд. Роҳи вориди дарвозаи шаҳрро ҷӯйбори пур аз об – **хандақ** баста буд.





Корҳои ҳафриётӣ дар Қизилтеппа



Хона-қалъаи Бохтари қадим. Вилояти Сурхондарё. *Барқароршуда*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Вакилони аҳолии Осиёи Миёна.
*Барқароршуда*

Дар девор манораҳо ва тӯпҳо барои тирандозӣ буданд. Дар ҳар сония аз онҳо тири камони бирингӣ интизор шудан мумкин буд.

Дар соҳили дарёи хушманзара хонаю истеҳкомҳои деҳқонон тӯл кашида, атрофи онҳоро боғу киштзорҳо иҳота карда буданд. Роҳҳои чанголуд ба воҳаҳои ҳамсоя мебурд.

Дар ин замон одамон чӣ гуна зиндагӣ кардаанд?

Деворҳои хонаҳои истиқоматӣ аз хишти хом сохта шуда, бо лойи коҳдор андова карда, фарши хонаро бо пӯстакҳо ва шолчаҳо пӯшонда буданд. Токчаҳо дар паҳлӯи девор сохта шуда, дар мобайни хона печи гармкунӣ гузошта мешавад. Ошхонаи алоҳида бо якчанд печҳо фарқ мекард. Дар анборхонаҳои махсус хумдонҳои калон чойгир шуда, дар онҳо маҳсулотҳои хоҷагии қишлоқ нигоҳ дошта мешуд.

## Давлатҳои қадим

Бохтар, ки **дар асри VII пеш аз мелод** таъсис ёфтааст, яке аз давлатҳои қадимаи Осиёи Миёна ба ҳисоб меравад. Он аз ҷиҳати сиёсӣ ва фарҳангӣ таҳти таъсири Марғиёна ва Суғд буда, иттиҳоди давлатии халқҳои бародари гуногуни қадима мебошад.




Осиёи Миёна ва Шарқи қадим



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Муаррихи Юнони қадим **Ктесий** (асрҳои V–IV пеш аз мелод) дар бораи муносибати Бохтар бо Оссурия навиштааст. Ӯ муддати тӯлонӣ дар қасри шоҳи форси қадим **Артаксеркс** зиндагӣ карда, табиби қаср буд. Ктесий дар бораи юриши шоҳи Оссурия **Нин** ба Бохтар нақл мекунад. Дар бораи зиёд будани аҳолии кишвар, шаҳрҳои калон пойтахти мустаҳкамаш Бактра ва хазинаи шоҳи Бохтар **Оксиарт** маълумоти зерин дорад :

*«Нин шуҷоати қаҳрамонони бохтарӣ ва дар бораи он ки мамлакати онҳо бисёр қалъаҳои мустаҳкам дорад, дониста, аз халқи худ шумораи зиёди ҷанговаронро ҷамъ кард.*

*Армияи Нин аз сабаби душвории бо қувваҳои калон ба Бохтар гузаштан ва танг будани дараҳо ба чанд қисмҳо тақсим шуда буд. Бохтар дар баробари шаҳрҳои калон доштан, пойтахти ниҳоят калон низ дошт. Он Бақтра ном дошт ва бо мустаҳкамии қалъа ва деворҳояш аз дигар шаҳрҳо фарқ мекард. Подшоҳ Оксиарт ҳар касеро, ки силоҳ дошта метавонад, ба ҷанг сафарбар кард.*

*Вай дар болои аскарони худ истода, бо душман рӯ ба рӯ шуд ва ба яке аз лашкарони Нин имкон дод, ки аз дара гузар кунанд. Пас аз он ки шумораи кофии душман аз дашт гузаштанд, Оксиарт сафи ҷангии аскарони худро ташкил дод.*

*Вақте,ки ҷанги даҳшатнок сар шуд, бохтариён оссуриёнро ба ақибнишинӣ маҷбур карданд. Аз ақибашон рафта, то доманаи кӯҳ онҳоро таъқиб карданд ва сад ҳазор сипоҳи душманро несту нобуд карданд».*



Зарфи сафолини аз Қизилтеппа ёфтгардида



Шутуркаши бохтарӣ

**Давлати Бохтари қадим** → Афросиёб,Қизилтеппа,Узункир, Ерқӯрғон

**Хоразми қадим** → Кӯзалиқир



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Дар ҳудуди Хоразм низ сохти давлати бостонӣ барпо гардид. Яке аз калонтарин марказҳои воҳаи Хоразм дар ҷойи қалъаи Кӯзалиқир ҷойгир буд, ки бо деворҳои мустаҳками мудофиавӣ иҳота шудааст.

Дар асри VI пеш аз мелод хоразмиён дар ин қалъа қасри калоне сохтаанд. Он аз ҳуҷраҳо ва толорҳои бо сутунҳои чӯбин сохташуда иборат буд. Дар назди қаср барои нигоҳ доштани ҷав ва гандум анбори калони ғалла сохта шудааст. Сокинони воҳа ба зироаткорӣ ва чорводорӣ машғул шудаанд. Дар Хоразми қадим ҳунармандӣ, меъморӣ, ва савдо хеле инкишоф ёфта буд.

Шӯҳрати кулолгарӣ, силоҳсозӣ ва заргарии маҳаллӣ ба дигар кишварҳо низ паҳн шуда буд. Савдо дар шаҳрҳо инкишоф ёфта буд. Хоразмиён бинокорон ва ҳунармандони моҳир буданд.

### Савол ва супоришҳо

1. Дар асрҳои VII–VI пеш аз мелод дар ҳудуди Ӯзбекистон кадом қабила ва халқҳо зиндагӣ кардаанд?
2. Қабилаҳои бодиянишини Осиёи Миёнаро номбар кунед.
3. Давлатҳои қадимаи Осиёи Миёна кадомҳоянд? Онҳо дар кадом ҳудудҳо ҷойгир шудаанд?
4. Аввалин шаҳрҳое, ки дар қаламрави Ӯзбекистон пайдо шуданд, чӣ гуна намуд доштанд? Аз номи иштирокчии тадқиқоти археологӣ сухан ронед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 21. ЗАРДУШТӢ ВА «АВЕСТО»

## Таърихи пайдоиши дини зардуштӣ

Дар ҳазорсолаи I пеш аз мелод дар Осиёи Миёна дини **зардуштӣ** ба таври васеъ паҳн шуд. Вақте, ки одамон табиатро илоҳӣ мекарданд, ин дин ҳанӯз шукуфта буд. Зардуштиён оташ (офтоб), замин, об ва ситораҳоро мепарастиданд ва онҳоро илоҳӣ медонистанд.

Калимаи «Зардушт» ба номи **Заратуштра (Зардушт)** вобастагӣ дорад. Вай шахси таърихиест, ки дар чоряки аввалаи ҳазорсолаи I пеш аз мелод зиндагӣ кардааст.

Баъдтар, дар Юнон номи ӯро **«Зороастр»** (юнонӣ астрон – «ситора») меномиданд, чунки дар Юнонистон ӯро ҳамчун ҳаким ва мунаҷҷим медонистанд. Аз ин ном худи таълимот **зороастризм**, яъне зардуштӣ номида шуд.

Дар бораи пайдоиши дини зардуштӣ ривояте ҳаст:

*Рӯзе Зардушт субҳи барвақт ба соҳили дарё омад, то об биёрад. Дар оби софу мусаффо симои яке аз сафирони Аҳурамаздоро мебинад, симо бо воситаи нур ба кадом тараф рафтанро нишон медиҳад.*

*Зардушт аз паси нури сеҳрнок меравад ва ба зудӣ ба ҳузури худои олӣ Аҳурамаздо мерасад. Аҳурамаздо мегӯяд, ки ӯро барои паҳн кардани амалҳои некаш интихоб кардааст ва эълон мекунад, ки ӯ ваколати илоҳӣ гирифтааст.*

Ба ин тартиб Зардушт дар синни 30-солагӣ ба тарғиботгари таълимоти нави динӣ табдил ёфт.



Зардушт.
*Расми муосир*






Рамзи зардуштӣ



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE



Ҳайкалчаҳои коҳинҳои зардуштӣ

## Паҳншавии зардуштӣ

Вақте, ки дини зардуштӣ паҳн мегардид, на ибодатхонаҳо ва на китобҳои махсус барои омӯзиши матнҳои дуо вучуд надоштанд. Маросимҳои динӣ дар хона дар зери осмони кушод, дар гулхан ё дар атрофи оташдон баргузор мешуданд.

Зардушт аввал қабилаҳои гуногунро дар муборизаи зидди истилогарон ба муттаҳид шудан даъват кард.

Ваъзҳои охирини Зардушт аз чониби коҳинон аз ёд карда шуда, ба диндорон хонда мешуданд.

Баъди вафоти Зардушт чанд аср гузашта, тамоми маросимҳои динӣ, мадҳияҳо ва дуоҳо дар як китоб чамъ оварда шуданд, ки барои зардуштиён муқаддас буд. Номи ин китоб **«Авесто»** аст, ки маъношш «қонуну қоидаҳои қатъӣ» аст.

Аҳурамаздо



**Фикр кунед**

Ба назари шумо хусусиятҳои ба худ хоси дини зардуштӣ дар чист?

Ёдгории китоби «Авесто» дар шаҳри Урганч





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Худоҳо, таълимот ва маросимҳои зардуштиҳо

Зардуштиён ба худоёни сазовори эҳтироми худ **Аҳурамаздо, Митра** ва **Анахита** бовар мекарданд. **Аҳурамаздо** худои олӣ ва хирадманди зардуштиён ҳисобида мешуд. **Митра** худои офтоб ва равшанист, ки вай ба воситаи раъду барқ бо **Аҳриман**, худои бадӣ ва марг ҷанг мекунад. Зардуштиён рангинкамонро пас аз борон ҳамчун камони тирандози Митра парастиш мекарданд. **Анахита** дар дини зардуштӣ олиҳаи ҳосилхезӣ ва об ҳисобида мешуд. Таълимоти дини зардуштӣ дар такмили ҷаҳонбинии инсоният дар бораи некиву бадӣ таъсири бузурге дошт.

Маънои асосии зиндагии зардуштӣ аз рафтори нек, гуфтори нек ва пиндори нек иборат буд. Вазифаи асосии одам, пеш аз ҳама, одилона зиндагӣ кардан аст.

Тибқи эътиқоди зардуштӣ дурӯғ нагуфтан, фиреб надодан, ба ваъда вафо кардан ва танҳо корҳои хайр кардан шарт аст.

Дар таълимоти зардуштӣ марг ифодаи бадӣ ҳисобида мешавад. Аз ин рӯ, маросими махсуси дафни фавтидагон таъсис дода шуд. Мурдаро ба хок дафн кардан, сӯзондан ё ба об партофтан мумкин нест. Аз ин рӯ, онҳо ҷасадро дар теппаҳои санглоху регзор гузоштаанд, то онҳоро паррандагон ва ҳайвоноти дарранда бихӯранд. Устухонҳои дар борон шуста ва дар офтоб тозашударо дар тобутчаҳои махсуси сафолин – **оссуариҳо** (устухондонҳо) дафн мекарданд.



Коҳини зардуштӣ. Пластинаи тиллоӣ аз хазинаи Амударё






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Саҳифаи дастнависи «Авесто»

## Қонун ва қоидаҳои «Авесто»

Зардуштиён кирдорҳоеро ба мисли истилогарӣ, ғоратгарӣ ва хароб кардани манзилҳоро ҷиноятҳои вазнин медонистанд. Гирифтани аслиҳа ва задани касе, лату кӯб ва захмӣ кардани ӯ сазовори ҷазои сахт дониста мешуд. «Авесто» дуздӣ ва қарздориро гуноҳ медонад. Напардохтани қарз ба дуздӣ баробар дониста мешуд.

Ба меҳнат баҳои баланд дода мешуд. Дар «Авесто» гуфта мешавад, ки инсон бояд кор кунад, ба ягон ҳунар, сохтмон, кишоварзӣ ва чорводорӣ машғул бошад. Инсон бояд тозагии обу наботот ва заминро таъмин намуда, табиатро ҳифз намояд.

«Авесто» ҳуқуқҳои оила ва фарзандонро қатъиян ҳифз мекунад. Аз падару модар гирифтани ноболиғон ва бесарпараст мондани онҳо сиёҳ карда мешавад. Ба кӯдакони хурдсол таълим додан ва ба онҳо касбу ҳунар омӯзонданро қадр мекарданд, чунки **«хондан нури чашм»** аст мегуфтанд.

«Авесто»



Дар яке аз қасидаҳое, ки зардуштиён месароянд, **«Мадҳи Офтоб»** чунин гуфта шудааст:

*Мо Офтобро ситоиш мекунем,*
*Нури безаволро.*
*Давон аст аспҳои ӯ,*
*Вақте ки офтоб медурахшад,*
*Вақте ки офтоб гарм мекунад,*
*Сад ҳазор худованд ҷовидон.*
*Илоҳаҳо:*
*Тақсим мекунад бахтро дар он*
*Аҳурамаздо ин ҷо.*

«Авесто» мардумро ба сулҳу адолат ва некӣ даъват мекунад.



### Савол ва супоришҳо

1. Аввалин тарғиботгари дини зардуштӣ ки буд?
2. Даври паҳншавии дини зардуштиро дар Осиёи Миёна номбар кунед.
3. Худоёни эҳтиромноки зардуштиёнро номбар кунед.
4. Кадом маросимҳои зардуштиро медонед?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ФАСЛИ III
# ЮНОНИСТОНИ ҚАДИМ

## § 22. ОҒОЗИ ТАЪРИХИ АТИКА

### Ҳудуд ва машғулиятҳо

**Юнонистони қадим** – номи умумии давлатҳои юнонӣ аст, ки дар нимҷазираи Балкан ва ҷазираҳои баҳри Миёназамин ҷойгир буданд. Ба ғайр аз тарафи шимол, Юнонистони қадимро баҳрҳои Миёназамин ва Эгей иҳота карда буданд.

Қисми зиёди қаламрави Юнонистонро кӯҳҳо ишғол мекунанд. Баландтарин қуллаи онҳо, кӯҳи Олимп дар шимолу шарқи кишвар ҷойгир аст. Майдонҳои серҳосил дар водиҳои дарёҳои кӯҳӣ воқеъ гардидаанд. Кӯҳҳоро алафзору буттазорҳо фаро гирифтаанд. Дар нимҷазираи **Пелопоннес** дар шимоли Юнонистон ҷангалзорҳои сӯзанбарг мерӯянд.



Кӯҳи Олимп дар тасаввури юнониҳои қадим




Юнонистони қадим



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Ниқоби тиллоӣ.
Микен



Қадаҳи тиллоӣ.
Микен

Юнониҳо аз қадим бо зироаткорӣ ва чорводорӣ машғул буданд.

## Бавуҷудоии тамаддун

**Дар ҳазорсолаи II пеш аз мелод** дар ҷазираи Крит аввалин шаҳр-давлатҳо ба вуҷуд омаданд. Бо номи шоҳи афсонавӣ Минос онро **тамаддуни Миной** меноманд. Шаҳрҳо ва маҳалҳои аҳолинишини давлати Крит дар натиҷаи заминларза, мавҷҳои шадиди баҳр ва таркиши вулқонҳо хароб шуданд. Он ба зудӣ барқарор карда шуд.

Аз ҳудуди Юнонистон қабилаҳои ҷанговар зада даромаданд, ки онҳо **ахейҳо** номидаанд. Маҳз ахейҳо ба барбодшавии тамаддуни Миной оварда расонданд. Ҳуҷуми қабилаҳои **Дориён** ба Юнонистони Ҷанубӣ боиси ба охир расидани давлати Микена ва ба вуҷуд омадани давлати **Спарта** мегардад.

| | |
|---|---|
| Тамаддуни Микен (Юнонистони Ҷанубӣ) ← | Дориён нобуд карданд |
| Тамаддуни Миной (ҷазираи Крит) ← | Ахейҳо хароб карданд |



«Дарвозаи шерон» дар Микен.
Расми кашидаи Дю Монсел Теодор



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Аз саёҳат баргаштани юнониҳо. *Расми муосир*

## Саёҳатҳои баҳрии юнонҳо

Ҷазираҳои сермиқдори хурду калон, бандару бандаргоҳҳои мусоиди баҳри Эгей барои дар байни юнониён инкишоф додани баҳрнавардӣ имкониятро фароҳам овард. Аммо юнониҳо киштиҳои калон надоштанд ва бо қайиқҳои хурди бодбондор аз соҳил дур рафтан хеле хатарнок буд.

Илова бар ин, юнониҳо ҳанӯз компас надоштанд, аз тарси гум шудан, аз ҷазира ба ҷазира ва ё дар наздикии соҳил шино мекарданд. Баҳрнавардони ботаҷриба бошанд, аз бодбонҳо истифода буда ба кишварҳои дурдаст – Миср, ба баҳрҳои Миёназамин ва Сиёҳ, шаҳрҳои соҳилҳои онҳо шино карда рафтаанд.

### Савол ва супоришҳо

1. Аз харита ҳудудҳои Юнонистони қадим ва ҷазираи Критро нишон диҳед.
2. Ҷойгиршавии географии кишвар чӣ хусусият дорад?
3. Шароити географӣ ба машғулияти юнониёни қадим чӣ гуна таъсир расонд?
4. Аввалин тамаддун дар Юнонистони қадим дар куҷо пайдо шуд ва чаро он барбод рафт?
5. Тасаввур кунед, ки Шумо бо юнониён ба саёҳати баҳрӣ баромадед. Дар бораи он ҳикоя эҷод кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 23–24. РАВНАҚИ ЮНОНИСТОНИ ҚАДИМ

## Шаҳрҳои Юнон



Ҷойи зисти юнониёни қадим

Дар натиҷаи ривоҷи деҳқонӣ ва ҳунармандӣ дар Юнонистон шумораи шаҳрҳо низ меафзояд. Аксарияти шаҳрҳои Юнон дар натиҷаи бо ҳам муттаҳид кардани манзилзилгоҳҳо ташкил карда шудааст. Чунин шаҳрҳо дар юнонӣ **«полис»** номида мешаванд, маъноаш «шаҳр» аст. Онҳо шаҳр-давлатҳоро ташкил кардаанд. Полисҳо марказҳои ҳунармандӣ ва савдо буданд.

Бозор дар майдони калони шаҳр ҷойгир буд. Дар он ҷо бо маҳсулотҳои хоҷагии қишлоқ ва ҳунармандӣ савдо мекарданд.

Ҳамаи шаҳрҳо армияҳои худро доштанд. Асоси лашкарро аскарони бо силоҳи вазнин мусаллаҳгардида – **гоплитҳо** ташкил мекарданд. Онҳо бо қатори ба ҳамдигар зич ҷойгиршудаи шаклашон чоркунҷа ҷанг мекарданд. Бо ҳамин тарз дар сафи ҷангӣ истодан **фаланга** номида мешуд.



Ҷанговарони савора ва пиёда, полис ва шаҳриён

Полиси Юнонистони қадим



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Афина. Акропол дар марказ.
*Расми муосир*

## Давлати Афина

Нимҷазираи **Аттика** дар қисми ҷанубу шарқии Юнони Марказӣ ҷойгир аст. Дар ҳазорсолаи I пеш аз мелод, дар қисми ғарбии Аттика юнониҳо қалъае сохтанд, ки **Акропол**, яъне «шаҳри боло» ном дошт. Оҳиста-оҳиста одамон ба атрофи Акропол ҷойгир шуданд. Ҳамин тавр шаҳри **Афина** ба вуҷуд омад. Аксари сокинони шаҳр ҳунармандон ва тоҷирон буданд.

Аҳолии Афина ба се гурӯҳи калон тақсим мешуд: **шаҳрвандон, аҷнабиён – метекҳо** ва **ғуломон**. Танҳо мардоне, ки волидонашон афинагии озод буданд, шаҳрванди Афина шуда метавонистанд.

Фақат шаҳрвандон аз тамоми ҳуқуқҳо истифода мебурданд. Онҳо аз меҳнати вазнин ва корҳои барои саломатӣ зарарнок озод карда шудаанд.

Бо мустаҳкам шудани Афина савдои баҳрӣ низ инкишоф меёбад. Аз бандаргоҳи **Пирей**, ки бандари асосии Афина гардид, ба мамлакат ғуломон ва молҳои гуногун оварда мешуданд.




Ҷараёни кор дар устохонаи киштисозӣ.
*Расми муосир*





UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Таълим дар Афина



Абак – тахтачаи ҳисоб

Дар Афина мактаби давлатӣ вуҷуд надошт. Падару модарон фарзандони худро бо пардохти музди муайян ба **педагог** (маънои «касе, ки дар роҳ кӯдакро пайравӣ мекунад» дар юнонӣ) барои таълим медоданд. Тибқи қонун таҳсил танҳо барои писарон ҳатмӣ буд.

Аз синни ҳафтсолагӣ ба кӯдакон навиштан ва ҳисобу китобро меомӯзонданд. Ба тахтачаҳои мум молидашуда бо асочаи биринҷӣ – **стил** ҳарфҳоро навиштаанд. Барои аксари шаҳрвандон таҳсилот аз ин иборат буд. Фарзандони волидони сарватманд таҳсили худро дар мактабҳои хусусии гимнастика – **палестра** идома медоданд. Дар палестра адабиёт омӯзонида мешуд, шеър ва мусиқӣ низ таълим дода мешуд.

Тахтачаи мум молидашуда ва стил



Писарон аз синни 14-солагӣ бо гимнастика машғул мешуданд. Дар баробари ин ба онҳо сирру асрори гӯштин, найза ва дискғурронӣ, ҷаҳидан ба дарозӣ ва баландӣ, ҳамчунин давидан омӯзонда мешуд. Наврасон ҷанги дастӣ, корҳои ҳарбӣ ва савори аспро низ омӯхтаанд.

Дар Афина муассисаҳои таълимӣ низ вуҷуд доштанд, ки маълумоти олӣ медоданд. Аммо танҳо фарзандони волидони хеле сарватманд имкони таҳсилро дар онҳо дошт. Дар ин гуна муассисаҳои таълимӣ фанҳои ситорашиносӣ, геометрия, география ва таърихро таълим медоданд.

Муддати таҳсил 3–4 сол давом мекард. Баъд имконияти дар корҳои давлат вазифаи муайянро ишғол кардан ба вуҷуд меомад.



Мактаб дар Юнонистони қадим



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Ҷанговарони Спарта ором мегиранд

## Спарта

**Дар асри XII пеш аз мелод** ба ҳудуди Юнонистони Ҷанубӣ (Лаконика) қабилаи дориён зада даромаданд. Онҳо қабилаҳои маҳаллиро тобеъ намуда, давлати **Спартаро** барпо намуданд. Аҳолии маҳаллӣ, ки спартагиён ғулом карда буданд – **илотҳо** аслан юнонӣ буда, бо онҳо як забон ҳарф мезаданд. Илотҳо ба спартагиён нафрат доштанд. Дар чунин шароит ҳокимиятро танҳо бо қувва нигоҳ доштан мумкин буд. Аз ин рӯ, спартагиҳо барои давлати худ шарту шароити махсус фароҳам оварданд. Аз ҷумла, ҳама ба интизоми қатъӣ риоя мекард, онҳое, ки интизомро вайрон мекунанд,ҷазои сахт дода мешуд.

Спарта ба шаҳре, ки ба ҷанг омодагӣ мебинад, монанд буд. Ба Спарта хориҷиёнро иҷозат намедоданд, савдову тиҷорат суст инкишоф ёфтааст, асарҳои санъат, ибодатхонаҳои зебо набуданд. Ҳама хонаҳо якхела сохта шудааст.






Мактаби Спартаи қадим



Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


Илотҳо дар ғунучини ҳосил


Ҷанговари спартагӣ

Илотҳо дар маҳалҳои хурд зиндагӣ мекарданд. Онҳо на моликияти спартагиҳои алоҳида, балки тамоми давлат ҳисобида мешуданд. Илотҳо ба таври алоҳида заминҳои оилаҳои спартагиёнро коркард карда, чорвоҳояшонро бонӣ мекарданд ва бисёр вазифаҳои дигарро иҷро мекарданд. Спартагиҳо танҳо ба кори ҳарбӣ машғул буданд.

Ба ғайр аз илотҳо дар Спарта шаҳрвандоне, ки ҳуқуқи пурра надоштанд – **перийекҳо** низ зиндагӣ мекарданд. Дар Спартаи қадим одамони пурқувват ва тобовар қадр карда мешуданд. Кӯдакон дар шароити хеле вазнин ба воя расидаанд. Дар мактабҳои Спарта ба бачаҳо кори ҳарбиро меомӯзонданд, онҳоро боқувват ва тавоно карда тарбия мекарданд. Наврасони спартагӣ аз волидонашон ҷудо зиндагӣ мекарданд. Ҳамаи ҷавононе, ки ба синни бистсолагӣ расида буданд, ҳамчун ҷанговар ба қӯшун қабул кардашуда, то синни пирӣ хизмат мекарданд.

### Савол ва супоришҳо

1. Полис чист?
2. Аҳолии Аттика ба кадом гурӯҳҳо ҷудо шудаанд?
3. Дар мактаби Афина ба бачаҳо чиҳоро меомӯзонданд?
4. Давлати Спарта чӣ тавр ташкил ёфт? Сокинони он
5. чӣ ном доранд?
6. «Чанд вақт пеш, вақте ки ман дар мактаби гимнастика-палестра мехондам ...». Ҳикояро идома диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 25. КОЛОНИЯҲОИ ЮНОН

## Азхудкунии ҳудудҳои нав

Дар Юнонистони қадим бисёр одамоне, ки аз ашрофон қарздор буданд ва замину моли шахсии худро надоштанд, маҷбур шуданд, ки ватани худро тарк карда, бахти худро дар сарзамини бегона санҷанд. Роҳи дур хавфнок буд.

Пеш аз рафтан, юнониён ба худоҳо қурбониҳо мекарданд. Ҳамроҳи худ дар сабадчаҳои қамишини бо лой пӯшондашуда оташ мегирифтанд. Дар айни замон оташ як порчаи ватане буд, ки онро тарк мекарданд.




## Ташкилёбии колонияҳои Юнон

Кӯчбандони юнонӣ дар соҳили ҷазираи Ситсилия ва нимҷазираи Аппенин ҷойгир шуданд. Манзилгоҳҳои онҳо дар соҳилҳои баҳри Миёназамин ва Сиёҳ ҳам пайдо гардидаанд.

Колонияҳои Юнон тадриҷан ба шаҳр-давлатҳо табдил ёфтанд. Ин шаҳрҳо ҳокимон, қӯшунҳо, қонунҳо ва тангаҳои худро доштанд. Дар онҳо савдову тиҷорат ва ҳунармандӣ инкишоф ёфт.






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Киштиҳои аз колония омада

## Фикр кунед

Аз номи шахси аз Юнонистон кӯчида омада ҳикоя эҷод кунед? Барои чӣ шумо ба тарки Юнонистон маҷбур гаштед? Дар кишварҳои нав чиҳоро дидед?

Аҳолии колонияҳо бо шаҳрҳо – полисҳои Юнонистон дар алоқаи доимӣ буданд. Юнониён худро халқи ягона – **эллинҳо** гӯён ҳисоб мекарданд, ватани худро бошад **Эллада** меномиданд. Дар атрофи заминҳои азхудкардаи онҳо халқҳое, ки истиқомат мекарданд, юнониён **«варварҳо»** меномиданд. Дар асрҳои VIII–VI пеш аз мелод колонияҳои бисёри юнониён ба монанди **Оливия, Херсонес, Пантикапей** ташкил ёфтанд. Ин давр дар таърих номи **колониякунонии Юнони Бузургро** гирифт.

### Савол ва супоришҳо

1. Колонияҳои Юнон кай ташкил ёфтаанд?
2. Кадом шаҳрҳо дар соҳилҳои баҳри Сиёҳ ба вуҷуд омадаанд?
3. Юнониён худашонро ва ватанашонро чӣ тавр номидаанд?



Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 26. ДЕМОКРАТИЯ ДАР АФИНА

## Ташаккули демократия

Дар шаҳри Афина масъалаҳои муҳими соҳаи савдову тиҷорат, суд ва ҳарбӣ дар маҷлисҳои халқӣ муҳокима карда мешуданд. Ҷойе, ки халқ ҷамъ меомад – майдони шаҳр **агора** номида мешуд. Он дар атрофи Акропол ҷойгир шуда буд.

Дар Афина ҳама шаҳрвандони мард метавонистанд андешаи худро дар бораи чӣ гуна идора кардани давлат баён кунанд. Онҳо барои муҳокима намудани муаммоҳои ба миён омада ва қабулкунии қонунҳои нав моҳе чор маротиба дар агора ҷамъ мешуданд.

Тамоми қарорҳо бо роҳи овоздиҳӣ қабул мегардид. Ин шакли идоракунӣ **демократия** номида мешуд, ин истилоҳ маънои «ҳокимияти халқро»-ро ифода мекунад. (*demos* – «халқ» ва *kratos* – «ҳокимият»).


Нутқи нотиқ дар ҳузури шаҳрвандони Афина

## Қонунҳои Драконт

Дар идоракунии Афина маҷлиси оқсоқолон аҳамияти муҳим дошт. Ин маҷлис ҳокимон ва судяҳоро интихоб мекард. Онҳо чун дигар аъзоёни маҷлис танҳо аз ҷумлаи ашрофони Афина буданд. Як қисми


Маҷлиси халқӣ дар Афина



Книга предоставлена исключительно в образовательных целях UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

аҳолиро дар Афина **ашрофзодагон (аристократҳо)** ташкил медод, қисми дигарашон бошанд – **халқи оддӣ** барои ба фоидаи онҳо кор кардан маҷбур буд. Аз ин рӯ, дар байни аҳолиии Афина ихтилофҳо ва низоҳо ба вуҷуд омад.



Драконт

Ҳарду ҷониб ҳам қарор ёфтани адолатро хоста ба ҳукмдори номаш **Драконт** мурочиат мекунанд. Онҳо аз Драконт илтимос мекунанд, ки қонунҳое нависад, ки ҳамаро аз ҷиҳати ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо баробар кунанд. Дар **соли 621 пеш аз мелод** Драконт қонунҳоеро менависад, ки идоракунии халқро бекор мекард ва онҳоро амалӣ мегардонад. Ин қонунҳо чунон сахт ва бераҳмона буданд, ки афинагиён ба он «сиёҳӣ монда бо хун иншо гардидааст» – гӯён таъриф додаанд. Барои қонунро вайрон кардан Драконт якто ҷазо – ҷазои қатлро муқаррар кардааст.

Дар аввал, афинагиҳо ба ин қонунҳо итоат карданд, баъд эътироз карданд ва қонунбарор Драконтро аз шаҳр пеш карданд.

## Ислоҳотҳои Солон

Дар давлати Афина халқ аз ҳукмронии ашрофзодагон норозӣ буданд. Аҳволи халқ торафт бад мегардид, барои ҳамин одамон барои ҳаққу ҳуқуқҳои худ ба мубориза бархестанд. Онҳо ба хона-қалъаҳои ашрофон ҳамла кардан гирифтанд. Халқ ба муқобили ашрофон исён бардоштанд. Аз ҷону


Ҷараёни суд дар Юнонистони қадим



Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

мулки худ ба хавотир афтода ашрофон ба гузашт намудан ва иҷрои як қисми талаби халқ маҷбур шуданд.

**Солон** ашрофи хеле донишманд ва ботаҷриба ҷонибдори гузашти мардум буд.

Ашрофон ба Солон бовар карда, ӯро ҳукмдори Афина интихоб карданд. Соли 594 пеш аз мелод Солон сохтори пештараи идоракунии давлатро тағйир дод. Сохти пештара идоракунӣ – **аристократия** (ҳокимияти ашрофон)-ро ба **демократия** (ҳокимияти халқ) иваз намуд.

Бо таклифи Солон деҳқонон ва қарздоронро ғулом кардан барҳам дода шуд. Фаъолияти **Маҷлиси халқӣ** барқарор гардида, ба ташкилоти олии идораи давлатӣ табдил ёфт.

Дар идоракунии давлат танҳо шаҳрвандони мард иштирок карда метавонистанд. Дар муҳокима ва овоздиҳии қонунҳои қабулшуда занон ва хориҷиён иштирок карда наметавонистанд.




## Рушди демократия дар Афина

Тамоми шаҳрвандони 20-солаи мансуби ҷинси мард дар Маҷлиси халқӣ иштирок карда метавонистанд. Қисми калони маҷлиси халқиро ҳунармандон, тоҷирон, кироякорон ва деҳқонон ташкил медоданд. Дар Маҷлиси халқӣ қарорҳое қабул мегардид, ки барои мардум фоидаовар буд.

Солони донишманд ва ботаҷриба.
*Расми муосир*





...предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ба лавозими стратег 15 маротиба интихоб гардид

**Перикл – стратеги Афина**

Рушди демократия

Парфенон бунёд кардааст

Мачлиси халқӣ қонунҳои навро тасдиқ мекард, қонунҳои кӯҳнаро бекор мекард, барои чудо кардани маблағ барои сохтмони иншоотҳои нав, лашкар ва ғайра қарор қабул мекард. **Машварати панчсадиён**, ки ҳар сол интихоб карда мешуд, масъалаҳои чориро ҳаллу фасл мекарданд. Қарорҳои онҳоро мачлиси халқӣ тасдиқ мекард. Суди халқӣ ҳам дар Афина мақомоти муҳими давлатӣ ба ҳисоб мерафт. Шаҳрвандони аз 30 сола боло дар фаъолияти он иштирок карда метавонистанд. Шахси айбдор метавонист дар суд худро ҳимоя кунад ё одамеро чалб карда метавонист, ки хушрӯ ҳарф зада, қонунҳоро хуб медонад.



Перикл – дар соли 443 пеш аз мелод ҳукмдори давлати Афина

Дар натичаи ба амал чорӣ шудани тадбирҳои қонунбарорӣ демократия ривоч ёфт

Барои оилаҳои камтаъмин фонд ташкил кард, ки ба тамошои спектаклҳои театр раванд

## «Асри Перикл»

Дар даври ҳукмронии Перикл, ки солҳои 443–429 пеш аз мелод ба лавозими стратег 15 маротиба интихоб гардида буд, Афина давлати аз ҳама қудратнок гардид, дар мамлакат демократия инкишоф ёфт. Барои ҳамин ҳам он давр **«асри Перикл»** номида мешавад. Нависандагон, олимон ва мусаввирони ачиби юнонӣ дӯстони Перикл буданд. Перикл бо муаррих Геродот, пайкаратарош Фидий дӯсти наздик буд. Перикл барои кор дар Мачлиси халқӣ музд чорӣ кард. Дар даври ҳукмронии Перикл дар Афина корҳои калони бунёдкорӣ амалӣ гардидаанд. Ташаббускори сохтани иншооти машҳур дар Акропол **Парфенон** – ибодатхонаи илоҳа Афина Перикл буд.



### Савол ва супоришҳо

1. Майдони чамъомади халқ дар шаҳр чӣ ном дошд?
2. Демократия чист? Дар Афина кадом шакли демократия намоён гардид?
3. Дар давлати Афина идоракунӣ бо кадом роҳ ба амал чорӣ шудааст?
4. Баъди гузаронданиислоҳотҳои Солон дар ҳаёти аҳолӣ чӣ дигаргуниҳо ба амал омаданд?
5. Дар Мачлиси халқӣ ва Машварати панчсадиён чӣ гуна қарорҳо қабул кардан мумкин буд?
6. Дар «асри Перикл» дар Афина чӣ гуна тағйиротҳо ба амал омаданд?



Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 27–28. ҶАНГҲОИ ЮНОНУ ФОРС. ЗАБТИ ЮНОНИСТОН АЗ ТАРАФИ МАКЕДОНИЯ

## Ҷангҳои юнону форс

**Дар ибтидои асри V пеш аз мелод** форсҳо ба юнон таҳдид овардаанд. Подшоҳи Форс Доро I аввал шаҳр-давлатҳои юнониёнро дар Осиёи Хурд забт карда, ба Юнонистон юриш мекунад. Ҷанги аввал **дар соли 490 пеш аз мелод** дар ҳамвории **Марафони** нимҷазираи Аттика ба амал меояд ва дар он қӯшунҳои юнониён ғалаба мекунанд. Яке аз беҳтарин ҷанговар ба сӯйи шаҳр мешитобад, то хабари ғалабаро ба Афина расонад. Ҷанговаре, ки 42 километр тай кард: «Ғалаба! Ғалаба!» гӯён дарҳол дилаш кафида ҳалок мешавад. Баъдтар давидан ба масофаи дур дар мусобиқаҳои варзишӣ **давидани Марафон** номида шуд. **Соли 480 пеш аз мелод** писари Доро I Ксеркс ба муқобили Юнонистон юриш оғоз кард. **Дараи Фермопили** кӯҳсор ягона роҳе буд, ки аз шимол ба ҷануби Юнон мебурд. Ба қӯшуни юнониён шоҳи Спарта **Леонид** сарварӣ кардааст. Онҳо дараи Фермопилро мардонавор муҳофизат намуда, ҳама қаҳрамонона ҳалок гардиданд. Ин воқеа ба таърих бо номи **«Ҷасорати сесад нафар спартагӣ»** дохил шуд. Ҷанги ҳалкунандаи баҳрӣ байни юнониҳо ва форсҳо **соли 480 пеш аз мелод** дар **гулӯгоҳи** танги **Саламин** ба амал омадааст. Флоти муттаҳидаи шаҳр-давлатҳои Юнон назар ба флоти форсиён тавонотар буд ва форсҳо низ дар ин ҷанг шикаст хӯрданд. Пас аз ин шикаст Ксеркс маҷбур шуд, ки бо боқимондаҳои флот Юнонистонро тарк кунад.




**Фикр кунед**

Чаро юнониён форсҳоро мағлуб карданд? Ҷасорати сесад нафар спартагиро чӣ гуна баҳо додан мумкин аст?

Ҷанги Марафон



Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



«Ба забт кардани Эллада ба пеш!»
*Филипп II*

Дар аввали соли 478 пеш аз мелод форсҳо барои боз забт намудани Афина ҳаракат намуданд. Вале дар наздикии шаҳри **Платея** қӯшунҳои форсҳо торумор карда шуд.

Ҷангҳои юнону форс бо ғалабаи пурраи юнониҳо **соли 449 пеш аз мелод** дар натиҷаи сулҳ ба охир расид.

## Аз ҷониби Македония забт гардидани Юнонистон

Шаҳрҳои Юнонистон доимо байни худ меҷангиданд. Дар он вақт шоҳи Македония **Филипп II** забт кардани Юнонистонро ният мекунад. Қӯшунҳои вай аз саворагон ва пиёдагардон таркиб ёфта буд. Пиёдагардон дар 16 қатори иборат аз фаланга саф мекашиданд. Дар қатори 6-уми фаланга найзағурророн ҷойгир шуда, ҷанговарони қатори якумро ҳимоя мекарданд. Дар вақти ҷанг тамоми фаланга ба махлуқоти оҳанини зиреҳпӯш монанд мешуд. Болҳои фалангаро аскарони савора муҳофизат мекарданд.



«Шаҳрвандони Эллада, барои мубориза бар зидди македониягиён муттаҳид шавем!»
*Демосфен*

Нотиқи машҳур Демосфен ба шаҳрҳои Эллада сафар карда, даъват мекард, ки якҷоя шаванд ба муқобили македониягиён бархезанд. Вале танҳо



Тайёрии ҷанговарӣ



Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

аҳолии шаҳри Фива ба иттифоқи шаҳрҳои Афина ба муқобили қӯшунҳои Филипп II ҳамроҳ мешаванд.

## Ҷанги остонаи Херония

**Соли 338 пеш аз мелод** қувваҳои асосии юнониён ва македониягиён дар наздикии шаҳри Херония дар Беотия рӯ ба рӯ мешаванд давраи. Ҷанги шадид муддати дароз давом мекунад. Македониягиёне, ки ҳилаи ҳарбиро кор мебаранд ба бартарӣ соҳиб мешаванд. Онҳо ақибнишинӣ мекунанд. Юнониёне, ки ба ғалаба кардан боварӣ ҳосил менамоянд, душманро таъқиб мекунанд.

Дар ин ҳолат қӯшунҳои юнониён ба ду қисм тақсим мегардад. Ба яке аз ин қисмҳо қӯшуни савораи македониягиён, ки писари Филипп II **Искандар** сарварӣ мекард, зарбаи ҳалокатовар мезанад. Қӯшунҳои Юнон ба ақибнишинӣ шурӯъ карда, торумор карда мешаванд. Дар ҷанг аксарияти юнониён ҳалок мегарданд. Баъди ҷанг дар остонаи Херония бар асари мағлубият Юнонистон ба Македония тобеъ гардид.




Сохтори ҳарбии фалангаи юнониён



Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




## Юнонистон дар таркиби Македония

Баъди мағлубият дар остонаи Херония аҳолии Юнонистон қисмати худро дар оғӯши тарсу бим мегузаронд. Аммо Филипп II худро шоҳи юнониён эълон намекунад. Филиппи II бо юнониён муттаҳид шуда, ба муқобили форсҳо иттифоқ ташкил намуд.

Намояндагони тамоми шаҳр-давлатҳои Юнон, ба ғайр аз Спарта, дар **Коринф** ҷамъ омаданд, ва дар зери ҳокимияти Македония иттифоқи шаҳр-давлатҳои юнониро ташкил намуданд. Онҳо ба қароре меоянд, ки осоишта зиндагӣ кунанд, ба якдигар ҷанг накунанд ва ба корҳои дохилии якдигар дахолат накунанд.

Аммо Филипп II бар зидди форсҳо юришро ба амал оварда натавониста, хоинона кушта мешавад. Писари ӯ Искандари Мақдунӣ ҳукмдор гардид.



Искандари Мақдунӣ. *Расми муосир*

### Савол ва супоришҳо

1. Сабабҳои ҳамлаи форсҳоро ба Юнонистон гуфта диҳед.
2. Аз номи иштирокчии ҷанги Марафон (ҷанговари лашкари форсӣ ё юнонӣ) ҳикоя нависед.
3. Кадом воқеа дар таърих бо номи «Ҷасорати сесад нафар спартагӣ» боқӣ мондааст?
4. Хизматҳои Демосфен дар назди аҳолии Эллада чӣ гуна аст?
5. Қӯшуни Македония аз юнониён бо чияш фарқ мекард?
6. Истилои Юнонистон кай ва дар кадом ҷанг ба амал омад?
7. Пас аз забт кардани Юнонистон аз ҷониби Филипп II дар идоракунии шаҳрҳои Юнон чӣ гуна тағйирот ба амал омад?
8. Ба фикри шумо чаро юнониён озодии худро нигоҳ дошта натавонистанд?



Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 29. ТАРБИЯИ ШАҲРВАНДОНИ ЮНОН

## Тарбияи шаҳрвандон

Дар мактабҳои юнон шаҳрванди фаъол ва ҳимоятгари давлат мебоист тарбия меёфт. Рушди варзиш ва шавқу завқи баланд нисбати бозиҳои Олимпӣ низ ба ана ҳамин мақсад хизмат мекард. Дар писарбачагон аз хурдӣ ҳисси муҳаббатро нисбати шеърият ва мусиқӣ бедор месохтанд.

Ба ғайр аз таълими умумӣ писарбачагон таълими ҳарбии дусоларо ҳам мегирифтанд. Соли аввал онҳо дар хонаашон истиқомат карда, дар саф истодан, овезон карда гаштани силоҳ, ба гуруснагиву хунукӣ тобовар шуданро меомӯхтанд. Соли дуюм бошад баъзеяшон дар саҳроҳои канораи Аттика хизмати ҳарбиро ба ҷо меоварданд, баъзеяшон бошанд дар бандари Пирей асосҳои санъати баҳрнавардиро ёд мегирифтанд.

Дар мавриди зарурати пайдо гардидани мудофиаи мамлакат мардони то 30 сола бо силоҳу аслиҳа ва либоси ҳарбии худ барои аз назаргузаронӣ расида омаданашон зарур буд. Муҳаббат ба Ватан дар фидокорӣ ва ҷасорати ҳар як шаҳрванд ифода меёфт.



Таълим дар Юнонистони қадим



Майдони савдо ва ҳаёти ҳаррӯзаи юнониён. *Барқароршуда*



Экземпляр предоставлен исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE






Намудҳои мусобиқаҳои бозиҳои Олимпӣ

## Бозиҳои Олимпӣ

Варзиш барои тамоми юнониён машғулияти дӯстдошта буд. **Соли 776 пеш аз мелод** дар шаҳри Олимпия аввалин бозиҳо гузаронида шуд. Аз ҳамин сана эътибораи дар ҳар чор сол як маротиба оташи муқаддаси Олимпиада аз нурҳои офтоб даргиронда мешуд, варзишгарони аз чор тарафи Юнон омада аз рӯйи панҷ ҳарба бо ҳам қувва меозмуданд.

Панҷҳарба бошад, аз ҷаҳидан ба дарозӣ, дискғуррронӣ, найзағуррронӣ, давидан ва гӯштин иборат буд. Дар ипподром бошад, пойгаҳо аз рӯйи аробадавонӣ ва аспдавонӣ гузаронда мешуданд. Ба он мақсад, ки одамон ва варзишгарон бозиҳои Олимпӣ сиҳату саломат расида оянд, ҳангоми гузаронидан бозиҳо ҷангу ҷидолҳо хотима меёфтанд.

Бозиҳои Олимпии Юнон бахшида ба худои Олимп **Зевс** гузаронида мешуд. Мувофиқи афсонаҳо асосгузори бозиҳои Олимпӣ **Геракл** ба ҳисоб мерафт. Дар бозиҳои Олимпӣ танҳо шахси озоде иштирок мекард, ки ҷиноят содир накардааст у ба шаъну шарафи худ доғе наовардааст.

Дар мусобиқа агар шахсе се маротиба ғалаба кунад, барои гузоштани ҳайкали худ дар шаҳри Олимпия ҳуқуқ дошт. Юнониён ҳисоботи солро мувофиқи бозиҳои Олимпӣ пеш бурдаанд. Ғолибон бо гулчамбарҳое, тақдир мегардиданд, ки аз навдаҳои дарахти муқаддаси зайтун бофта мешуд.

Дар натиҷаи паҳншавии дини насронӣ бозиҳои Олимпии ба шарафи худо Зевс гузаронда шаванда манъ карда мешавад. **Дар соли 394 мелодӣ** гузаронидани бозиҳои Олимпӣ тамоман қатъ мегардад.

Ниҳоят дар **соли 1896** бозиҳои Олимпӣ аз нав барпо гардидаанд. Одати дар рӯзи кушоиши бозиҳои Олимпӣ даргирондани машъала то имрӯзҳо боқӣ мондааст. Машъалаи аз нурҳои Офтоб даргирондашуда, ба маҳалли гузарондани бозиҳои Олимпӣ оварда мешавад.

### Савол ва супоришҳо

1. Дар назди муаллимони Юнонистони қадим чӣ гуна мақсад гузошта шуда буд? Мактабҳои юнонӣ аз мактабҳои ҳозира бо чияшон фарқ мекарданд?
2. Аз номи иштирокчии бозиҳои Олимпӣ ҳикоя таҳия созед. Дар бозиҳо чиҳоро дидед ва дар кадом мусобиқаҳо иштирок кардаед, нақл намоед.



Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 30. МАДАНИЯТИ ЮНОНИСТОНИ ҚАДИМ

## Достонҳои «Иллиада» ва «Одиссея»-и Гомер

Тақрибан соли 1200 пеш аз мелод юнониён ба Троя барои ба даст овардани молу мулк юриш сар карданд, ки дар Осиёи Хурд ҷойгир буд.

Аммо, ривоятҳои юнонӣ сабаби дигареро баён мекунад. *Бонуи аз ҳама зебо, рафиқаи подшоҳи Спарта Соҳибҷамол Елена буд. Писари шоҳи Троя Парис ба шоҳигарии Спарта меояд ва Еленаи Соҳибҷамолро дуздида мебарад. Шоҳи Спарта аз воқеа хабар ёфта, барои аз Парис қасд гирифтан қарор мекунад ва тамоми спартагиёнро ба он даъват мекунад. Юнониён нӯҳ сол беҳуда Трояро муҳосира мекунанд.*



Шоири Юнони қадим Гомер. *Расми муосир*

Шоири Юнони қадим **Гомер** достонҳои «Иллиада» ва «Одиссея»-ро менависад. Достони «Иллиада» дар хусуси соли охирини даҳуми ана ҳамин набард ҳикоя мекунад. *Бо маслиҳати Одиссея юнониён айёрӣ мекунанд: аспи бузурги дохилаш холиро месозанд.*

*Дар даруни ана ҳамин асп як қисми қӯшуни юнониён ҷойгир мешаванд, қисми дигараш*



Ҳуҷуми юнониҳо ба киштии троягиҳо. *Расми муосир*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*бошад, дар ҷазираи наздике маскан пайдо мекунад. Троягиён аз ин ба чунин хулоса меоянд, ки юнониён муҳосираро қатъ намуданд ва барои он ки ҳимоятгари Афина ба Паллада хуш ояд, ба мо асп тӯҳфа кард гӯён аспи чӯбинро ба шаҳр гирифта мебаранд.*

*Шабона аз дохили асп ҷанговарони юнонӣ баромада, дарвозаҳоро мекушоянд ва Троя забт мегардад.*

Бо забони ҳозира ибораи *«Аспи Троя»* маънои тӯҳфаи бехосиятро дорад.



Тири ба пошнаи Ахиллес расида

Қаҳрамони асосии достони «Иллиада» *Ахиллес* мебошад. Ба он мақсад, ки писараш абад зинда бошад, модар кӯдаки навзоди худро ба оби дарёи Стикс як бор зада мегирад. Дар ҳамон вақт пошнаи Ахиллес, ки модараш дошта меистод, об нарасида мемонад. Яке аз ҷангҳо Ахиллес аз тире, ки ба пошнааш расида, ҳалок мегардад. Аз ҳамон вақт ибораи «пошнаи Ахиллес» ҷойи нозукро мефаҳмонад.

Набарди Троя ба охир расид. Юнониён Трояро толону тороҷ намуданд ва бо молу мулки зиёд ба хона баргаштанӣ шуданд. Онҳо ба воситаи баҳри Эгей аз роҳи дароз ва пурхатар гузаштанашон лозим буд.

Аспи Троя.
Троягиҳо ӯро ба шаҳр гирифта бурда истодаанд





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Театр дар Юнонистон

Аз ин дуним ҳазор сол муқаддам дар Юнонистон театр ба дунё омад. Калимаи «театр» аз забони юнонӣ тарҷума гардад, маънои «ҷой барои тамошо», «тамошохона»-ро дорад. Тамошоҳо дар рӯзҳои ид ба амал меомаданд. Тамошоҳое, ки субҳи содиқ оғоз меёфтанд, тамоми рӯз давом мекарданд. Ба тамошобинон якчанд песаҳо намоиш дода мешуд.

Барои ба театр даромадан ҳаққи ночизе гирифта шудааст. Ба шаҳрвандони қашшоқ барои ба театр рафтан пул дода мешуд.

Дар саҳна тамоми нақшҳоро танҳо мардон иҷро кардаанд. Иштирокчиёни намоиш аз ниқобҳои гуногуни қиёфааш хандон, ғамнок ва даҳшатнокро истифода бурдаанд. Ҳангоми намоиши муборизаи байниҳамдигарӣ, одатан шахсон-иштирокдорон ҳалок мегардиданд ва песаҳои бо ин лаҳза анҷомёфтаро **трагедия** номидаанд. Драматурги Юнон **Софокл** трагедияҳои машҳурро аз қабили «Шоҳ Эдип» ва «Антигона» навиштааст.

Сюжетҳои аҷиб, саҳнаҳои хандаовар, мазҳакаҳои аз юмори нозук саршор аз болои нуқсонҳои инсон ханда мекунонд. Машҳуртарин муаллифи мазҳакаҳо **Аристофан** буд.


Муаллифи трагедияҳо Софокл


Муаллифи мазҳакаҳо Аристофан


Ниқобҳои театрии Юнонистони қадим



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Ҳайкалтароши Юнони қадим Фидий.
*Расми муосир*

## Меъморӣ ва ҳайкалтарошӣ

Юнониён нафақат барои шоҳон ва ашрофон кӯшку мақбараҳо, балки биноҳои ҷамоатӣ ҳам сохтаанд, ки тамоми одамон истифода мебурданд.

Ҳайкалҳо ва дигар асарҳои ҳайкалтарошӣ майдонҳои шаҳрҳо, ибодатхонаҳо, боғҳои тамошои ба ҳама кушода ва варзишгоҳҳоро ҳам оро медоданд.

Ибодатхонаҳо ва дигар биноҳои ҷамоатӣ аз санг бунёд гардиданд. Хонаҳои хусусӣ аз хишт ва деворҳои похсагин барпо гардидаанд. Ба ибодатхонаҳо сутунҳо – **колоннаҳо** зеби алоҳида медоданд.

Ҳайкалтарошони юнонӣ ба шарафи олимони машҳури ғолибони бозиҳои Олимпӣ ва ҷанговароне, ки дар набардҳо ғолиб омадаанд, ҳайкалҳо сохтаанд.

Тибқи ривоятҳо, **Дедал** ба Минос ном шоҳ қасри Лабиринтро барпо кардааст. Ба сарой дохил шуда, роҳи аз он баромаданро дарёфт намудан илоҷе надошт.

Ҳайкалтароши Юнон **Фидий** ба кори бунёдкории ибодатхонаи дар Акропол ҷойгиршуда – Парфенон сарварӣ кардааст. Бинои Парфенон ва сутунҳои он аз сангҳои мармар сохта шудааст. Дар қадим даромадгоҳи ибодатхона – қисми болои пештоқ бо ҳайкалҳои худоҳои юнон оро дода шудааст.



Қасри Лабиринти подшоҳи Минос.
*Расми муосир*

### Савол ва супоришҳо

1. Дар кадом достон Гомер афсонаро дар хусуси аспи Троя тасвир намудааст? Ба фикри шумо оё воқеа ҳамин тавр сурат гирифтааст?
2. Дар бораи театри Юнони қадим нақл кунед.
3. Ҳайкалтарошони Юнон ва кадом асарҳои онҳоро медонед?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 31. ОЛИМОН ВА МУТАФАККИРОНИ ЮНОНИСТОНИ ҚАДИМ



## Фан

Дар Юнонистони қадим олимонро ба сифати шахси донишманд, мураббии ҳаёт донистаанд.

Мутафаккирони юнонӣ барои дарки сохти олам ва маънои ҳаёти инсон кӯшидаанд.



Файласуфи машҳури юнонӣ **Гераклит** таъкид мекард, ки тамоми чизу чораи рӯйи замин аз оташ баромадааст. Ҳикматҳои машҳури «Ба як дарё ду маротиба фуромадан мумкин нест», «Тамоми чизҳо шино мекунад, ҳама чизҳо тағйирёбанда» ба вай мансубанд.



Файласуфи фракиягӣ **Демокрит** ба фикри Гераклит эътироз баён кардааст. Тамоми чизу чорае, ки моро иҳота намудааст, аз зарраҳо – *атомҳои* ба чашм ноаён ташкил ёфтаанд, гуфтани фикрро баён кардааст.

Файласуфи юнонӣ **Диоген** инсон набояд ягон эҳтиёҷ дошта бошадро ба таълимоти худ асос карда гирифтааст. Аз тамоми қулайиҳои ҳаёт даст кашида, Диоген дар як бочка ҳаёт ба сар бурдааст. Тибқи афсонаҳо Искандари Мақдунӣ аз вай «Ба шумо чӣ кӯмак лозим» гуфтан замоно Диоген киноямез ҷавоб гардондааст: «Он сӯтар истед, пеши офтобро нагиред».

Олимон — хирадмандони Юнонистони қадим. *Расми муосир*





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Дар тамоми замонҳо олимон додзании физик ва математики юнонӣ **Архимедро** дар бобати ҳаллу фасли муаммоҳои илмӣ таҳти унвони «Эврика!» («Ёфтам, ёфтам!») такроран ба забон гирифта мегарданд.

Архимед бо кӯмаки маҷмӯи оинаҳо равшаниро ба як самт ҷамъ оварда, ба киштиҳои римиёне, ки ба Сиракӯза ҳуҷум мекарданд, равона карда сӯзонданаш ҳикоя карда мешавад. Архимед қонуни дастак (ричаг)-ро кор карда баромад ва як ибораи машҳургаштаро гуфт: «Ба ман нуқтаи такягоҳашро ёфта диҳед, Заминро аз тири худ бароварда мепартоям!»



Сӯзонидани киштиҳои римиён аз ҷониби Архимед

**Геродот** дар асри V пеш аз мелод зиндагӣ кардааст, ба ҷангҳои юнону форс бахшида китобе бо номи «Таърих» иншо намудааст. Бо воситаи ин китоб ногаҳон шӯҳрат пайдо мекунад. Дар замонҳои қадим Геродотро *«падари таърих»* меномиданд.



## Савол ва супоришҳо

1. Юнониёни қадим олимонро чӣ гуна эҳтиром мекарданд?
2. Мутафаккирони юнонӣ кадом масъалаҳоро барои фаҳмонда додан ҳаракат карданд?
3. Дар бораи кашфиётҳо ва комёбиҳои олимони юнонӣ нақл кунед.
4. Маънои ибораи «Эврика!»-и Архимедро шарҳ диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 32. АФСОНАҲОИ ЮНОНИСТОНИ ҚАДИМ

## Афсонаҳо: ҳақиқат ва бофта

**Афсонаҳо** (*дар забони юнонӣ «миф»*) дар бораи таърихи даври қадимаи юнониён имкони донистанро медиҳад. Онҳо аз хусуси офариниши олам, ҳаёт дар рӯйи замин ва пайдоиши одам, ҷасорати қаҳрамонҳо ва саёҳатҳои баҳрӣ нақл менамоянд.

Афсонаҳои юнонӣ рангоранг ва шавқоваранд. Мувофиқи таъкиди афсонаҳо, аз азал Замин аз ҳама тарафаш бо баҳр фаро гирифта буд. Даставвал ҳукмдори онҳо **Океан** ном титан будааст. Гунбази бузурги осмон дар китфони титани номаш **Атлант** меистод.

Ривоятҳои юнониён дар бораи қаҳрамонҳои ҷасур **Геракл**, **Ахиллес** нақл мекунад. Ҳамаи онҳо соҳиби фазилатҳои матонат, қувва, қудрат ва ақл заковат буданд. Ба туфайли 12 ҷасораташ Геракл дар салтанати худоёни кӯҳи Олимп ба ҷойи боифтихор мушарраф гардидааст.

**Фикр кунед**

Матнро хонда, ҳақиқат ва бофтаҳои афсонаҳоро ҷудо кунед.



Тасаввурҳои юнониёни қадим. Атлант



Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Қаҳрамонҳои афсонаҳо**

**Титанҳо** (гигантҳо)

**Сиренаҳо** (ним парранда, ним занон)

**Кентаврҳо** (ним асп, ним одам)

**Сиклопҳо** (мавҷудотҳои боҳайбати дар пешонааш як чашмдошта)

# Худоёни Юнониёни қадим

Юнониёни қадим ҳам ҳаёти онҳо ва атрофи олам ба қувваҳои ба чашм ноаён тобеъ буданаш бовар кардаанд. Ин нерӯҳои ба чашм ноаёнро юнониён худоён номбар кардаанд. Худоён ба салтанати онҳо дар рӯйи Замин ва марҳумҳо ҳукмдор буданд. Се худои юнониёни қадим дар олам ҳукмронӣ кардаанд: **Зевс** – дар осмон, **Посейдон** – дар баҳр, **Аид** – дар салтанати марҳумҳо. Худоёни боқимонда бошад, сарпарасти деҳқонӣ ва ҳунармандӣ, санъат ва шеърият, муҳаббат ва зебоӣ ҳисобида мешуд. Худоёни ҷанг ва ғалаба, адлия, хоб ва шафақи субҳгоҳон, ҳамчунин **сатира** ва **нимфа** барин худоёни дараҷаи дуюм ҳам буданд. Онҳо дар ҷангалзор, дарёҳо ва кӯҳистон зиндагонӣ мекунанд, гуфта тасаввур кардаанд.

Мувофиқи тасаввурҳои юнониён худоҳо дар **кӯҳи Олимпи** Юнонистони Шимолӣ зиндагонӣ намудааст.

Юнониён рамзан худоёни кӯҳи Олимпро мисли одамон тасвир карда, онҳоро рашкчӣ ва бешафқат, рӯзро бо базму ҷамшедӣ ва ҳаргуна тадбирҳо гузаронанда, бо якдигар мунозаракунанда, ба азму хоҳишашон муқобилро бешафқатона ҷазо медиҳад гӯён ҳисоб мекарданд. Аз ин рӯ, юнониён аз худоёни худашон офарида тарсидаанд, ба шарафи онҳо бисёр ибодатхонаҳо сохта, қурбониҳо кардаанд.




Юнониҳои қадим ҳаёти худоҳои кӯҳи Олимпро чунин тасаввур кардаанд

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## 12 ҷасорати Геракл



### Фикр кунед

Ба расмҳо нигаред ва дар бораи 12 ҷасорати Геракл нақл кунед.

### Савол ва супоришҳо

1. Дар бобати омӯзиши таърихи Юнонистони қадим афсонаҳо чӣ гуна аҳамият доранд?
2. Юнониён дар афсонаҳо ҳодисаҳои гуногуни табиатро бо кадом тарз фаҳмонда додаанд?
3. Аҳамияти худоён дар ҳаёти юнониён чӣ гуна буданд?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ФАСЛИ IV
# ОСИЁИ МИЁНА ДАР АСРИ VI ПЕШ АЗ МЕЛОД ВА АСРИ III МЕЛОДӢ

## § 33–34. ЮРИШҲОИ ИСТИЛОГАРОНАИ АҲАМОНИЁН БА ОСИЁИ МИЁНА


Малика Томирис

### Кир II ва юришҳои истилогаронаи ӯ

Кир II аввалин ҳукмдори форс буд, ки барои забт намудани ҳудуди Осиёи Миёна ҳаракат кардааст. Вай **Парфия, Марғиёна ва Бохтарро** забт намуд. **Дар соли 530 пеш аз мелод** Кир II бо лашкари калон барои забти кишвари массагетҳо шурӯъ намуд. Дар ин давра маликаи қабилаҳои массагетҳо **Томирис** буд.

Дар бораи ин юриш «падари таърих» Геродот чунин ҳикоя мекунад: *«Ин ҷанг... аз тамоми ҷангҳо даҳшатноктар буд. Аввало қӯшунҳои ҳарду тараф ба муқобили ҳамдигар саф кашида, аз камон тир холӣ карданд. Вақте ки тирҳояшон тамом шуд, ба даст ханҷару найза гирифта, ба ҳам дарафтоданд. Набард дуру дароз давом кард. Касе дар фикри ақибнишинӣ набуд. Хуни бисёр рехт. Ниҳоят дасти массагетҳо баланд шуд. Бисёр қӯшунҳои форсҳо қир шуданд. Дар майдони ҷанг худи Кир II ҳам ҳалок гардид».*

Кир II дар ҷанги зидди массагетҳо ҳалок гардид

- Парфия, Марғиёна ва Бохтарро забт кард
- Дар соли 530 пеш аз мелод Кир II ба зидди массагетҳо юриш кард
- Маликаи қабилаҳои массагетҳо Томирис

### Юриши Доро I ба муқобили сакҳо

Дар соли аввали ҳукмронии Доро I ба муқобили истилогарони форс дар Марғиёна ошӯби халқӣ бархост. Ба ошӯб **Фрада** сарварӣ намуд. Ҷанги ҳалкунанда дар байни ошӯбгарон ва қӯшунҳои форс **соли 522 пеш аз мелод** ба амал омад. Худи Фрада асир афтод ва қатл карда шуд. Маълумот дар ин хусус дар навиштаҷотҳои харсангҳои Беҳистун оварда шудааст.

Қӯшуни Аҳамониён




*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Хабари Доро I дар навиштаҷотҳои Беҳистун

*«Кишваре, ки Марғиёна ном дорад, ба ман итоат накард. Онҳо бо Фрада ном шахсе аз Марғиёна ба худашон сардор таъин карданд. Ҳамин вақт ман ба сатрапи Бохтар Дадаршиш хабарррасон фиристода: «Маро писанд накардагонро торумор кардан лозим», – гуфтам.*

*Дадаршиш бо қӯшунҳои худ ба зидди марғиёнагиҳо юриш мекунад. «Маро Аҳурамаздо дастгирӣ кард. Бо иродаи Аҳурамаздо қӯшуни ошӯбгарон пурра шикаст хурд».*

Дар соли сеюми ҳукмрониаш Доро I ба диёри сакҳо юриш сар кард. Дар бораи ин юриш ҳам дар навиштаҷотҳои Беҳистун маълумот оварда шудааст.

Дар айни замон дар хусуси юриши мазкур ривояти муаррих **Полийен** (дар асри II пеш аз мелод) мавҷуд аст, ки ӯ овардааст. Мувофиқи ривояти сакҳо ва ба онҳо такя намуда, нақл карда мешавад, ки ба назди форсҳо аз қабилаи сакҳо чӯпон – **Шерак** меояд ва таъкид мекунад, ки форсҳоро бо пайраҳае ба ақиби сакҳо мебарад, ки ин роҳро ба ғайр аз вай касе намедонад. Аз саҳрову биёбони беоб ҳафт рӯзу шаб баъди роҳ гаштан аз ташнагӣ қӯшунҳо азоби дӯзахро аз сар мегузаронанд ва фиреб хӯрдани худро пай мебаранд ва форсҳо чӯпони ҷасурро мекушанд. Юриши Доро I бар зидди сакҳо бемуваффақият ба охир мерасад.

**Фикр кунед**

Мубориза бурдан барои озодии Ватан бар зидди истилогарон Томирис ва Шеракро чӣ муттаҳид карда буд?



Ҳамла ба аҳолии осоишта. *Расми муосир*



Тасвири камонварони Доро I дар қасри худ Суза



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Доро I**

- Соли 522 пеш аз мелод ошӯби Фрадаро пахш кард
- Бар зидди сакҳо юриш кард

## Полийен дар бораи ҷасорати Шерак

*«Қӯшунҳо ҳамроҳи Шерак ба роҳи ҳафтрӯза баромад, ба саҳрои беоб даромад. Мингбошӣ Раносбат аз роҳбалад пурсид: – «Чӣ туро маҷбур кард, ки шоҳи бузуги моро фиреб дода, лашкари зиёдеро ба ин биёбони беоб овардӣ? Дар ин сарзамин парранда ҳангоми парвоз кардан болаш месӯзад ва одам ҳангоми роҳ рафтан пойҳо месӯзанд. На як чашма, на як ҷонзот во мехӯрад. Ҳеҷ роҳе барои пеш рафтан ё бозгашт нест».*

*Шерак қаҳ – қаҳ хандида ҷавоб дод: – «Ман ғалаба кардам. Барои он ки сакҳоро аз ҳалокат наҷот диҳам, шуморо ба балои ташнагӣ ва гуруснагӣ гирифтор кардам».*



Ҷасорати Шерак



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Идоракунии давлати Аҳамониён

Ба мақсади дар зери итоати худ нигоҳ доштани мамлакатҳои забтгардида Аҳамониён давлати томро ба вилоятҳои алоҳида – **сатрапиҳо** тақсим намуданд. Калимаи мазкур аз форсии «хшатра» – «вилоят» гирифта шудааст. Ҳукмдорони сатрапиҳо – ба **сатрапҳо** ҳокимияти номаҳдуд дода буданд. Аксарияти онҳо вакилони сулолаи Аҳамониён буданд.

Фикр кунед

Ба фикри шумо Шерак ба кадом мақсад форсҳоро ба биёбони беоб мебарад?

Вилоятҳои забтнамудаи Осиёи Миёна аз ҷониби форсҳо ба се сатрап тақсим гардид. Ҳар се сатрап ба шоҳи форсҳо хироҷи солона месупурданд. Ба ғайр аз ин, халқҳои тобеъ ба сохтмони кӯшку ибодатхонаҳо сафарбар гардидаанд. Ба сифати андоз нукра, микдори саршумории чорво (аспон, шутурон, гӯсфандон), маҳсулоти ҳунармандӣ (зарфҳои сафолин, силоҳу аслиҳа, зебу зинатҳо), либосворӣ, матоъҳо ва пӯсти ҳайвонот дода шудааст.

Доро I ва вориси вай Ксеркс дар даври ҳукмронии худ дар вилоятҳои забтгардида дар ҳаёти сиёсии халқҳои Осиёи Миёна ва ҷанги юнону форсҳо иштирок намуданд. Дар набарди машҳури Марафон (**соли 490 пеш аз мелод**) дар маркази қӯшунҳои форсҳо сакҳо истода бо муваффақият ҷангидаанд.

Геродот силоҳу аслиҳаи ҷанговарони Осиёи Миёнаро тасвир кардааст, ки онҳо бо сардории шоҳи форсҳо Ксеркс бар зидди юнониҳо ҷангидааст. Бохтариён бо камон ва найза, сакҳо бо ханҷару табарзинҳо, хоразмиён ва суғдиён чун бохтариён бо силоҳу аслиҳаи хеш ба ҷанг даромаданд. Саворагони сакҳо ва бохтариён ҷанговарони аз ҳама беҳтарини қӯшуни Ксеркс ба шумор мерафтанд.



Аскарони савора ва пиёда



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Либосворӣ ва силоҳу аслиҳаи массагетҳо

## Ҳикояи Геродот дар бораи массагетҳо

*«Массагетҳо мисли скиф (сак)-ҳо либос мепӯшиданд. Тарзи зиндагонии онҳо як хел аст. Онҳо савора ва пиёда ҷанг мекарданд. Одатан бо тиру найза ва табарҳои ҷангӣ мусаллаҳ буданд. Тамоми ашёҳо ва асбобу анҷоми онҳо аз тилло ва мис сохта шудааст. Найзаҳо ва нӯги тирҳои камон инчунин табарҳои ҳарбии онҳо аз мис сохта шудаанд. Тасмаҳо ва сарпӯшҳои онҳо бо тилло оро дода шудаанд. Аспҳояшон бо зиреҳи муҳофизатӣ пӯшидаанд, онҳо ҳам аз мис бофта шудаанд.*

*Массагетҳо ғалла намекоранд, бо чорводорӣ ва шикори моҳӣ зиндагӣ мекунанд. Дар Аракс (Амударё) моҳӣ бисёр аст. Онҳо шир менӯшанд. Онҳо ба худои ягона – Офтоб ибодат мекунанд. Ба худои Офтоб асп қурбонӣ мекунанд, ки ба худои серғайрат ҷондори тездав ва серғайратро қурбонӣ кардан лозим гӯён ҳисоб мекунанд».*



Массагетҳо



Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Рушди маданият

Сарчашмаҳои хаттӣ ва археологӣ нишон медиҳад, ки дар асрҳои VI–IV пеш аз мелод халқҳои Осиёи Миёна дар соҳаҳои ҳунармандӣ, заргарӣ, дӯзандагӣ, кулолгарӣ ва сохтмон ба сатҳи баланд расидаанд.

Дар воҳаҳои дарёҳо **Кӯктеппа** (Зарафшон), **Даратеппа** (Қашқадарё), **Хумбузтеппа** ва **Кӯзалиқир** (воҳаи Амударёи поён) марказҳои қадимаи ҳунармандӣ ривоҷ ёфтаанд.

Дар сарчашмаҳои хаттӣ дар бораи истихроҷи маъданҳои мис ва оҳан дар Осиёи Миёна тавассути роҳҳои қадимаи корвонгузар бо мамлакатҳои Шарқ ба роҳ мондани корҳои савдову тиҷорат маълумотҳо дода шудааст. Корвонҳои тиҷоратӣ аз ҳамлаҳои роҳзанҳо ва ғоратгарӣ муҳофизат карда шуданд. Дар қад-қади гузаргоҳҳои дарёҳо ва ағбаҳои кӯҳӣ, ки аз онҳо роҳҳои муҳими тиҷоратӣ мегузаштанд, истеҳкомҳои ҳарбӣ сохта мешуданд.



Деги сафолини аз Кӯзалиқир ёфтшуда



Дастпонаи тиллоӣ. Аз хазинаи Амударё





Зебу зинатҳо



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Ҳайкалчаҳои аз хазиани Амударё ёфтшуда

### Навиштаҷоти Доро I дар бораи сохтмони қаср дар Суза

*«Тиллои дар сохтмон истифодашуда аз Сард ва Бохтар оварда шудааст. Алмос, лаъл ва ёқут аз Суғдиёна оварда мешуд. Ёқути кабуди баланди истифодашуда аз Хоразм, нуқра ва ҷез аз Миср оварда шудааст».*

**Дар асрҳои V–IV пеш аз мелод** дар ҳудуди Осиёи Миёна аввалин пулҳои тангагин паҳн шуданд. Ривоҷи ба дараҷаи баланди санъати заргарӣ ҳоло ҳозир, ки дар соли 1877 аз **хазинаи Амударё** ашёҳои ёфтшудаи тиллогин ва нуқрагин ки ҳоло дар осорхонаи Британия нигоҳ дошта мешавад, мисол шуда метавонад.

Ҳар як шаҳр қалъаи дохилӣ дошт. Дар хоҷагиҳои деҳқоние, ки канори шаҳрро ишғол мекарданд, оилаҳои калон, ки ба авлоди падарӣ тааллуқ доштанд, зиндагӣ мекарданд. Қалъаҳои деҳқонон аз хонаҳои истиқоматӣ ва хоҷагӣ иборат буд.

Археологҳо осори каналу ҷӯйҳоеро ёфтанд, ки ба киштзорҳои атрофи шаҳр ва истеҳкомҳо об меоварданд.



Мақбараҳои шоҳони форс. Харсанги Нақши Рустам. Эрон



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## «Хазинаи Амударё»-и пурасрор

*Як бегоҳии моҳи майи соли 1880 роҳзанон ба корвони тоҷирони Бухоро дар роҳи Пешовар, ки аз Кобул се рӯз дуртар дар ҷануби Афғонистон буд, ҳуҷум карданд. Дар корвон ашёҳои тиллоӣ буданд.*

*Хизматгори яке аз савдогарон аз дасти ғоратгарон гурехта, ба пости ҳарбии ноҳияи мазкур ба капитан Ф. Бертон, ноиби ҳарбию сиёсии Англия хабар карда, ҳамаро ба по хезонд. Бертон ёрдамчиёни худро бо худ гирифта, аз паси роҳзанон мефуроянд. Дар нисфи шаб ногаҳон Бертон дар пеши роҳзанон пайдо мешавад. Онҳо ғаниматҳоро тақсим мекарданд. Дар ҳамин ҳол, роҳзанон ба афсаре, ки ногаҳон дар ғор пайдо шуд, муқобилат карда наметавонанд.*

*Дар Ҳиндустон англисҳо аз савдогарон ашёҳои қиматбаҳои савдогаронро харида ба осорхонаи Британия супурдаанд.*

*Дар соли 1905 хазинадори осорхонаи Британия О. Далтон дар бораи ганҷинаи савдогарони Бухоро китоби «Хазинаи Окс»-ро навиштааст.*

*Ба гуфтаи савдогарон, ин ашёҳои тиллоӣ соли 1877 аз водии* ***Қубодиён****, сарзамини бостонии Бохтар ёфт шудааст. Онҳо аз маҷмӯи ашёҳои тилло ва нуқра иборат буданд, ки бо услуби баланди бадеӣ сохта шудаанд. Ин намунаҳои санъати тасвирии ба дараҷаи баланд коркардшуда, инчунин тангаҳо дар фан бо номи «Хазинаи Амударё (Окс)» маъруфанд.*

### Фикр кунед

Ба аробаи аспии тиллоие, ки устоҳои Бохтар сохтаанд нигаред. Дар Осиёи Миёна санъати тасвирии қадима то чӣ андоза ривоҷ ёфта буд.



Аробаи аспие, ки аз тилло сохта шудааст

### Осиёи Миёна дар даври аҳамониён

- Сатрапияҳои алоҳида (сето), роҳбараш – сатрап
- Даратеппа, Кӯктеппа, Хумбузтеппа, Кӯзалиқир
- Рушди хоҷагӣ, ҳунармандӣ ва алоқаҳои савдо

### Савол ва супоришҳо

1. Кир II кай ба сарзамини массагетҳо ҳуҷум кард?
2. Қабилаҳои массагетро кӣ идора мекард? Мубориза байни қӯшунҳои Кир II ва массагетҳоро тавсиф намоед.
3. Шӯриш бар зидди Доро I аз куҷо оғоз шуд ва онро кӣ сарварӣ мекард?
4. Аҳамониён дар ҳудудҳои, ки дар Осиёи Миёна забт карда буданд, чӣ гуна ӯҳдадориҳо гузоштанд?
5. Дар бораи ҷасорати Шерак ҳикоя кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 35–36. МУБОРИЗАИ ХАЛҚҲОИ ОСИЁИ МИЁНА БА МУҚОБИЛИ ИСТИЛОГАРОНИ ЮНОН-МАКЕДОНӢ



Акинак

## Рушди Македония дар асри IV пеш аз мелод

Баъди вафоти Филипп II **дар соли 336 пеш аз мелод** писари 20 солаи ӯ Искандар подшоҳи Македония шуд. **Соли 334 пеш аз мелод** ӯ ба Шарқ юриш оғоз кард, ин юриш 10 сол давом кард. Дар давоми ин юриш вай ҳудудҳои калонро дар Осиёи Хурд, Сурия, Миср, Эрон ва Ҳиндустон забт кард. Искандари Макдунӣ ба мақсади паҳншавии маданияти юнонӣ дар ин ҳудудҳои калон имконият фароҳам оварда ба шаҳрҳои забткарда юнониёнро ҷойгир кард.

## Силоҳу аслиҳа ва санъати ҳарбии халқҳои Осиёи Миёна

Ҷанговарони Осиёи Миёна ба ҷанг бо ҷавшан, ба сар тоскӯлоҳ пӯшида дохил шудаанд. Бо ханҷар (**акинак**) ва шамшерҳо, табарзини ҷанговарона (**сагарис**) ва бо найзаҳо мусаллаҳ буданд. Барои аз дуродур истифода бурдани силоҳ тиру камонро кор фармудаанд. Ҳуҷуми ҷавобиро ба муқобили душман саворагон сар мекарданд. Онҳо асп давонда истода, бо тиру камон ё найза ба душман ҳамла кардаанд.



Табарзини ҷангӣ – сагарис

Ҳангому ҳимоя кардани ҳисору шаҳрҳо аз тиру камон ва фалахмон истифода бурдаанд. Бо мақсади мудофиа аз ядроҳои санг ва порчаҳои гили пӯхташуда тайёркардашуда истифода мебурданд. Шаҳрҳо бо деворҳои мустаҳкам иҳота гардида, дидгоҳу камингоҳҳо доштанд. Дар болои деворҳо барои камонварон роҳравҳо сохта шудааст. Дар саросари дидгоҳу камингоҳҳои деворҳои беруна низ камонварон гузошта шудаанд. Хандақҳои чуқуру васеи пур аз об роҳи вориди қалъаро мебастанд.



Ҷанговарони Осиёи Миёна



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Юришҳои истилогаронаи Искандар

**Дар соли 330 пеш аз мелод** Искандари Мақдунӣ шоҳи охирини сулолаи Аҳамониёни давлати Форси қадим қўшуни **Доро III**-ро торумор кард. Вай пеш аз юриш ба Ҳиндустон ба мақсади таъмини бехавфии ақибгоҳи қўшунаш халқу қавмҳоеро ба худ тобеъ карданӣ шуд, ки дар он сўйи Окс (Амударё) истиқомат мекарданд.

Шаҳри аввалине, ки ба роҳи вай монеъ гардид, пойтахти **Бақтра (Зариасп)** буд. Ҳамон вақт вакили сулолаи аҳамониён **Бесс** сатрапи Бохтар буд. Вай шаҳри Бақтраро ба ихтиёри душман гузошта, ба он соҳили Окс гурехта мегузарад.

## Забти Мароқанд

**Соли 329 пеш аз мелод** юнон-македонҳо Мароқандро ишғол мекунанд. Искандар як қисми қўшунҳои худро дар ин ҷо гузошта, худаш барои забти шаҳри **Курушкат (Кирополис)** бо қувваҳои асосӣ ба соҳили Сирдарё баромад. Тибқи ривоятҳо ба ин шаҳр шоҳи форсҳо Кир II асос гузоштааст.

Халқи Суғдиёна ба муқобили истилогарон ба мубориза бархест. Ба зудӣ ба суғдиён бохтариён ва сакҳо ҳамроҳ гаштанд. Ба ошўб сарлашкари боистеъдод **Спитамен** роҳбарӣ мекунад.

Спитамен ки бисёр қўшун ҷамъ оварда буд, Мароқандро муҳосира намуд. Искандар ба мақсади аз муҳосира халос кардани қўшуни худ се ҳазор нафар ҷанговар фиристод. Дар манбаъҳо дар наздикии Зарафшон, ки дар **Политимет** номида мешуд, Спитамен ба роҳи душман камингоҳ гузошта онҳоро нобаҳангом пешвоз гирифта, гурўҳи душманро пурра нест мекунад. Ҳамон вақт худи Искандар барои пахши ошўб шурўъ намуд. Спитамен хабари бо қўшуни калон омада истодани

**Фикр кунед**

Ба қўшуни суғдҳое, ки Спитамен сарварӣ мекард, бохтариён ва сакҳо барои чӣ ҳамроҳ шуданд?



Искандари Мақдунӣ бо қўшуни худ



UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Искандарро шунида, муҳосирараро қатъ карда, қўшунҳои худро ба саҳро бурд.

Ба мақсади мубориза ба муқобили сакҳо Искандар дар соҳили **Яксарт (Сирдарё)** дар наздикии Хўҷанд ба сохтани қалъа фармон медиҳад. Қалъаи мазкур Александария Эсхата (Искандарияи Канора) номида шуд.

Тирамоҳи **соли 328 пеш аз мелод** ҷанги ҳалкунанда байни Спитамен ва Искандар ба амал меояд. Азбаски қувваҳо баробар набуд, Спитамен мағлуб мегардад, боз ба дашт ақибнишинӣ мекунад. Дар ҳамон ҷо ўро қабилаҳои бодиянишин хоинона мекушанд.

Ошўби Спитамен пахш карда шавад, ҳам дар Суғдиёна бори аввал юнон-македонҳо ба мағлубият дучор шуданд. Искандар роҳҳои барқарор намудани робита бо ашрофони маҳаллиро ҷустуҷў мекард. Ў қалъаҳои дар кўҳсори Ҳисор ҷойгирбудаи Хорийен ва Оксиартро забт намуда, ба духтари Оксиарт **Равшанак (Роксана)** хонадор мешавад. Ҳамин тавр, Искандари Мақдунӣ, ки ба яке аз ашрофзодагони суғдӣ хешовандӣ пайдо кард, Оксиартро ҳокими яке аз вилоятҳои Бохтар таъин кард.

Искандар барои забт кардани сарзаминҳои Осиёи Миёна тақрибан се сол кўшиш кард, аммо ў танҳо як ҳудудҳои хурде: Марғиёна, Бохтар, Суғдиёна ва

**Фикр кунед**

Спитамен чӣ тавр қўшунҳои аз ҷиҳати миқдор зиёди македониягиҳоро ба мағлубият дучор кард?



Тирҳои камони суғдиён, ки ба македониягиҳо талафот овардаанд



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

соҳилҳои Сирдарёро дар байни Бекободу Хӯҷанди ҳозира тобеи худ карда тавонист. Хоразм, воҳаи Тошканд ва Фарғона мустақил монданд.

## Интиқом

*Ҷанговарони Искандар дар роҳе, ки ба дарёи Зарафшон мебурд, ҷангро ба осмон баровварда меомаданд.*

*Баногоҳ тирҳо ба парвоз даромаданд. Аз байни буттаҳо тирҳои камон меборид. Душман баногоҳ ҳамла кард. Македониён аз тарсу ваҳм шах шуданд. Камини дигар!...Фарёди омехтаи фармони Каран кор накард. Македониён ба воҳима афтода гурехтанд, вале аскарони пиёдаи душман аз байни қамишзорҳо рӯ ба рӯ баромада, табарзинҳои худро моҳирона истифода бурданд: душманро ба замин яксон карданд.*

*Фракиягӣ, агрианӣ, пеонӣ, македонӣ, фессалиягӣ ва иллириягӣ ду ҳазор нафар ҷанговарон дар соҳилҳои Зарафшон абадӣ монда рафтанд. Интиқом худро интизор накард. Ҷанговарони ҳалокшударо ҳатто худоёни кӯҳҳои Олимп ҳам ба лашкари эллинҳо ҳамроҳ кардан оҷиз монд.*

**Фикр кунед**

Ба фикри шумо ба ҷанговарони Искандар чӣ тавр ҷазо дода шудааст? Аз матн истифода бурда гуфта диҳед.



Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Спитамен.
*Расми муосир*

*Ин мағлубияти бузург афсона дар бораи мағлубнашавандагии қӯшунҳои юнон-македониро барбод дод.*

*Спитаман муваффақияти худро давом дода, македониёнро маҷбур кард, ки дар қалъаи Мароқанда чораҳои мудофиавӣ андешанд. Саворaи осиёгиҳо ба болои македониён асп ронданд. Кратер бар зидди саворaҳои ҳамлакунанда аслиҳаҳои сангпартои худро истифода мебарад. Ба сӯи аскарони савора садҳо сангҳои партофташуда, ба сафи саворaҳо шикаст меоварад. Аспҳои ба ҳарос афтода, чиррос зада ғалтидан мегиранд. Аҷаббо аспсаворон оромиро аз даст нaдоданд. Аз аспҳояшон ҷаҳида, фавран ба ҷанг тайёрӣ диданд.*

*Саворaҳои Фессалия ба болои саворaҳои Бохтар ҳамла карданд. Бохтариён ақибнишинӣ карданд. Осиёгиҳо ба зарбаҳои ҷанговарони Фессалия, ки беҳтарин аспсаворони ҷаҳон ҳисобида мешуданд, тоб оварда натавонистанд. Дили Кратер ором шуд.*

*Саворaҳои Фессалия лаҳзае санъати ҷангии душманро фаромӯш карда, онҳоро таъқиб карданд. Фаромӯш кардаанд, ки сакҳо ва бохтариён ҳатто ҳангоми савори асп мисли бод бо камон тир парронданаш мумкин аст. Дар камонварӣ, эллинҳо Гераклро беҳамто медонистанд. Дар паси Окс камонварони аз он қаҳрамони афсонавӣ ҳам моҳиртар зиндагӣ мекарданд.*




Юришҳои Искандари Мақдунӣ



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Оқибатҳои истило

Ҳаракатҳои истилогаронаи қӯшунҳои юнон-македонӣ заминҳои Осиёи Миёнаро ба харобазор табдил дод, қисми зиёди аҳолӣ қир карда шуд, бисёр шаҳрҳо ба харобазор табдил ёфт.

Искандари Мақдунӣ дар Осиёи Миёна якчанд шаҳрҳо созондааст. Шаҳрҳои мазкур бо номи вай **Александрияи Окс, Александрияи Эсхата, Александрияи Марғиёна** ва ҳоказо таъкид гардидаанд.

Баъзеи онҳо дар ҷойҳои вайронгардидаи шаҳрҳои Суғдиёна ва Бохтар, дигарҳояш бошад ба сифати қалъаҳои такягоҳӣ аз нав сохта шудаанд. Дар шаҳрҳои мазкур аскарони пиёда ва савораи юнон-македонӣ ҷойгир шудаанд. Сафҳои камшудаи ин аскарон аз ҳисоби ҷавонони Бохтар ва Суғдиёна, ки бо тартиби Македония мусаллаҳ буданд, пур карданд.

Ҷавонон аз оилаҳои ашрофони маҳаллӣ, аз ҷумла бародари Роксана Итан ба **агема** – ба гвардияи элитаи саворaи македониён қабул карда шуд. Ба гуфтаи муаррихи юнонӣ Арриан, «ба ҷои найзаҳои худ, ҳамаашон бо найзаҳои македонӣ мусаллаҳ буданд». Ба ҷанговарони ҷавон дар баробари кори ҳарбӣ хондан ва навиштани юнонӣ низ таълим дода мешуд. Сипас онҳо дар қалъаҳое, ки юнон-македониён сохтаанд, хизмати ҳарбӣ мекарданд.

Оҳиста-оҳиста ҳунармандиву тиҷорат барқарор шуд. Анъанаҳои маданияти маҳаллӣ ва юнонӣ омехта гардиданд. Дар ҳамин асос давлатҳои қадимаи **Салавкиён, Юнон-Бохтар** ва **Парфия** рушд ёфтанд.

### Фикр кунед

Ҷаро ҷавонони Суғдиёна ва Бохтарро бо баробари корҳои ҳарбӣ ба хондану навиштан омӯзонидаанд?




### Савол ва супоришҳо

1. Силоҳҳои ҷанговари Осиёи Миёнаро тавсиф кунед.
2. Шаҳрҳои Осиёи Миёна дар асрҳои VII–IV пеш аз мелод чӣ гуна намуд доштанд? Онҳоро номбар кунед ва аз харита нишон диҳед.
3. Шӯриши Спитамен кай рӯй дод? Шӯриш чӣ гуна
4. анҷом ёфт?
5. Оқибатҳои манфии ҳамлаи юнон-македониро ба Осиёи Миёна номбар кунед.
6. Аз харита роҳи юриши Искандари Мақдуниро ба Осиёи Миёна нишон диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 37. ДАВЛАТИ САЛАВКИЁН ВА ШОҲИГАРИИ ЮНОН-БОХТАР

## Осиёи Миёна дар таркиби давлатҳои Салавкиён

**Соли 323 пеш аз мелод давлати Искандари Мақдунӣ пош хӯрд**

- Македония
- Миср
- Сурия (давлати Салавкиён)

**13-июни соли 323 пеш аз мелод** Искандари Мақдунӣ вафот кард. Давлати ташкил кардаи ӯ ба се қисм: **Македония, Миср** ва **Сурия** тақсим гардид. Давлатҳои мазкур аз тарафи сарлашкарони аз ҳама наздики Искандар идора карда мешуд.

Баъди дуру дароз давом кардани ҷангҳои байниҳамдигарӣ **соли 312 пеш аз мелод** яке аз сарлашкари Искандари Мақдунӣ **Салавк** ҳукмдори давлати Бобул (давлати Сурия) гардид. Ба таркиби давлати Салавкиён Месопотамия, Эрон, Парфия, Бохтар, Суғдиёна ва Марғиёна дохил мешуд.

Салавк вилоятҳои Осиёи Миёнаи ба таркиби давлаташ даромадаро ба сатрапиҳои алоҳида тақсим намуд. Бо мудофиаи давлат ва ташкил намудани қӯшун аз сарлашкарҳои собиқ таъингардида **стратегҳо** шуғл меварзид.

Салавк ба вилоятҳои шарқӣ – Парфия, Марғиёна, Бохтар ва Суғдиёна писари худ **Антиохро** ноиб таъин мекунад. Баъди вафоти Салавк Антиох ба ҳукмдори давлати бузург мубаддал ёфт ва тақрибан 20 сол мамлакатро идора намуд.



Давлати Салавкиён



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Подшоҳ Антиох писари Салавк ва **Апама,** ки духтари Спитамен мебошад. Малика Апама дар давлати Салавкиён машҳур буд. Шаҳре, ки харобаҳои он дар Сурияи имрӯза ҷойгир аст, ба шарафи ӯ **Апамея** номида шудааст.

Антиох дар айёми бачагӣ ба ҳикояҳои модараш дар бораи Суғдиён гӯш мекард. Аз ҷониби модараш Суғд сарзамини ниёгон буд. Ном ва афроди маъруфи Спитамен, бобои маъруфи Антиох, ки бо Искандари Макдунӣ ҷангидааст, яке аз қадимтарин афроди Суғдиёна ҳисоб мешуд. Дар баробари ин, Спитама номи қавми Заратуштраро низ дорад, ки дар Шарқ дини бостонии зардуштиро асос гузоштааст. Решаҳои номи суғдӣ **«Спитамана»** ба забони авестоӣ маънои «Спентамана» – «Рӯҳи муқаддас»-ро дорад.




Тарзи зиндагонӣ бо оҳистагӣ дар Бохтар ва Суғдиёна барқарор мешавад. Дар ин маконҳо қалъаҳо ва шаҳрҳои нав бунёд мегардад, савдову тиҷорат, деҳқонӣ ва ҳунармандӣ ривоҷ меёбад. **Бақтра, Мароқанда, Антиохи Марғиёна (Марв), Тирмиз** ба шаҳр ва марказҳои калони маданӣ мубаддал мегардад.

Қалъаҳои дар кад-кади роҳҳои тиҷоратӣ ҷойгиршуда аҳамияти бузург доштанд. **Қалъаи Кампиртеппа**, ки дар соҳили рости Амударё дар наздикии Тирмиз ҷойгир аст, аз ҷумлаи онҳост. Бостоншиносон мегӯянд, ки қалъа дар гузаргоҳи дарёи Окс – Амударё дар замони юришҳои Искандари Макдунӣ ба Суғдиёна сохта шудааст. Дар дохили қалъа анбори ғалла мавҷуд буд, ки барои хизматрасонӣ ба корвонҳои тиҷоратӣ пешбинӣ шудааст.



Тангаи тиллои Диодот

**Қалъаи Узундара** дар кӯҳҳои Бойсун ҷойгир аст. Атрофи он бо деворҳои мудофиавии аз санг сохташуда иҳота шудааст. Дар ин ҷо гарнизони ҷанговарони юнон-македонӣ воқеъ аст, ки роҳи муҳими кӯҳиро, ки Бохтар ва Суғдро мепайвандад, посбонӣ мекунанд.



Бозёфтҳои гуногуни археологӣ дар бораи ҳаёти ҷанговарон нақл мекунанд. Ин бозёфтҳо аз дегҳои сафолин ва обдонҳо, зарфҳои калон ва хумдонҳои дар қалъа нигоҳ дошташуда, ашёҳои рӯзгор ва тангаҳои нуқраю мисини даври салавкиён ва юнон-бохтар иборатанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Тангаи шоҳ Евтидем



## Давлати Юнон-Бохтар

**Дар соли 250 пеш аз мелод** Бохтар аз таркиби давлати Салавкиён чудо шуда баромад. Мувофиқи хабари муаррихони даври атиқа ҳукмдори якчанд шаҳрҳои Бохтар **Диодот** худро шоҳ эълон мекунад. Аз ҳамон воқеа таърихи давлати Юнон-Бохтар оғоз мешавад. Соли 250 пеш аз мелод аз таркиби давлати Салавкиён Парфия чудо шуда, ба рақиби Бохтар табдил ёфт.

Ба таркиби шоҳигарии Юнон-Бохтар Суғдиёна ва Марғиёна ҳам дохил мешуданд.

Баъди Диодот ҳукмдори Юнон-Бохтар **Евтидем** дар таърихи давлат изи фаромӯшнопазир мегузорад. Дар даври ҳукмронии писари Евтидем **Деметрӣ** шоҳигарии Юнон-Бохтар соҳиби сарҳади аз ҳама калон гардид. Як қисми Ҳиндустон ба таркиби ин давлат ҳамроҳ карда шуд.

Дар Парфия ҳокимият ба дасти **Митридат I** гузашта, тазйиқи ҳарбиро ба муқобили Бохтар пурзӯр гардонд. Давлати Юнон-Бохтар барои пеш




Шоҳигарии Юнон-Бохтар асри II пеш аз мелод



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Шаҳри қадимаи Юнон. Ойхоним. Бохтар
*Барқароршуда*

### Фикр кунед

Ба ривоҷёбии савдову тиҷорат дар давлати Юнон-Бохтар чӣ сабаб шуд?

бурдани ҷангҳои бардавом маҷбур буд, ин ҳол боиси заиф гардиданаш шуд. Аз ин қабилаҳои бодиянишини юэҷҷӣ истифода бурда, дар байни **солҳои 140–130 пеш аз мелод** давлати Юнон-Бохтарро зер карда гирифтанд.

Давлати Юнон-Бохтар 120 сол инкишоф ёфт. Дар ин давра ҳунармандӣ ва тиҷорат инкишоф ёфта, шаҳрҳо бунёд гардиданд. Маҳсулоти ҳунармандони Бохтар, Суғдиёна ва Марғиёна дар бисёр шаҳру кишварҳои ҳамсоя пайдо шуданд. Дар давлати Юнон-Бохтар тангаҳо бо тасвири ҳукмдорон сикка зада мешуданд. Баъди ба охир расидани сохтмони роҳ аз Салавкия дар соҳили Даҷла то Бохтар робитаҳои тиҷоратӣ бо бисёр мамлакатҳои Шарқи қадим барқарор гардиданд. Шохаи ҷанубии Роҳи бузурги абрешим аз Хитой ба Ҳиндустон тавассути Бохтар мегузашт.




### Савол ва супоришҳо

1. Давлати Искандари Мақдунӣ ба кадом давлатҳои мустақил тақсим шуд? Ба ин чӣ сабаб шуд?
2. Шумо дар бораи Салавк ва Антиох чиҳоро медонед?
3. Дар бораи таърихи давлати Юнон-Бохтар нақл кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 38–39. ХОРАЗМИ ҚАДИМ

## Давлати Хоразм



Сурати деворӣ. Қалъаи Оқчахон. Асрҳои II–I пеш аз мелод



**Дар асри IV пеш аз мелод** Хоразм аз давлати Аҳамониён ҷудо гардида, ба давлати мустақил табдил ёфт. Дар даври ҳукмронии Искандари Макдунӣ ҳам Хоразм давлати мустақил буд. Ба гуфтаи муаррихи Юнони қадим **Арриан** дар ин давра дар Хоразм **Фарасман** подшоҳӣ кардааст.

**Дар асрҳои IV–III пеш аз мелод** Хоразм дар Осиёи Миёна ба маркази муҳими васеъ ривоҷёфтаи шаҳрсозӣ ва меъморӣ табдил меёбад. Қалъаҳо дар сарҳадҳои давлатӣ ва роҳҳои савдо сохта мешаванд. Дар **Хива, Ҷонбосқалъа, Бозорқалъа** ва дигар шаҳрҳои Хоразм корҳои бошукӯҳ ва мӯҳташами бунёдкорӣ ба роҳ монда мешаванд.

Атрофи шаҳрҳо бо деворҳои мустаҳками мудофиавӣ иҳота шуда, дар кунҷи деворҳо дидгоҳҳо сохта шуда буданд. Кӯчае, ки аз марказ мегузашт, шаҳрро ба ду қисм тақсим мекард ва аз он ба гирду атроф кӯчаҳо тӯл кашида, маҳаллаҳо аз ҳамдигар ҷудо мешуданд. Дар майдони марказӣ қаср ва ибодатхонаҳои боҳашамат ҷойгир буданд. Дар давлати Хоразм ба рушди кори ҳарбӣ, соҳаҳои хоҷагидорӣ ва ҳунармандӣ аҳамияти калон дода мешуд.



Қўйқирилганқалъа.
*Ҳафриёт ва ҳолати барқароршуда*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Хоҷагӣ ва ҳунармандӣ

Асоси хоҷагии аҳолии ин кишварро деҳқонии ба обёрии сунъӣ асосёфта ва чорводорӣ ташкил мекард. Атрофҳои шаҳрҳо ва хонаҳои деҳқононро даштҳо, боғҳо ва токзорҳо иҳота карда буданд. Аз Амударё каналҳое сохта шудаанд, ки дарозиашон 40–50 километрро ташкил медод. Хоразмиён гандум, ҷав ва арзан кишт мекарданд. Анборҳои калон барои нигоҳ доштани ғалла дар қалъаҳои алоҳида ҷойгир буданд.

Дар Хоразм ҳунармандӣ ривоҷ ёфта буд: ҷиҳозҳои кулолгарӣ, олотҳои оҳанин ва мисин, силоҳу аслиҳа ва ашёҳои заргарӣ тайёр мекарданд. Сокинони Хоразм бо Суғдиёна, Марғиёна, Бохтар ва бодиянишинони дашт робитаи зичи тиҷоратӣ баркарор кардаанд. Роҳҳои муҳими корвонӣ аз ин кишвар мегузашт. **Дар асрҳои I пеш аз мелод** ва аввали мелодӣ дар Хоразм тангаҳои нукра ва мис сикка зада мешуданд. Ҳамаи ин ба инкишофи муносибатҳои тиҷоратӣ ёрӣ расонд.



Қиёфаҳои хоразмиёни қадим. *Барқароршуда*



Деворҳои қалъаи Хоразм



Оссуарийи дар шакли ҳайкал



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Санъат, хат ва дин

Қасрҳо ва ибодатхонаҳои Хоразми қадим бо намунаҳои баландсифати тасвирҳои деворӣ ва ҳайкалтарошӣ оро дода шудаанд.

Дар соҳили рости Амударё дар **қалъаи Оқчахон (асрҳои II–I пеш аз мелод)** қаср ва ибодатхона ҷойгир шудааст. Деворҳои роҳравҳои ибодатхонаро бо расмҳои рангоранг фаро гирифтаанд, ки дар онҳо одамон, аспҳо ва саворaҳо тасвир шудаанд. Махсусан, 30 портрети қаҳрамон алоҳида ҷудо шуда меистад, ки аксари онҳо дар ҳолати тоҷҳои паррандашакл пӯшида тасвир шудаанд.

Барои сохтани биноҳои мазкур хишти хоми дар тамоми ҳудудҳои ҷумҳурӣ истеҳсолшуда ба миқдори зиёд истифода шудааст. Дар сохтмон меъморон, рассомон ва ҳайкалтарошон иштирок карданд.

**Дар асрҳои II–III мелодӣ** шаҳри шоҳона – қароргоҳи ҳукмдорони Хоразм Тупроққалъа бунёд гардид. Дар қисми шимолии он қасру ибодатхонаҳои калон ҷойгиранд. Ҳуҷраҳои қаср бо тасвирҳои худоёни қадим, подшоҳон, ҷанговарон, навозандагон ва ҳайвонот оро дода шудаанд. Дар яке аз толорҳо, қад-қади девор, ҳайкалҳои гилини дар болои суфа ранг карда шуда ҷойгир карда шудааст. Шумораи умумии онҳо 115-то буд.

Навиштаҷоти қадимтарини Осиёи Миёна аз ҳудуди Хоразм пайдо шудааст. Аз ёдгории **Ойбӯйирқалъа (асрҳои V–IV пеш аз мелод)** намунаи хате ёфт шудааст ки дар сатҳи хум навишта шудааст, аз ҷумлаи онҳо мебошад.



Зарфҳои сафолин



Харобаҳои қалъаҳои Хоразми қадим



Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар давраҳои баъдина навиштаҷот дар рӯйи сафол, устухон, тахтаҳои чӯбӣ ва рӯи чарм бо сиёҳӣ навишта мешуд. Хати бостонии хоразмӣ дар асоси алифбои оромӣ ташкил ёфта, аз 20-то ҳарф иборат аст.

Тараққиёти хоҷагии қишлоқ, ривоҷёбии ҳунармандӣ ва меъморӣ ба донишҳои амалӣ асос меёбад. Аз ин рӯ, дар Хоразм илмҳои дақиқ, аз қабили астрономия, геометрия, математика инкишоф ёфтаанд. Дар мактабҳои назди ибодатхонаҳо хату савод ва ҳисоби арифметика омӯзонида мешуд. Дар девори қалъаи **Тупроққалъа** тасвири коҳин-хаттоте, ки печидаҳои хатдори пӯстро бардошта истодааст, ҷолиби диққат аст.



Тасвири барҷастаи ҷанговари Хоразм. Нақши Рустам. Эрон. Асри V пеш аз мелод

**Дар асри III пеш аз мелод** дар Хоразм қалъаи мустаҳкам – Қӯйқирилганқалъа сохта шудааст. Коҳинон ҳаракати ҷисмҳои осмониро аз ибодатхонаи қалъа мушоҳида мекарданд. Чунон ки коҳинони мисрӣ вақти обхезии Нилро медонистанд, коҳин-астрономҳои Хоразм вақти болоравии сатҳи оби Амударёро муайян кардаанд. Онҳо инчунин вақти кишт, шинондани ниҳол ва мавсими ҷамъоварии ҳосилро дақиқ медонистанд.



Хати Хоразми қадим



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Сурати деворӣ. Тупроққалъа. Асрҳои II–III мелодӣ






Тасвири сари ҷанговари хоразмӣ. Асри I мелодӣ

Дар воҳаи Хоразм **таълимоти зардуштӣ** васеъ паҳн шудааст. Дар вобаста ба маросимҳои дафни зардуштӣ дар Осиёи Миёна қадимтарин **оссуарийҳо – устухондонҳо** аз Хоразм ёфт шудаанд. Мардуми Хоразм ба замин, об, оташ саҷда карда ва ин унсурҳои муқаддасро қадр мекарданд.

Дар шаҳрҳои бостонии Хоразм бисёр ҳайкалчаҳои сафолине ёфт шуданд, ки дар он рамзи **Анахита** – олиҳаи об ва ҳосилхезӣ тасвир ёфтааст.

Тақвими маҳаллӣ, ки дар асри I мелодӣ дар Хоразм таҳия шуда буд, аз ҷониби мардуми хоразм то асри VIII истифода мешуд.

## Савол ва супоришҳо

1. Хоразм кай аз давлати Аҳамониён ҷудо шуда баромад?
2. Дар бораи шаҳрҳои қадимаи Хоразм чиҳоро медонед?
3. Дар бораи санъати Хоразм нақл кунед.
4. Дар бораи хоҷагӣ ва ҳунармандии Хоразм чиҳоро медонед?
5. Дар бораи маданият ва дини Хоразми қадим ҳикоя таҳия кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 40. ДАВЛАТҲОИ ҚАДИМАИ ҚАНҒ ВА ДАВАН

## Давлати Қанғ

Дар сарчашмаҳои Чин давлати **Қанғха (Қанғ)**-ро **Қанғйуй** номидаанд. **Дар асри III пеш аз мелод** ба он асос гузоштаанд. Мувофиқи аниқкунии археологҳо дар ноҳияи Оққӯрғони воҳаи Тошканд **дар асри III пеш аз мелод** шаҳр-қалъаи бунёдгардидаи **Қанқа** пойтахти собиқи сакҳо – **Қанғдиз** буд. Дар сарчашмаҳои Чин ин шаҳр **Битян** номида шудааст.

Ҳудудҳои давлати Қанғ заминҳоеро дар бар мегирифт, ки дар соҳилҳои миёнаи Сирдарё воқеъ буданд.

**Дар охири асри II пеш аз мелод** Қанғ ба иттиҳоди тавонои давлатӣ табдил меёбад. Ҳукмдорони онҳо тангаҳои худро сикка мезанонанд. Дар давлати Қанғ истеҳкомҳои ҳарбӣ, қалъаҳо, ибодатхонаҳо, марказҳои савдо ва мавзеҳои ҳунармандӣ сохта шудаанд.

Яке аз марказҳои мадании давлат воҳаи Тошканд буд. Маҳз дар ҳамин ҳудуд зироати муқимӣ ва маданияти чорводорӣ ривоҷ ёфта буд. Одамон гандум, ҷав ва шолӣ кишт мекарданд. Ба шаҳрҳо аз кӯҳҳои гирду атрофи воҳа оҳану мис, қалъагӣ ва нуқра интиқол дода мешуд. Ҳамин тариқ соҳаҳои

Қанғ, Қанғха, Қанғйуй, асрҳои III пеш аз мелод – III мелодӣ

Пойтахташ: Қанғдиз, (Битян), Қанқа

Дар асри III мелодӣ ба мулкҳои майда ҷудо мешавад



Ҳайкалчаи сафолини зан. Асри II-I пеш аз мелод



Тасвири ҷанг. Асри I пеш аз мелод



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Тамғаи Қанғ

ҳунармандӣ аз қабили кулолгарӣ, силоҳсозӣ, бофандагӣ ва заргарӣ ривоҷ ёфтааст.

Қанғиҳо ба оташу офтоб эътиқод мекарданд. **Дар асри II пеш аз мелод** дар **Шоштеппа** ибодатхонаи оташфишони доирашакл сохта шудааст. Шакли мудаввар рамзи офтоб ҳисобида мешуд.

Дар даштҳо чорводорӣ аҳамияти калон дошт. Қабилаҳои бодиянишин гӯсфанд-буз ва шутурҳоро парвариш мекарданд, инчунин ба аспparварӣ машғул буданд. Онҳо аз чарм пойафзол дӯхта, аз матоъҳои пашмин либосу гилем тайёр мекарданд. Зироаткорон ва чорводорон ба якдигар маҳсулотҳои хоҷагии қишлоқ ва ҳунармандиро мубодила мекарданд.

Шохаи шимолии Роҳи бузурги абрешим, ки аз ҳудуди Қанғ мегузашт ба рушди иқтисодӣ ва савдои кишвар имкон дод. **Дар асри III мелодӣ** давлати Қанғ ба мулкҳои хурд тақсим шуд.



Ибодатхонаи Шоштеппа. Тошканд. *Модели барқароршуда*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Давлати Даван

Давлати Даван (дар сарчашмаҳои Чин ин кишвар чунин номбурда мешавад) тахминан **дар асри III пеш аз мелод** пайдо шуда, дар водии Фарғона ҷойгир шудааст.

Маълумотҳо дар бораи Даван бештар дар сарчашмаҳои чинӣ оварда шудааст. Сафири Чин **Чжан Сзян**, ки ба он ҷо ташриф оварда буд чунин навиштааст: *«Дар Даван 70 шаҳри хурду калон мавҷуд аст, ки аҳолиаш чандсад ҳазор нафарро ташкил медиҳад».* Сафир ҳамчунин хабар медиҳад, ки мардуми Даван мардуми хеле меҳмондӯст ва кушодафикр мебошанд.

Ҳукмдорони Чин мехостанд ин кишварро забт кунанд. Дар яке аз юришҳои ҳарбӣ онҳо пойтахти давлати Даван **Эрширо** ба даст оварданд, вале маҷбур шуданд, ки ба ивази ҷуброни сокинон онро тарк кунанд.

Давлати Даван дар савдои байналхалқӣ бо Чин ва кишварҳои Ғарб нақши муҳим бозидааст. Махсусан, аспҳои зотии Фарғона, ҳукмдорони Чинро ба худ ҷалб мекарданд. Онҳо ҳатто яке аз зотҳои аспро **«самовӣ»** номиданд. **«Аспҳои самовӣ»** қавӣ ва чолок буданд.



Зарфи сафолин. Асрҳои I–II мелодӣ



Тавассути дараи кӯҳӣ роҳи Даван ва Чинро пайвасткунанда гузаштааст



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Фикр кунед

Барои чӣ императорони Чин аспҳои Даванро «аспҳои самовӣ» номидаанд?

### Ҷангҳое, ки ба туфайли «Аспҳои самовӣ» ба вуҷуд омадаанд

*Дар Фарғонаи қадим аспҳои наслдори аз зоти «аспҳои самовӣ» паҳншуда, парвариш карда мешуданд. Тибқи ривоятҳо, аспҳои ёбоӣ дар кӯҳҳои атрофи Даван зиндагӣ мекарданд. Онҳоро дастгир ва ром кардан ғайриимкон буд. Барои ҳамин ҳам бияҳои наслдорро интихоб карда, ба он кӯҳҳо ҳай карда мебурданд. Аз бияҳо ва айғирҳои ёбоӣ «аспҳои самовӣ» паҳн шудаанд. Тяншан ба забони чинӣ ҳамчун «кӯҳҳои самовӣ» тарҷума шудааст. Ин ном ба аспҳо низ гузаштааст.*

*Дар охири асри II пеш аз мелод овозаи ин аспҳои наслдор то Чин мерасад. Онҳоро «аспҳои болдор» низ меномиданд. Дар бадани онҳо ҳангоми давидан ба ҷойи арақ қатраҳои хун дида мешуд.*

*Дар солномаи чинӣ чунин гуфта шудааст: «Ба қаср хабар расид, ки дар шаҳри Эршии давлати Даван аспҳои аҷибе ҳаст. Шавқу ҳаваси император ба «аспҳои самовӣ» зиёд шуд: Ӯ ният дошт, ки дар зеҳни мардум аз насли илоҳӣ буданаш ва завол наёфтанашро ҷойгир кардани буд. Барои ин ба ӯ барои ба само баромадан аробаи дорои «аспҳои самовӣ» лозим буд».*

*Аммо давлати Даван ин аспҳоро пинҳон карда, ба сафирони Чин додан нахост. Сипас император паҳлавони худ Че Линро бо ҳадя ва салом ва ҳайкали аспи тиллоӣ ба ҳайси сафир ба Даван фиристод. Чӣ тавр набошад арғумоқҳои шаҳри Эрширо ба даст оварданаш лозим буд.*

*Ҳукмдори Даван хоҳиши сафирро рад кард. Ин радкунӣ боиси ҷанги байни Даван ва Чин гардид.*

Тасвири асп. Расми харсанг. Фарғона





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*Юриши якуми лашкари Чин ба Даван бо мағлубият анҷом ёфт. Дар юриши дуюм қўшуни ҳукмдори Чин 60 ҳазор нафар буданд. Ин лашкар корвонҳои зиёди таъминотии пур аз силоҳ ва ғизо дошт. Солноманавис менависад, ки «тамоми салтанат дар ҳаракат буд». Ба сўйи Даван 50 нафар саркарда бо қўшуни худ ба роҳ мебарояд. Онҳо бо суръати тез пеш мерафтанд, то ки даваниёнро ногаҳон забт кунанд. Онҳо шаҳри Эрширо муҳосира карданд. Онҳо роҳи оби сўйи шаҳрро баста, дар рўзи чиҳилуми муҳосира девори беруни шаҳрро вайрон карданд. Ҳукмдори Даван ба қалъа пинҳон шуда, дар бораи сулҳ ба гуфтушунид оғоз кард. Ба чиниҳо барои додани арғумоқҳо розӣ шуд. Дар акси ҳол онҳо мехостанд ҳамаи арғумоқҳоро нест кунанд. Аз тарси он ки аз давлати Қанғ кўмак омада мерасад, чиниҳо ба сулҳ розӣ шуданд.*

*Лашкари Чин ба Эрши ҳамла накарда, ба сифати ҷуброн миқдори зарурии аспҳоро гирифта, ба ватан баргаштанд. Ҷанги чорсола, ки барои «аспҳои самовӣ» шуда буд бо ҳамин ба итмом расид.*



Ҳайкалчаи асп





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Даван асри III пеш аз мелод – асри III мелодӣ**

Пойтахташ: Эрши, зиёда аз 70 шаҳр, Шӯрабашот, Учқӯрғон

Ҷангҳо бо Чин ба туфайли «аспҳои самовӣ»

Далелҳое, ки археологҳо ёфтаанд, маълумотҳои дар солномаҳои Чин бударо тасдиқ карданд. **Дар асрҳои II–I пеш аз мелод** Даван ба давлати ниҳоят тараққӣ ёфта мубаддал гашта, аҳолиаш соҳибистеъдод, хуб мусаллаҳ гардида ва ба қӯшунҳое соҳиб буд, ки хеле хуб машқ мекарданд. Аҳолии муқим замин шудгор карда, ғалла ва шолӣ мекоштанд, дар боғдорӣ ва токпарварӣ ба дастовардҳои калон ноил гаштанд. Чиниҳоро беда ва ангури Даван, ки ба онҳо номаълум буд, ба ҳайрат гузошт. Дар сарчашмаҳо чунин маълумотҳо оварда шудааст: «Сафири Чин тухмӣ овардааст. Баъд ҳукмдори Чин дар заминҳои ҳосилхези атрофи қаср беда ва ангурро кишт мекунад». Бостоншиносон пайдо шудани анору зардолуро дар Чин ба Даван нисбат медиҳанд. Маданияти деҳқонӣ дар Фарғонаи қадим хеле инкишоф ёфта буд. Дар водии Фарғона харобаҳои шаҳрҳои **Шӯрабашат, Ахсикент, Учқӯрғон** омӯхта шудаанд.

Ба гуфтаи олимон давлати Даван дар **асри III мелодӣ** барҳам хӯрдааст.

Чиниҳое, ки аспҳои Даванро савор гаштаанд



## Савол ва супоришҳо

1. Давлати Қанғ кай ва дар куҷо таъсис ёфт?
2. Дар бораи давлати Даван чӣ медонед?
3. Дар бораи машғулиятҳои аҳолии Қанғ ва Даван нақл кунед.
4. Давлати Қанғ кай пароканда шуд?
5. Дар бораи таърих ва маданияти давлати Даван нақл кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 41. ДАВЛАТИ КУШОН

## Ташкилёбии давлати Кушон

**Дар байни солҳои 140–130 пеш аз мелод** қабилаҳои бодиянишини юэчҷӣ давлати Юнон-Бохтарро забт мекунад. Юэчҷиҳо ба заминҳои Бохтар омада ҷойгир мешаванд. **Дар асри I мелодӣ** дар байни юэчҷиён хонадони кушониён боло рафта, ба давлати Кушон асос мегузоранд.

**Кудзула Кадфиз** аввалин ҳукмдори кушониён буд, ки мулкҳои қабилаҳои юэчҷиро муттаҳид кард. Дар ин давра ба давлати Кушон Афғонистон ва вилояти Ҳиндустон – Кашмир ҳамроҳ карда шуд.

Дар замони ҳукмрони **Вима Кадфиз** давлат боз ҳам васеъ шуд ва дар даври шоҳ **Канишка** ба империяи азим табдил ёфт. Ба ҳудуди он Ҳиндустон, Афғонистон ва заминҳои то ҷанубии Ӯзбекистон дохил мешуданд. Подшоҳии Кушон дар баробари давлатҳои Рим, Парфия ва Чин яке аз империяҳои бузург буд. Аммо дар натиҷаи ҷангҳои пайдарпай давлати Кушон ба бӯҳрон дучор шуда, **дар асри III мелодӣ** пароканда мешавад.

Дар даври ҳукмронии Вима Кадфиз дар шоҳигарии Кушон тангаи номи ҳукмдор сабтёфта



Тасвири шоҳзодаи Кушон




Шоҳигарии Кушон



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Тасвири подшоҳони Кушон. *Барқароршуда*

сикка занонда шуд, ислоҳоти пул ба амал баровардa шуда, арзиши тангаҳои сиккашуда зиёд мешавад. Тангаҳо аз тилло, нуқра ва мис сохта мешуданд.

Дар даври ҳукмронии Канишка давлати Кушон ба қуллаи тараққиёти худ расид. Шаҳрҳои нав ба нав сохта мешаванд, бо Ҳиндустон, Хитой ва империяи Рим муносибатҳои савдо ва сафирӣ ба роҳ монда шуд. Ислоҳоти пул ба рушди хоҷагӣ ва савдову тиҷорат кӯмак расонд.

## Ривоҷёбии хоҷагӣ

Асоси хоҷагии давлати Кушонро кишоварзии обёришаванда, савдо ва ҳунармандӣ ташкил медод. Гандум, ҷав ва шолӣ кишт карда мешуд. Дар даври кушониён осиёбҳои обӣ ва намудҳои чиғир васеъ истифода бурда шуд.

Ҳунармандӣ низ ба дараҷаи баланд тараққӣ карда буд. Инро бозёфтҳои ҳангоми омӯзиши ёдгориҳои давлати Кушон, аз қабили **Холчаён, Далварзинтеппа, Тирмизи** қадима, **Зартеппа, Кампиртеппа** ва ғайраҳо низ тасдиқ мекунанд.

Тасвири наврас. *Сурати деворӣ*





Чиғир – таҷҳизоте, ки об мебарорад



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Хати давлати Кушон

Ба туфайли алоқаҳои байниҳамдигарии маданӣ ва савдои халқҳое, ки дар ҳудуди давлати Кушон зиндагонӣ кардаанд, дар вилоятҳои гуногуни Осиёи Миёна **хати қадимаи оромӣ** васеъ ривоҷ меёбад. Азбаски ин хат ба ҳарфҳои алоҳида асос ёфтааст, азхуд кардани он хеле осон буд.

Дар натиҷаи омӯзиши ёдгориҳои қадимаи Тирмиз намунаҳои навишти **оромии** алифбои Кушону Бохтар ёфт гардидааст. Дар давлати Кушон боз як навъи хат – **шакли навишти кушон** мавҷуд буд, ки дар он ҳарфҳо кунҷдор ва гирдогирд навишта шудаанд.

Мавҷуд будани боз як сохти навишт дар подшоҳии Кушон катибаҳои кушониён **бо алифбои юнонӣ**, ки дар ёдгориҳои Сурхкӯтал (наздикии шаҳри Кундузи Афғонистон) ва Кампиртеппа (наздикии Тирмиз) ёфтаанд, тасдиқ мекунанд.

Дар поёноби Амударё, водиҳои Зарафшон ва Қашқадарё дар асоси алифбои оромӣ хатҳои **хоразмӣ** ва **суғдӣ** ҳам васеъ паҳн гардида буданд.





Тангаи Канишка





Ҷанговарони савора. Холчаён. *Барқароршуда*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Ҳайкали Буддо. Фаётеппа. Асрҳои I–II мелодӣ

## Эътиқоди динӣ

Вақте ки давлати Кушон ташкил меёфт, аҳолии асосии Бохтар, Суғдиёна ба дини зардуштӣ эътиқод доштанд. Баъди ба таркиби подшоҳии Кушон ҳамроҳ карда гирифтани қисми шимолии Ҳиндустон бо ҳудудҳои ҷанубии Ӯзбекистони имрӯза робитаи зич барқарор гардид, дини буддоӣ ба ҳудуди давлати Кушон дохил шуд.

Дар воҳаи Сурхон дар **Тирмизи Кӯҳна, Айритом** ва **Далварзинтеппа** ибодатхонаҳои бузурги буддоӣ мавҷуд буданд. Маҳз тавассути ҳамин воҳа дини буддоӣ дар тамоми Осиёи Миёна паҳн шуд. Буддизм бо баробари дини зардуштӣ дар Осиёи Миёна то асри VIII мелодӣ боқӣ мондааст.

## Меъморӣ ва санъат

Дар даври кушониён бинокорӣ ва меъморӣ ба дараҷаи баланд ривоҷ ёфта буд. Далварзинтепа ва Тирмизи Кӯҳна барин шаҳрҳоро деворҳои мустаҳками аз хишти хом сохташудаи мудофиавӣ иҳота карда буданд. Дар паси деворҳои мудофиа қароргоҳи ҳукмдор ҷойгир шуда буд. Худи шаҳрҳо ба маҳаллаҳои ҳунармандон ва мавзеҳои истиқоматӣ тақсим шудаанд. Дар шаҳрҳо қасрҳо ва ибодатхонаҳо сохта шуданд.



Сурати деворӣ. Ибодатхонаи Далварзинтеппа



Ҳафриётҳои истиқоматии Кушон



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Қасри ҳукмдорони Кушон дар Холчаён, дар ибодатхонаҳои буддоии Тирмизи Кӯҳна **(Қоратеппа, Фаёзтеппа)** ва Далварзинтеппа тасвирҳои деворӣ ва намунаҳои санъаткоронаи баланди ҳайкалтарошии ҳамон давра омӯхта шудаанд. Тасвири шоҳзодаҳо, аъёнҳои қаср, ҷанговарон, ҳайкали Буддо ва тасвирҳои мусиқачиёни думбуранавозу уднавози аз Айритом ёфтшуда аз ҷумлаи онҳоянд.

Кандакорӣ ба дараҷаи баланд ривоҷ ёфта буд. Аз Далварзинтеппа донаҳои шоҳмоти аз устухони фил сохташуда пайдо гардид. Дар санъати Кушон анъанаҳои маҳаллӣ, услуби санъати элинистии Шарқи қадим ва Юнонистони қадим мувофиқ гардидаанд.



Тасвири сари Буддо. Далварзинтеппа. Асрҳои II–III мелодӣ

Деворҳои мудофиавии Кампиртеппа



## Савол ва супоришҳо

1. Юэчҷиҳо Бохтарро кай забт карданд?
2. Дар шоҳигарии Кушон дар замони Канишка чи гуна тағйирот ба амал омад?
3. Тангаҳо бо номи ҳукмдор дар замони кадом подшоҳ сикка зада шуданд?
4. Дар шоҳигарии Кушон кадом динҳо паҳн шудаанд?
5. Дар бораи хат, санъат ва эътиқоди динии даври Кушон нақл кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 42. РОҲИ БУЗУРГИ АБРЕШИМ



Пиллаи кирми абрешим

## Пайдоиш ва шабакаҳои роҳ

То асри XVI мелодӣ **Роҳи бузурги абрешим**, ки дар дунёи қадим машҳур буд, дар рушди робитаҳои маданӣ ва муносибатҳои тиҷоратии Шарқу Ғарб нақши муҳим бозид. Роҳ **дар асри II пеш аз мелод** ба вуҷуд омадааст. Ба ин роҳ номи «Роҳи абрешим»-ро **соли 1877** географи олмонӣ **Ф. Рихтгофен** додааст. То ташкилёбии Роҳи бузурги абрешим дар байни ҳудудҳои Осиёи Миёна ва Шарқи қадим барои савдо ва муовизаи маданӣ роҳҳои мухталиф мавҷуд буданд. Роҳи абрешим боз ҳам ба инкишофи алоқаҳои тиҷоратӣ ва маданӣ хизмат кард.



Ҳайкалчаи савдогари кишвари ғарбӣ дар Чин сохташуда

Роҳи бузурги абрешим ба дарозии **12 ҳазор километр** тӯл кашидааст. Он аз соҳили баҳри Зард оғоз ёфта то соҳилҳои баҳри Миёназамин рафта расидааст. Дар ин роҳ шаҳрҳои қадима ҷойгир шудаанд.

Аз Суғдиёна ба Чин газворҳои пашмин, қолин, ашёҳои зебу зинатӣ ва сангҳои қиматбаҳо, аз Бохтар шутурҳо, аз Фарғона аспҳои наслдор, аз Бадахшон лаъл гирифта мебурданд; аз Чин биринҷ меоварданд; аз Осиёи Миёна ба Чин ангур, чормағз, анор ва дигар маҳсулотҳои деҳқонӣ мерасонданд.




Роҳи бузурги абрешим



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Роҳи бузурги абрешим дар тавсифи Чжан Сзян

Императори Чин **У-Ди** сафир **Чжан Сзянро** барои пайдо кардани иттифоқчиён ва ҳамкорон дар мубориза бар зидди қабилаҳои бодиянишини хунн, ки қисми шимолии Чинро вайрон кардаанд, мефиристад. Сафир ба дасти хуннҳо ба асирӣ афтод ва қариб даҳ сол дар маҳбас хобид. Вай аз асирӣ гурехта, тавассути ағбаҳои Тёншони Марказӣ ба Иссиққӯл мебарояд. Қад-қади дарёи Норин ҳаракат карда, ба водии Фарғона меояд. Дар ин ҷо бисёр шаҳрҳоро дида ба ҳайрат меояд. Шаҳрҳои мазкур ба шоҳигарии Фарғона мансуб буданашро фаҳмида мегирад.

Чжан Сзян аз водии Олой гузашта, ба ватани худ бармегардад. Сафир тамоми чизеро дидаасту шунидааст, ба император нақл мекунад. Вай ба ватанаш яке аз аспҳои Фарғона ва тухми бедаро оварда буд. Аспи мазкурро чиниён «самовӣ» номидаанд. Императори У-Ди дар наздикии қасри худ тухми бедаро мекоронад. Сонитар он дар тамоми қисми шимолии Чин кишт мегардидагӣ шуд.

Аз роҳи тайкардаи Чжан Сзян, ки мамлакати Чинро ба Осиёи Марказӣ ва Ғарбӣ пайваст мекард, роҳи корвонгузари дорои аҳамияти ҷаҳонӣ дошта *Роҳи бузурги абрешим* ба амал омад.

**Роҳи бузурги абрешим асри II пеш аз мелод – то асри XVI мелодӣ**

Роҳи бузурги абрешим, соли 1877 Ф. Рихтгофен

Дар асоси роҳи тайкардаи сафири Чин Чжан Сзян

Алоқаҳои байниҳамдигарии маданӣ ва савдо

Чин, Осиёи Миёна, Эрон, Осиёи Пеш – асри III мелодӣ



Савдогари бо Роҳи бузурги абрешим рафтаистода



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Корвони савдо

## Аҳамияти Роҳи бузурги абрешим

Таърихи Роҳи бузурги абрешим ба боз ҳам вусъат ёфтани муносибатҳои маданӣ ва тиҷоратии халқҳои Шарқ ва Ғарб хизмат кард. Таърихи мазкур таърихи байниҳамдигарии ҳамкорӣ ва ғани сохтани маданиятҳо буда, асоси сулҳу салоҳ ва тараққиётро ташкил додааст.

**Фикр кунед**

Роҳи бузурги абрешим ба рушди маданияти Осиёи Миёна чӣ гуна таъсир расонд?

Осиёи Миёна дар чорроҳаи самтҳои асосии ин роҳ ҷойгир аст. Ба ин ҷо аз кишварҳои гуногун савдогарон, ҳунармандон, олимон ва санъаткорон омада меистоданд Онҳо барои худ минтақаи ба дараҷаи баланд ривоҷёфтаро кашф кардаанд.



Нефрит

### Савол ва супоришҳо

1. Шабакаи роҳи корвонеро, ки бисёр мамлакатҳои ҷаҳонро бо ҳам мепайвандад, аввалин шуда ки «Роҳи абрешим» номидааст?
2. Дарозии Роҳи бузурги абрешим чӣ қадар аст?
3. Тоҷирон ба воситаи Роҳи бузурги абрешим аз кадом мамлакатҳо чиҳоро оварданд?
4. Ба Роҳи бузурги абрешим саёҳат кунед. Дар бораи кишварҳо ва шаҳрҳои дур ҳикояи кӯтоҳе нависед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ФАСЛИ V
# РИМИ ҚАДИМ

## § 43. ИТАЛИЯИ ҚАДИМ ВА АҲОЛИИ ОН

### Шароити табиӣ ва аҳолии қадима

Иқлими мӯътадил нимҷазираи **Апеннинро** пурра фаро гирифта буда, дар замини Италия хушксолӣ ва хунукии сахт намешуд. Азбаски кишвари серхӯрок ва заминҳояш серҳосил буд, дар давоми асрҳои зиёд машғулияти асосии аҳолии Италияи қадимаро зироаткорӣ ва чорводорӣ ташкил додааст. Дар нимҷазираи Апеннин аз замонҳои қадим қабилаҳои гуногун зиндагонӣ кардаанд.

Маънои калимаи «Италия» **«мамлакати гӯсолачаҳо»**-ро ифода мекунад. Юнониён, ки дар ин кишвар ба колонияҳо асос гузошта буданд, барои чарондани модаговҳо чарогоҳҳои аҷоибро ёфтаанд.

Дарёи аз ҳама калони нимҷазираи Апеннин дарёи **По** мебошад. Қабилаҳои нимҷазираро **италикҳо** меномиданд. Дар қисми шимоли-ғарбии Италия этрускҳо **зиндагонӣ** кардаанд. Машғулияти асосии онҳо зироаткорӣ буд.

**Дар асри VIII пеш аз мелод** этрускҳо дар Италия 12-то шаҳр-давлат ташкил мекунанд. Этрускҳо ба мақсади бо мамлакатҳои Шарқ ба роҳ мондани савдои озод бо колонияҳои юнонӣ мубориза оғоз мекунанд. Колонияи Финикия – шаҳр-давлатҳои Карфаген, ки дар соҳили шимолии Африқо ҷойгир буд, низ ба онҳо ҳамроҳ мешаванд. Дар аввал карфагениён ва этрускҳо ғалаба мекунанд, аммо дере нагузашта қӯшунҳои юнониён онҳоро дар хушкӣ ва баҳр торумор мекунанд.



Манзараи манзилгоҳҳои италикҳои қадим ва ҷараёни меҳнати онҳо





UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




Италияи қадим

## Асосгузории Рим

**Шаҳри Рим** аз манзилгоҳҳои зироаткории соҳили дарёи Тибр оғоз меёфт. Манзилгоҳҳое хурде, ки дар саросари Тибр ҷойгир шуда буданд, якҷоя гардида, ба шаҳри калон мубаддал ёфтаанд. Ҷойгиршавии Рим дар ҳафт теппа аз нуқтаи назари ҳарбӣ хеле қулай буд. Дарё ва ботлоқ лотинҳоро аз ҳамлаҳои қабилаҳои ҳамсоя муҳофизат мекард.

Мувофиқи ривоятҳо соли 753 пеш аз мелод ба шаҳри Рим бародарон **Ромул** ва **Рем** асос гузоштааст. Пас аз таваллуд, кӯдаконро дар сабадҳо гузошта, ба дарёи Тибр партофта мераванд. Аз соҳили дарё онҳоро модаргурге пайдо карда мемаконад ва нигоҳубин мекунад. Баъд бародаронро чӯпоне ёфта тарбия мекунад. Вақте ки ба воя мерасанд, дар соҳили Тибр ба сохтани шаҳр аҳд мекунанд.

Имрӯзҳо ҳам чуноне ки дар афсона таъкид гардидааст, модаргурге , ки кӯдаконро макондааст, рамзи Рим ба ҳисоб меравад.

Рим ба шаҳри калон табдил меёбад. Барои муҳофизат аз душманон дар теппагии **Капитолӣ** қалъа сохта шудааст.



Тасвири модагурге, ки Рем ва Ромулро дарёфт намудааст



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Пеш кардани Тарквинӣ аз шаҳр

**Рими қадим**

«Мамлака-ти гӯсола-ҳо» италикҳо, этрускҳо

Соли 753 пеш аз мелод асос гузоштани Рим, Ромул ва Рем

Республикаи Рим соли 509 пеш аз мелод

## Идоракунӣ дар Рими қадим

Пештар римиён ҳукмдори худро интихоб мекарданд. Ҳукмдорон ҳам сардори ҳарбӣ, ҳам судя, ҳам коҳин шудаанд. Шахсе, ки лақабаш **Тарквинии Мағрур** буд, ҳукмдори интихобшударо кушта, ҳокимиятро ба дасти худ мегирад. Аҳолии аз ин ба ғазаб омада ошӯб мебардорад, Тарквинӣ аз шаҳр ронда мешавад. Аҳли шаҳр қарор мекунад, ки тамоми ҳокимият набояд дар дасти як кас ҷамъ гардад ва ба шакли идоракунии республика гузаштан қарор мекунанд. **Соли 509 пеш аз мелод** сарнагуншавии ҳокимияти шоҳ асоси **республикаи Римро** офарид.



Сипари этрускҳо

### Савол ва супоришҳо

1. Аз харита ҳудуди Италияро нишон диҳед ва хусусияти географии онро нақл намоед.
2. Аҳолии Италияро чӣ номидаанд?
3. Барои чӣ модаргург рамзи Рим ба ҳисоб меравад? Дар бораи чӣ гуна ташкилёбии шаҳри Рим нақл намоед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 44. РЕСПУБЛИКАИ РИМ

## Идоракунии республика



Маркази Рими қадим. *Барқароршуда*

Ҳукмдорони Рим барои муҳокимаи масъалаҳои муҳим **Маҷлиси халқиро** даъват мекарданд. Маҷлиси халқӣ ҷанг эълон мекард, сулҳ мебаст, қонунҳоро тасдиқ ва бекор мекард ва ҳамаи шахсони мансабдори муҳимро таъин мекард. Қарори ин маҷлисро **Сенат** тасдиқ мекард. Калимаи «сенат» аз лотинӣ тарҷума шуда, маънои «машварати оқсоқолон»-ро ифода мекунад. Аҳолии маҳаллии Римро ***патритсийҳо***, одамони ба Рим кӯчида омада ва авлодони онҳоро ***плебейҳо*** меномиданд. Дар идораи Римӣ танҳо патритсийҳо иштирок карда метавонистанд.

**Дар охири асри VI пеш аз милод** давлати Рим ***республика*** номида шуд. Агар аз забони лотинӣ тарҷума кунем калимаи «республика», маънои «кори халқ, кори умумӣ»-ро ифода мекунад ( *res* – «кор», *publica* –«халқ»). Дар Маҷлиси халқӣ аз патрийсийҳо




Табақаҳои иҷтимоӣ дар Рими қадим



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Маҷлиси Сенат дар Рими қадим

ду касро ба муддати як сол ҳоким интихоб мекарданд. Онҳоро **консул** номидаанд.

Одамони сарватманд бо роҳҳои гуногун кӯшиш мекарданд, ки интихобкунандагонро ба тарафи худ кашанд: онҳо хӯроки нисфирӯзии бепул ташкил кардаанд, тӯҳфаҳо тақсим карданд ва ба ин монанд корҳо мекарданд.

Дар рӯзи интихобот сарватмандони ғуломдор, ки худро ба консулӣ пешбарӣ кардаанд, либоси ҳарири сафед бо номи **«кандида»** мепӯшиданд. Ҳозира калимаи «кандидат», яъне барои ишғоли лавозим шахси ҳаракаткунанда, аз калимаи «кандида» гирифта шудааст ва маънои номзодро ифода мекунад. Ранги сафед виҷдони номзод чун либосаш беғубору покиза буданашро ифода мекард.

**Фикр кунед**

Ба фикри шумо чаро Рим республика ном бурда шуд?

**Идоракунии республикаи Рим**

Маҷлиси халқӣ → Трибунаҳои халқӣ → Консул / Консул → Сенат



Ҷараёни интихобот



Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Консулҳо

Сенат дар мамлакат соҳиби ҳокимияти калон буд. Ягон қонун дар Сенат муҳокима нагардида аз ҷониби Маҷлиси халқӣ қабул намегардид. Шахсони асосии мансабдор – консулҳо бевосита давлатро идора мекарданд. Дар қадим шахсони соҳибтаҷрибаву боҳурмат аз Сенат ҷой гирифта бошанд, баробари гузаштани вақт консулҳо ҳам бе ягон интихобот аз Сенат ҷойро ишғол мекарданд ва ба аъзои умрбоди он – мавқеи баробари **сенаторон** соҳиб мешуданд.

Ҳангоми ҷангҳо ё сар задани ошӯби халқ **диктатор** ва ёвари он сардори қӯшунҳои савора таъин мегардид. Диктатор ҳокимияти номаҳдудро соҳиб буд. Аммо дар ин ҳокимият зиёда аз шаш моҳ истода наметавонист.

Ҳар як консулро аз 12 нафари қаровули фахрӣ – **ликторҳо** посбонӣ мекарданд. Консул ҳамчун нишони ба сифати соҳиб будани ҳуқуқи ҷазо додани ҷинояткорон ликторҳо ба китфи худ бандҳои химчӯбро овехта мегаштанд. Дар мобайни ин бастаҳо табарча вуҷуд дошт.

Консулҳо ду нафар буда, онҳо ҳангоми ҳалли масъалаҳои муҳим бо ҳам маслаҳат карданашон шарт буд. Консулҳо дар давоми сол республикаи Римро идора карда римиёнро суд менамуданд. Дар замони ҳарбӣ онҳо ба қӯшунҳо фармондеҳӣ мекарданд. Ҳар сол онҳо ба Маҷлиси халқӣ ҳисобот медоданд. Дар республикаи Рим низ лавозими **трибуни халқӣ** таъсис гардида буд. Трибунҳои халқӣ манфиати римиҳои камбағалро ҳимоя мекарданд. Онҳо дар маҷлисҳо бо овоздиҳии баробар ва пинҳонии ҳамаи шаҳрвандон интихоб гардидаанд. Трибуни халқ калимаи «вето» («манъ») гуфтанаш мумкин буд, ки дар ин ҳол қонун қабул намегардид.

Ликторҳо консулро посбонӣ карда рафта истодаанд





Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## «Қонунҳои 12 ҷадвал»

Қонунмандии Рими қадим ба қонунҳои шифоҳӣ асос ёфта буд. Дар судҳо бисёр вақт патритсийҳо маҷлис ташкил мекарданд, ки қарорҳои ноадолатона қабул мекарданд. Мувофиқи талаби плебейҳо ҳайъати иборат аз даҳ патритсий ташкил ёфта, онҳо мебоист маҷмӯи хаттии қонунҳоро тартиб медоданд. Новобаста ба қонунҳо, патритсийҳо аз мансабҳои худ истифода бурданд.

Ҳамон вақт қӯшуни Рим, ки асосан аз плебейҳо иборат буд исён мебардорад. Онҳо ба кӯҳи муқаддаси атрофи Рим рафта, шаҳри навро, ки ба қонунҳои худ молик аст, месозем гуфта огоҳ кардаанд. Ҳамин тариқа қонунҳои дар 12 лавҳаи мисин кандакоришуда барои дидани ҳама дар майдони марказии Рим – форум ҷойгир карда қабул карда мешавад.



Ҷазодиҳии қонуншикан

Қонунҳои мазкур мулки хусусиро дахлнопазир эълон намуданд. Аксари қонунҳо нобаробарии плебейҳо ва патритсийҳоро аз нигоҳи қонунӣ таъмин сохтанд. Фақат дар мобайни **асри III пеш аз мелод** шаҳрвандони Рим аз мавқеашон сарфи назар дар назди қонун баробар буданашон аз нигоҳи қонунӣ мустаҳкам карда шуд.



Шаҳрвандони Рим «қонунҳои 12 ҷадвал»-ро омӯхта истодаанд

### Савол ва супоришҳо

1. Дар Рим идораи республика бо кадом тарз ба роҳ монда шудааст?
2. Калимаи «республика» чӣ гуна маъноро ифода мекунад?
3. Диктатор кист? Дар кадом ҳолат вай ба ҳукмдори Рим мубаддал мегардад?
4. Дар бораи қонунмандии Рим нақл кунед. Ба худ хосии он дар чист?
5. «Қонунҳои 12 ҷадвал» манфиати киҳоро ҳимоя менамуд?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 45. ҲАЁТИ РЕСПУБЛИКАИ РИМ



Тасвири ба девори қадима коркардшуда. Помпей

## Ҳаёти шаҳрҳо

Баробари васеъ гардидани ҳудуди давлат миқдори шаҳрҳо ҳам зиёд шуданд. Шаҳрҳои Рим дар асоси нақшаи пухта таҳия гардида барпо мешуданд. Дар шаҳрҳо бисёр биноҳои ҷамоатии зебо ва истиқоматӣ, ибодатхонаҳо, ҳаммомҳо, растаҳои савдо ва дорухонаҳо вуҷуд доштанд.

Аксари одамон дар хонаҳои 2–3 ошёна истиқомат кардаанд. Одамони бадавлат бештар барои худ кошона сохтаанд. Дар ин хонаҳо низоми марказонидашудаи гармӣ буданд: фаршҳо гарм мешуданд, тавассути қубурҳо ба хонаҳо об оварда мешуд. Хона бо **мозаикаҳо** – бо суратҳои аз шиша ва пораҳои санг коркардшуда оро дода шудаанд. Деворҳои хонаву ҷойҳои шоҳона – виллаҳоро бо **фрескаҳо** – расмҳои ҳангоми корҳои пардоздиҳӣ истифода бурда шуда, зеб медоданд. Дар маркази ҳар як шаҳр – **форум** майдони бозор, ҷой барои ҷамъомади халқ ва ибодатхонаи марказӣ буд. Об ба шаҳр тавассути **акведук** оварда мешуд, ки ба кӯпруки бисёрошёна шабоҳат дошт.

Дар бозорҳои Рим ба ғуломон, ки моли асосӣ буд, талабот зиёд буд. Ҳар як шаҳр бозорҳое дошт, ки дар онҳо ғуломонро савдо мекарданд.

Либосҳое, ки одамон дар бар мекунанд, мавқеи онҳоро дар ҷамъият муайян мекард. Масалан, писарбачаҳо то синни 14-солагӣ тогаи рахрахи гулобӣ пӯшидаанд. Агар ба синни 14 расанд шахси ба воя расида ҳисобида

Кӯчаи Рими қадим





UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

шуда, тогаи сафед мепӯшиданд. Худди ҳамин хел тогаи ҳарирро сенаторон ҳам мепӯшиданд. Бонувони римӣ куртаҳои гуногунрангро пӯшида, ба сар ва китфонашон рӯймол партофта мегаштанд.

## Эътиқодҳои римиҳои қадим

Дар ҳаёти рӯзмарра римиён аз худоёни худ мадад ва васоятгариро хоста муроҷиат кардаанд. Барои онҳо ибодатхонаҳои бошукӯҳ барпо кардаанд. Дини римиён эътиқодҳои динии юнониҳоро ба хотир меорад. Пеш аз оғози кори муҳим, римиён ба худоён қурбонӣ мекарданд, то дар ин кор ба онҳо кӯмак кунанд.

Худоҳои гуногун ҷиҳатҳои гуногуни ҳаётро идора мекарданд. Масалан, агар римиён дар ҷанг ба мағлубият дучор оянд, гӯё ба ягон кори худ ҷаҳли худои ҷанг **Марс**ро бархезондаем – гӯён фикр кардаанд.

**Юпитер**, худои асосии римиён, подшоҳи осмон, раъду барқ сарпарасти давлати Рим ҳисобида мешуд. Римиён ба худоёни баҳр, шикор, тиҷорат, оташ ва оҳангарӣ, баҳор ва ишқ, адолат ва тақдир эътиқод мекарданд.

**Худоёни римиён**

- **Юпитер** – худои раъду барқ
- **Нептун** – худои баҳр
- **Марс** – худои ҷанг
- **Веста** – сарпарасти оташдони хонадон
- **Диана** – худои шикор
- **Вулқон** – худои оташ ва оҳангарӣ
- **Меркурий** – худои савдову тиҷорат




Худоёни римиёни қадим



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Понтифики бузург

**Фикр кунед**

Дини римиёни қадим аз дини юнониён бо чӣ фарқ мекард?

## Маросимҳои динӣ

Маросимҳои динӣ аз рӯйи қоидаҳои қатъӣ муайян кардашуда гузаронида мешуданд. **Коҳинон – понтификҳо – рӯҳониёни Рим** баргузории маросимҳоро назорат мекарданд. Онҳо тақвими идҳо, маросимҳо, тартиби ҷашнҳоро таҳия намудаанд. Понтифики бузург ба ҳайати понтификҳо, ки аз 5 то 15 коҳинон иборат буд, сарварӣ мекард. **Понтифики бузург** бо худоён маслиҳат карда, хулосаи даркорӣ медиҳад гӯён меҳисобиданд.

Римиён тамоми корҳои муҳимро бо фолбинӣ оғоз кардаанд. Фолбинӣ бо кӯмаки **коҳинон – авгурҳо** анҷом дода мешуд. Авгурҳо аз рӯйи парвози паррандагон, раъду барқ, донаҳои ба паррандаҳои муқаддас пошида, акси садо ва ғайраҳо фолбиниро анҷом медоданд ва агар нишонаҳо табъи дил набошад, корҳоро ба муддати муайян ба таъхир меандохтанд.

Оташи муқаддас дар ибодатхонаи **Веста**, ки сарпарасти оташдони хонагӣ буд, нигоҳ дошта мешуд. То он даме, ки оташ дар мегирифт, ҳаёт вуҷуд дорад гӯён ҳисоб мекарданд.



Маросим бахшида ба худои ҷанг

### Савол ва супоришҳо

1. Дар бораи ҳаёти шаҳрҳои Рим ва аҳолии онҳо нақл кунед.
2. Либосҳои римиён бо чияш ҷудо шуда меистод?
3. Маросимҳои динӣ дар Рим чӣ гуна гузаронида мешуданд?
4. Авгурҳо бо чӣ машғул мегардиданд?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 46. ҒУЛОМОН ВА ГЛАДИАТОРҲО

## Ғуломдорӣ дар Рим

Чунин шумораи зиёди ғуломон мисли Рим на дар Мисри қадим ва на дар Юнони қадим вуҷуд надоштанд. Дар натиҷаи юришҳои зафарона шумораи ғуломон дар Рим хеле зиёд мешаванд. Шумораи ғуломон дар Миср ва Юнонистон ба мисли Рим зиёд набуданд.

Дар тасаввури римиёни озод, ғулом ашёе буд, ки комилан дар ихтиёри ғуломдорон буд. Ғуломон қадр надоштанд, зеро онҳо хеле арзон меистоданд.

Дар давлати Рим дар ғуломон ҳисси манфиатдорӣ аз меҳнати худ набуд. Ба онҳо дастмузд намедоданд. Аз ин рӯ, ғуломон то ҳадди имкон кам ва бад кор мекарданд. Оҳиста-оҳиста маҳсулнокии меҳнати ғуломон кам шуд. Меҳнати ғуломон барои ғуломдорон






Бозори ғуломон



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Ғуломон дар сохтмони роҳ

фоидаовар набуданаш маълум мегардад. Аксари ғуломдорон ғуломонро ба иҷорачиёни замин мубаддал карданд. Аз ошӯби ғуломон ҳаросида, заминдорон ба мақсади баланд бардоштани ҳосилнокии замин заминҳои худро ба мулкҳои хурд-хурд тақсим карда, ба бенавоёни озод ба иҷора додан гирифтанд. Дар ана ҳамин заминҳо иҷоракорон бо зироаткорӣ машғул мешуданд. Онҳо заминро чӣ қадар зиёд коркард кунанд, ҳамон қадар ҳиссаи зиёди ҳосил ба онҳо мерасид.

Иҷоракорони хурди замин **колонҳо** номида мешуд. Барои истифодабарӣ аз замин онҳо ба заминдорон аз ҳисоби маҳсулоти рӯёндашуда ҳақ медоданд.

Рафта-рафта миқдори ғуломони мутеъ кам гардид. Баъзе заминдорон ба ғуломон заминҳои хурдро барои кор бурдани мустақил иҷозат медоданд. Онҳо олоти меҳнат, тухмӣ доштанд ва бо оилаи худ якҷоя зиндагӣ мекарданд. Чунин ғуломонро **«ғуломони кулбадор»**, яъне ғуломони манзилдор меномиданд. Онҳо ҳам барои аз замин истифода бурданашон ҳақ медоданд, аммо тақдири онҳо дар дасти хӯҷаинҳояшон буд.



Меҳнати ғуломон



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Ҷангҳои гладиаторон

Яке аз тамошоҳои маҳбуби римиён **ҷанги гладиаторон** буд. Аксари гладиаторон ғуломон ё худ ҷинояткорон буданд. Онҳоро дар мактабҳои махсуси пӯшида сабақ медоданд, сипас маҷбур мекарданд бо ҳамдигар қувваозмоӣ намоянд ва тамошобинонро шод кунанд.

Ҳаёту мамоти ҳар як гладиатор ба азму хоҳиши тамошобинон вобаста буд. Баъди ҳар як ҷанг тамошобинон зинда мондан ё куштани гладиатори мағлубгардидаро ҳал мекарданд. Агар бисёр тамошобинон сарангушти дасти рости худро ба боло бардоранд, гладиатори мағлубшуда зинда мемонд, баръакс ба паст фуроварда шавад, ӯро дар пеши назари тамошобинон мекуштанд. Ҷангҳо дар варзишгоҳҳои сангин – **амфитеатрҳо** ба амал омадаанд. **Колизей** бузургтарин амфитеатр буд, ки 50 ҳазор тамошобин меғунҷид.



Колизей

Баъзан гладиаторҳо ба гурӯҳҳои калон ҷудо шуда ҷанг кардаанд, дар ҳамон лаҳза саҳна майдони ҷангро ба хотир меовард: гладиаторони кушташуда, захмдоргардида ва ҷондода истода дар ҳама ҷо мехобиданд. Барои боз ҳам шавқовартар шудан ҷангҳои гладиаторон дар байни рақибони қувваашон баробар гузаронида мешуданд. Дар якеаш танҳо шамшер ва сипар бошад, дар дигараш тӯр ва чангак (найзаи сешоха) мебуд.

Гладиаторе, ки бо тӯру чангак мусаллаҳ буд, худро бо ягон чиз ҳифз карда наметавонист, вай рақибашро ба тӯр печонда, бо чангак ӯро куштанаш мумкин буд. Гладиаторҳо инчунин бо шерҳои ваҳшӣ, палангҳо ва барзаговҳои хашмгин меҷангиданд.



Ҷанги гладиаторҳо



Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




## Ошӯби Спартак

Ошӯби ғуломон тахти сарварии Спартак **соли 74 пеш аз мелод ошӯби** аз ҳама оммавӣ ва муташаккили дунёи қадим гардид.

Барои саркашӣ аз хизмат дар лашкари Рим ба мактаби гладиатори шаҳри **Капуя** ғуломи фракиягӣ – Спартак фурӯхта шуда буд, ғуломонро ба ошӯб барангехт. Аммо касе дар ин бора ба римиён хабар дод. Спартак ва дусад нафар тарафдорони ӯ ба посбонон ҳуҷум мекунанд ва аз мактаби гладиаторҳо мегурезанд. Азбаски дар шаҳр имконияти руст шудан набуд, онҳо ба ағбаҳои кӯҳҳои **Везувӣ** баромада рафтанд. Ба оҳистагӣ ба сафи онҳо ғуломон ҳамроҳ шудан гирифтанд, ва сафи ошӯбгарон зиёд шудан гирифт.

Ба мақсади торумори ғуломон қӯшуни сеҳазорнафараи фиристодашуда дар наздикии кӯҳҳои Везувӣ лагери ҳарбӣ барқарор намуд.

Муҳосира сар шуд. Аммо Спартак нақшаи нобаҳангому қатъиро амалӣ гардонд. Ғуломон аз навдаҳои ток нордбон бофта, аз ҷониби ноаён аз қулла ба паст фуромаданд. Спартак аз ақиби римиён зарба зада, онҳоро торумор намуд.


Спартак

Ба муқобили Спартак тахти сарварии саркардаи ботаҷриба **Марк Красс** қӯшуни бисёрҳазорнафара фиристода шуд. Баҳори **соли 71 пеш аз мелод** дар ҷанги ҳалкунанда қӯшуни Спартак торумор карда шуд, худи вай дар ҳамин ҷанг ҳалок гардид.

### Савол ва супоришҳо

1. Дар Рим шумораи ғуломон аз ҳисоби киҳо зиёд шуданд?
2. Римиён бо ғуломон чӣ гуна муносибат мекарданд?
3. Мавқеи ғуломҳо, колонҳо ва «ғуломони кулбадор» аз ҳамдигар бо чӣ фарқ мекарданд?
4. Дар бораи ошӯбе, ки Спартак сарварӣ мекард, нақл кунед.
5. Чӣ фикр доред ғуломоне, ки ошӯб бардоштанд, чаро ғалаба карда натавонистанд?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 47. САРНАГУНШАВИИ РЕСПУБЛИКАИ РИМ

## Сабабҳо

Ошӯбҳои ғуломон ғуломдоронро хеле сахт тарсонд. Дар назди ғуломдорон масъалаи зарурати ба вуҷуд овардани диктатураи ҳарбӣ ба сифати ҳокимияти пурқувват меистод. Сенаторон ва шахсони мансабдори камшумор давлати бузургро ҳамвора идора карда наметавонистанд.

Дар асри I пеш аз мелод сарварони ҳарбие, ки мунтазам ба қӯшунҳои зархарид такя мекарданд, ба қувваи воқеӣ табдил ёфтанд. Аскарони зархаридро қувваю қудрати ҳарбии Рим ва нерӯи давлат не, фақат ғанимат бештар шавқманд мегардонд. Барои аскарони зархарид муҳим набуд, ки бо кӣ ҷанг кунанд ё киро ғорат кунанд.



Уқоби Рим рамзи ҳукмдорони Рим ба ҳисоб мерафт



Аскарони Рим



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Барқарор шудани ҳокимияти Сезар



Юлий Сезар




Баъди он ки ошӯби Спартак хомӯш карда шуд, **Красс** ва **Помпей** барои ҳокимият дуру дароз мубориза бурданд, аммо дар ҷангҳое, ки давлати Рим пеш мебурд, Красс ҳалок гардид. Акнун барои Помпей **Сезар** ягона рақиби хавфнок буд.

Юлий Сезар **дар соли 49 пеш аз мелод** баъди ҷанги музаффаронаи Галлия дарёи Рубикони сари роҳи Римро убур карда барои яккаҳоким гардидан муборизаи ошкороро сар кард. Сезар ҳамон вақт ин тавр гуфта буд: «Қуръа партофта шуд!»

Ҷонибдории аҳолии Рим аҳамияти ҳалкунанда касб намуд. Қӯшунҳои Помпей дар Испания буд. Сезар ба диктатор ва императори Рим – ба ҳокимияти номаҳдуд соҳиб гардид. Хоҳишу иродаи Сезар барои Рим дорои қувваи қонун буд. Ӯ шахсони мансабдорро бе ягон интихобот таъин мекард, ба Сенат ва Маҷлиси халқӣ ҳисобот надод.

Ҳолати мазкур он қадар тӯл накашид. Сенаторон аз ҳокимияти номаҳдуди Сезар норизо шуда фитна барангехтанд. Онҳо аҳд карданд, ки Сезарро мекушанд ва дар Сенат мавқеи аввалаашонро барқарор менамоянд. Ба фитнагарон яке аз дӯстони наздики Сезар **Брут** роҳбарӣ кард. Ҳангоми маҷлиси Сенат фитнагарон Сезарро печонда гирифтанд ва ба вай бо ханҷарҳо зарба задан гирифтанд. Сезар дар ҳамин ҷо вафот кард.

**Дар соли 44 пеш аз мелод** ҳукмронии Юлий Сезар ба анҷом расид. Баъди кушта шудани он дар байни саркардаҳо мубориза авҷ гирифт ва ин ба ҷанги шаҳрвандӣ оварда расонд.

Дарёи Рубинконро убур кардани Юлий Сезар





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Оқибатҳои мубориза барои ҳокимият

Брут аввал барои аз нав барқарор кардани республика кӯшид. Вале сенаторон ба тартиботи пештара баргаштанро нахостанд. Бисёрии онҳо сарвати худро дар даври ҳукмронии Сезар ба даст оварда буданд.



Октавиан Август

Дар айни маҳал дар Рим ҷияни Сезар – **Октавиан** бар зидди Брут ва тарафдорони вай мубориза оғоз мекунад.

Дар Юнонистони Шимолӣ Брут қӯшун ҷамъ карда, ба Рим хавфи ҷиддӣ овард. Октавиан бо **Марк Антонӣ** иттифоқ мебандад ва республикачиёнро торумор мекунанд.

Баъди он Октавиан идоракунии қисми ғарбии давлати Рим, Антонӣ бошад идоракунии қисми шарқиро ба дасти худ мегирад.




Антонии ба Миср омада, ба малика **Клеопатра** хонадор мешавад. Ба тариқи тӯҳфаи акди никоҳӣ Антонӣ ба Клеопатра музофоти (вилоятҳои) шарқии Римро медиҳад. Он боиси норозигии Октавиан мегардад.

Дар соҳилҳои Юнонистон байни флотҳои Антонӣ ва Октавиан ҷанг ба амал омад. Вақте ки ҷанг ба нуқтаи авҷ расида буд, Клеопатра ва Антонӣ ба шаҳри Александрия мегурезанд. Армия ва флот ба Октавиан таслим мешавад. Соли дигар Октавиан бо қӯшунҳояш ба Миср рафта мерасад, Антонӣ ва Клеопатра худкушӣ мекунанд. Миср бошад, ба музофоти давлати Рим табдил меёбад. Ҳамин тариқ Октавиан ҳукмдори ягонаи империяи Рим мешавад.

Манзараи ҷанг



Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





Сутуни Траян дар Рим

**Соли 29 пеш аз мелод** Октавиан аз Сенат унвони **император** ва номи **Августро** мегирад. Вай асосгузори империяи Рим гардида, як қатор ислоҳотҳо мегузаронад. Император корҳои бинокориро дар миқёси калон пеш мебарад. Дар даври ӯ дар Рим қасру ибодатхонаҳои зиёде сохта шудаанд.

Пас аз марги Октавиан Август дар даври ҳукмронии ворисони ӯ – **Калигула** ва **Нерон** империя ба инқироз рӯ меоварад. Танҳо дар ибтидои **асри II мелодӣ** қувваю қудрати Рим аз нав барқарор мешавад. Ин аср **«асри тиллоӣ»**-и империяи Рим ном гирифтааст.

**Дар соли 98 мелодӣ Траян** ба тахти императорӣ нишаст. Траян дар даври ҳукмронии худ бо дакҳо ҷангҳо бурд, ки дар соҳили дарёи Дунай зиндагӣ мекарданд. Тасвирҳои дар сатҳи сутуни Траян, ки баландиаш ба 40 метр баробар дар бораи воқеаҳои манзараҳои ҷанг бо дакҳо ҳикоя мекунад. Дар ин давр ҳудудҳои Сурия ва Месопотамия ба таркиби империяи Рим дохил мешуд. Траян бо шоҳигарии Парфия ҷангҳои бомуваффақият бурдааст.

### Савол ва супоришҳо

1. Сабабҳои асосии вожгуни республикаи Римро гӯед.
2. Дар Рим қарор ёфтани ҳокимияти Сезар чӣ тавр рӯй дод?
3. Баъди Юлий Сезар дар Рим чӣ гуна тағйиротҳо рӯй доданд?
4. Дар мубориза барои яккаҳокимиятӣ чаро Октавиан ғолиб омад?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 48. ТАНАЗЗУЛ ВА ҲАЛОКАТИ ИМПЕРИЯИ РИМИ ҒАРБӢ

## Таназзули империя

Баъди даври император **Траян** римиён ҷангҳои калони истилогарона бурда натавонистанд. **Дар асри III мелодӣ** иқтидору қудрати империяи Рим суст шудан гирифт. Императорро акнун армия интихоб мекард, дар армия ҳам дар байни гурӯҳҳои мухталиф мубориза авҷ мегирифт.

Дар айни замон дар тарафҳои шимолӣ-ғарбии сарҳади империя қабилаҳои бодиянишин пайдо шуданд. Римиён ба онҳо **«варварҳо»** гӯён лақаб гузоштанд ва барои дар сарҳад нигоҳ доштани армияи калон маҷбур буданд.

Аввал юнониён тамоми халқҳо ва қабилаҳоеро, ки забонашон ба онҳо нофаҳмо буд, «варварҳо» номида буданд. Баъдтар римиён халқҳои дараҷаи маданияташон пастро ҳамин тавр меномиданд.

**Фикр кунед**

Барои чӣ римиён дар сарҳадҳои давлат ба нигоҳ доштани армияи калон маҷбур буданд?



Дар шаби торики моҳи август ғуломон дари яке аз 12 дарвозаи Римро аз дарун мекушоянд



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




## Империяҳои Рими Ғарбӣ ва Шарқӣ

Дар замони император Константин соли 300 мелодӣ пойтахти империяи Рим шаҳри Византия эълон гардид, ки дар халиҷи Босфор ҷойгир буд. Мувофиқи фармони император тамоми биноҳои кӯҳнаи шаҳр вайрон карда шуда, шаҳри нав барпо гардид. Шаҳр ба шарафи император **Константинопол** номида шуд.

Империяи бузургро аз Константинопол истода идора кардан кори душвор буд. Баъди вафоти император **Феодосӣ соли 395 мелодӣ** империяи Рим дар байни ду писари ӯ ба қисмҳои **Ғарбӣ** ва **Шарқӣ** ҷудо карда мешавад. Ба қисми Ғарбӣ Италия, Европаи Ғарбӣ ва вилоятҳои Африкаи Шимолӣ, ба қисми Шарқӣ бошад нимҷазираи Балкан, Осиёи Хурд ва заминҳои Миср дохил мешуданд. Дар империяи Рими Шарқӣ ҳокимияти ягонаи император нигоҳ дошта шуд. Империяи Рими Ғарбӣ ба давлатҳои алоҳида пароканда шудан гирифт.

## Готҳо дар Рим

**Дар соли 410 мелодӣ** таҳти сарпарастии **Аларих** қабилаҳои германӣ – **готҳо** Римро муҳосира намуданд. Римиён бо онҳо машварат карданд, аммо шабона ғуломон дарҳоро кушоданд, истилогарон ба шаҳр зада даромаданд. Готҳо ҳайкалҳоро несту нобуд карда, китобҳои бебаҳоро сӯзонданд. Римро се рӯз тороҷ карданд. Рими толону тороҷ гардида бе касу кӯй монд.




Ҳуҷуми варварҳо ба Рим



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Германҳо бесавод буда, ҳеҷ гоҳ театрҳо ва китобхонаҳоро надида буданд. Пас аз ворид шудан ба сарҳади Рим онҳо иморатҳои Рим, меъморӣ, зебоӣ ва бузургии ҳайкалҳоро муносиб арзёбӣ карда натавонистанд. Ҳамаи онҳоро бешафқатона несту нобуд карданд. Германҳо ба мақсади иҳота кардани деворҳои қалъачаҳои худ тахтачаҳои сангини ибодатхонаҳо ва китобхонаҳоро кӯчонда бурданд. Китобҳо, ҳайкалҳо ва асарҳои санъатии дигарро ҳам нобуд карданд.



Вандалҳо
*Расми муосир*

## Сарнагуншавии империяи Рими Ғарбӣ

Ишғоли рим аз тарафи готҳо аҳолии империяро ба ларза овард. Дар давоми садсолаҳо римиён аз болои рақибони худ ғалаба карда буданд, худашонро ҳукмдори ҷаҳон ҳисоб мекарданд. Римро бошад **«шаҳри абадӣ»** таъриф мекарданд.

Қисми зиёди римиён Рим агар ба завол рӯ оварад, саросари ҷаҳон несту нобуд мегардад – гӯён бовар мекарданд.



Одоакр охирин императори Римро аз тахти тахт сарнагун мекунад.
*Расми муосир*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Аскари Рим.
*Расми муосир*

Аларих ҳам вафот кард, вале душмани аз он ҳам қаттоли Рим – қабилаҳои хунн тахти роҳбарии **Аттила** пайдо мешавад. Аттила ба империяи Рими Шарқӣ хуҷум оғоз мекунад.

**Соли 455 мелодӣ** ба Рим қабилаҳои вандали германӣ ҳуҷум мекунад, онҳо дар давоми ду ҳафта шаҳрро тороҷ мекунанд. Вандалҳо ҳама чизҳоро, ки бо худ бурда наметавонистанд, нобуд карданд.

**Соли 476 мелодӣ** саркардаи кӯшуни қабилаҳои зархариди германӣ дар Рим **Одоакр** императори охирин **Ромулро** аз қаср сарнагун карда нишони унвони императориро ба Константинопол фиристод.

Сарҳадҳои империяи Рими Ғарбиро қабилаҳои германӣ ишғол кардаанд. Ҳамин тарик, **соли 476 мелодӣ** ба таърих ҳамчун санаи сарнагуншавии империяи Рими Ғарбӣ ва анҷоми таърихи дунёи қадим дохил шуд. **Таърихи асрҳои миёна** аз ҳамин сана оғоз мешавад.

**Сарнагуншавии империяи Рими Ғарбӣ**

- Соли 410, готҳо, Аларих
- соли 452, хуннҳо, Аттила
- Соли 455, қабилаҳои вандали германиҳо
- Соли 476 сарнагуншавии империяи Рими Ғарбӣ




## Савол ва супоришҳо

1. Сабаби ба империяҳои Рими Ғарбӣ ва Шарқӣ тақсим гардидани империяи Рим дар чист ?
2. Дар бораи забт гардидани Рим нақл кунед.
3. Сабабҳои сарнагуншавии империяи Рими Ғарбиро номбар кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 49–50. МАДАНИЯТИ РИМИ ҚАДИМ

## Тарзи зиндагонии римиён

Дар замонҳои қадим патритсийҳо, ки зодагони римӣ буданд, дар хонаҳои оддии якошёнагӣ зиндагонӣ мекарданд ва дар хоҷагӣ ғуломони зиёд надоштанд.

Бо мурури вақт дар тарзи зиндагонии римиён тағйиротҳои ҷиддӣ рӯй доданд. Дар оғӯши теппагиҳое, ки шахсони сарватманд зиндагӣ мекарданд, боғҳои тамошо ва чорбоғҳо пайдо шуданд. Ҳавои ин ҷойҳо хеле солим ва тоза буд. Одамони наздики император қасрҳои боҳашамат доштанд.

Римиёни оддӣ дар ҳамвориҳои байни теппаҳо зиндагӣ мекарданд. Дар ин ҷойҳо кӯчаҳо танг буданд.

Императорони Рим барои сокинони пойтахт ҳаммомҳои зебое сохтаанд, ки **«термаҳо»** ном доштанд (калимаи юнонии *«термос»*– «гарм» ҳам аз ҳамин баромадааст). Ба ивази ҳаққи ночизе, ҳар як римӣ имконияти ба термаҳо рафтанро дошт, дар он ҷо ҳавзҳои об барои шиноварӣ, толорҳои варзишӣ мавҷуд буданд. Дар назди термаҳо барои таълим гирифтан ва бо илм машғул шудан китобхона низ мавҷуд буд.



Ҳамомҳои Рим – термаҳо

**Фикр кунед**

Ба фикри шумо фарқи асосӣ дар байни Рим ва шаҳрҳои муосир дар чист?

Дар асоси матн ва расм дар Рим чӣ гуна «саёҳат кардаатонро» гӯед.



Намунаҳои меъмории Рим



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Манзараи таҳсили бачаҳо дар мактаб. *Расми муосир*

## Таълим

Фарзандони римиёни бенаво азбаски дар корҳои хоҷагӣ ба волидон кӯмак мерасонданд, дар мактаб таҳсил намекарданд. Фарзандони сарватмандон аз 6-солагӣ ба мактаб мерафтанд.

Бачагоне, ки навишанро ёд мегирифтанд, бо кӯмаки асочаи филизии **стил** ҳарфҳоро дар болои тахтачаҳои бо мум фарогирифта кандакорӣ мекарданд.

Баъди ёд гирифтани хондан, навиштан ва ҳисобу китоб бисёриҳо хонданро қатъ мекарданд. Баъзеҳо таҳсилро дар **грамматика** (мактаби миёна) давом медоданд. Дар он ҷо таърих, география, геометрия, ва астрономияро меомӯхтанд.

## Меъморӣ ва ҳайкалтарошӣ



Арки триумф

Корҳои бинокорӣ дар империяи Рим алалхусус тараққӣ карда буд. Амфитеатрҳо, сиркҳо, театрҳо, ибодатхонаҳо, қасрҳо, **аркҳои триумф** ва дигар иморатҳои бисёрошёна барпо гардидаанд. Меъмории римӣ аз меъмории юнонӣ бо рангорангӣ ва мӯҳташамии худ фарқ мекард. **Дар асри I милодӣ** Рим шаҳри аз ҳама калон ва аҳолиаш зиёд табдил ёфтааст. Ҳамон вақт ҳатто мақоли зерин эҷод шуда буд: «Тамоми роҳҳо ба Рим мебаранд». Ба воситаи ҷангалзорҳо, кӯҳҳо ва ботлоқзорҳо роҳҳо гузаронидаанд. Сохти обгузаронии Рим – боқимондаҳои кубурҳои об то имрӯз нигоҳ дошта шудаанд.

Қубурҳо дар асоси нишебкунӣ сохта шуда буда, аз чашмаҳои кӯҳсор худи об ҷорӣ шуда меомад. Барои қубурҳоро аз болои ҷариҳо, ағбаҳо ва водиҳо гузаронидан **акведукҳо** – кӯпрукҳои аз қисми болоии ҷӯйҳо гузарандаро сохтааанд.

Акведук



Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Кӯпрукҳои калонро пурра аз санг сохтан қимат меафтод ва сохтмон вақти дароз давом мекард. Римиён масолеҳи нави бинокорӣ **бетонро** кашф намудаанд.

Баъди шах шудан он аз санг ҳам мустаҳкам гардидааст. Истифодабарии бетон ба римиён имкон дод, ки иншоотҳоро тез ва мустаҳкам созанд.

Баъди ихтирои бетон шифтҳо дар шакли гумбаз бидуни сутунҳо сохта шудаанд. **Пантеони** дар Рим (ба юнонӣ маънои «ибодатхонаи тамоми худоён»-ро ифода мекунад) бо ҳамин васила сохта шудааст.

Амфитеатри аз ҳама калони Рим **Колизей** то имрӯз ҳамчун намунаи мӯҳташами гузаштаи худ нигоҳ дошта шудааст.

Дар Рими қадим асарҳои машҳури таърихӣ офарида шудааст. Муаррих **Тит Ливӣ** «Таърихи Рим»-ро навиштааст. **Плутарх** дар бораи ҳаёти саркардаҳои юнонӣ-римӣ китоб навишта боқӣ гузоштааст. **Квинт Курсӣ Руф** асари «Таърихи Искандари Мақдунӣ»-ро офаридааст. Асарҳои мазкур то ба мо расида омадаанд.



Намунаҳои меъмории Рими қадим. *Барқароршуда*



Книга предоставлена исключительно в образовательных целях UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Ба вуҷуд омадани насронӣ



Кӯҳи Голгофа

Дар аввали **асри I мелодӣ** дар шаҳри **Вилфейеми** Фаластин, ки дар зери ҳокимияти Рим қарор дошт дар бораи таваллуди кӯдаки мӯъҷизавӣ – **Исо** ривоятҳо паҳн шудан гирифтанд.

Тибқи ривоятҳо Исо дар 30-солагӣ бо дувоздаҳ нафар ҳамсафарони худ ба Фаластин сафар карда, оиди оятҳои Худо ҳикоя нақл мекунад ва онҳоро дар амал нишон медиҳад: мурдаҳоро зинда мегардонад, беморони аз ҳаёт умедашон канда, хастаҳои бедаворо даво мекунад

Рӯҳониёни маҳаллӣ Исо пайғамбарро барои ҳақиқати динии мавҷударо вайрон кардан айбдор ҳисобида, ӯро ба қатл мефармоянд. Ҳукми мазкурро ноиби Рим **Понти Пилат** тасдиқ кардааст.



Намуди зоҳирӣ аввалин ибодатхонаи насрониён

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Баъди вафоти Исо часади вайро шогирдонаш ба яке аз ғорҳои кӯҳи **Голгофа** дафн мекунанд. Тибқи ривоятҳо **Исо Масеҳ** рӯзи сеюм зинда шуда, ба осмон баромада рафтааст.

Одамон Исо пайғамбар аз нав зинда гардида ва ба меъроҷ бардошта шуда, ба рӯйи Замин баргашта омаданаш боварӣ доштанд.

Ривоятҳо дар ҳаққи Исо Масеҳ номи **Евангелия** (Инҷил)-ро гирифта, он аз юнонӣ тарҷима карда шавад, ин калима маънои **«хушхабар»**-ро дорад. Пайравони таълимоти Исо пайғамбар насрониён (христианҳо) мебошанд. Шогирдонашро **апостолҳо** (ҳавворихо) меномиданд. Ба ҷамоаҳои насрониён **епископҳо** пешвоӣ мекунанд. Асри I мелодӣ санаи ба вуҷуд омадани **насронӣ** (христианӣ)ба ҳисоб меравад.

Ҳукмдорони Рим насрониёнро ба зери таъқиб мегиранд, ба чанголи ҳайвонҳои дарранда мепартоянд, ба азобу уқубатҳои гуногун гирифтор менамоянд. Он боиси норозигии одамон мегардад.

**Дар соли 313 мелодӣ** император **Константин** фармон бароварда, дини насрониёнро бо дигар динҳои баробар эълон мекунад. Фармон ба насрониён имкон дод, ки ибодатхонаҳо созанд ва ошкоро ибодат кунанд.



Император Константин

### Савол ва супоришҳо

1. Аз номи римии қадим ҳикоя эҷод кунед.
2. Дархмактабҳои Рим чиҳоро омӯзондаанд?
3. Хусусиятҳои меъмории Римро номбар кунед.
4. Номи намояндагони таърихии Римро гӯед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE







## ЗАМИМА
## ЛУҒАТИ ИСТИЛОҲОТҲОИ ТАЪРИХӢ

*Агора* – ҷойи ҷамъомадҳои халқӣ дар шаҳрҳои Юнони қадим, майдони марказӣ.

*Акведук* – кӯпруки баланде, ки дар болояш ҷӯйе дохтааст, ки ба шаҳр об меоварад.

*Алтамир* – ғор дар Испания аст, ки дар он расмҳои *даври* палеолити охирин пайдо шудаанд.

*Амфитеатр* – як иншооти бузурги бебом аст, ки бо саҳна иҳота шудааст ва барои нишасти тамошобинон сохта шудааст.

*Анимизм* – эътиқод ба мавҷудияти ҷону рӯҳҳое, ки муҳити инсонро фаро гирифтаанд.

*Антикӣ* – лотинӣ, «қадима».

*Археология* – фаннест, ки сарчашмаҳои моддиро меомӯзад ва дар асоси онҳо гузаштаро барқарор мекунад; қадимшиносӣ.

*Буддоӣ* – таълимоти диние, ки аз ҷониби Сиддҳартҳа Гаутама дар Ҳиндустон дар VI пеш аз мелод асос ёфтааст.

*Варвар* – аввал юнониён тамоми халқҳо ва қабилаҳоеро, ки забонашон ба онҳо нофаҳмо буд, «варварҳо» номида буданд. Баъдтар римиён халқҳои дараҷаи маданияташон пастро ҳамин тавр меномиданд.

*Гоплит* – аскари пиёдаи бо силоҳи вазнин мусаллаҳгардидаи лашкари Юнони қадим ва Юнон-Македония.

*Ибодатхона* – бино ё маскан, ки муқаддас эълон гардида, одамон ба худоҳо саҷда кардаанд.

*Император* – (лотинӣ, «ҳукмдор») дар Рими қадим аслан унвони фахрии ҳарбӣ ва баъдтар унвони ҳукмдори мутлақ гардид.

*Империя* – давлатест, ки дар он кудрати номаҳдуди ҳукмдор ҷорӣ шуда ва бисёр



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

миллатҳои дигарро мутеъ кардааст.

*Италикҳо* – қабилаҳои қадима, ки дар нимҷазираи Апеннин зиндагӣ кардаанд.

*Иэроглифҳо* – юнониёни қадим хати мисриёнро чунин меномиданд, ки маънояш «навиштаҷотҳои муқаддас» мебошад.

*Зиккурат* – иншооти баланд ва калони зинапоядор, ки дар болояш ибодатхона ҷойгир шудааст.

*Коҳинон* – рӯҳониёни ибодатхона.

*Колонияҳо* – дар даври қадима манзилгоҳ ва шаҳрҳое, ки аз тарафи одамони кишвари худро тарк намуда дар сарзамини нав барқарор кардаанд.

*Консул* – баландтарин мақоми сиёсӣ дар Рим дар даври республикавӣ мебошад. Ду консуле, ки ҳар сол интихоб мешаванд, ба Сенат ва армия роҳбарӣ мекарданд.

*Кроманён* – номи маконе (Фаронса) аст , ки дар он бори аввал устухони одами қадим бо намуди муосир пайдо шудааст. Бар асоси номи ин ҷой, ин ин мардро Кроманён гуфтан одат шудааст.

*Лоҷуворд* – санги табиии кабуд, маъдан.

*Метек* – шаҳрванди хориҷие,ки дар Афина зиндагӣ мекунад.

*«Ном»*-ҳо – давлатҳои аввалини Миср.

*Номарх* – ҳукмдори аввалини давлати Мисри қадим.

*Обёрии сунъӣ* – обёрии киштзорҳо бо кӯмаки каналҳо ва ҷӯйҳо.

*Одами неандерталӣ* – одами ибтидоӣ мебошад, ки дар даври палеолити миёна зиндагӣ кардааст. Боқимондаҳои устухони ӯ даставвал дар водии Неандертали Олмон ёфт шудааст.

*Папирус* – қамише, ки пояаш барои навиштаҷот









*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



ҳамчун мавод истифода мегардад.

*Патритсийҳо* – аҳолии маҳалии Рими қадим.

*Пирамида* – бинои боҳашамати сангин, мақбараи фиръавнҳо.

*Плебейҳо* – одамони ба Рим кӯчида омада ва авлодони онҳо.

*Полис* ( юнонӣ *polis* ) – «шаҳр».

*Республика* – маънои «кори умумӣ» ифода мекунад; шакли идоракунии давлат.

*Сенат* – маънои «машварати оқсоқолонро»-ро мефаҳмонад.

*Сфинкс* – ҳайкали бузурги танааш шер ва сараш аз инсон, мавҷудоти афсонавӣ, аҳромҳоро посбонӣ кардааст.



*Термаҳо* – ҳаммомҳои ҷамъиятии шаҳри Рими қадим.

*Теппаи Капитолий* – баландтарин теппаи Рим аст.

*Фаланга* – сафкашии аскарони бо силоҳҳои вазнин таъмингардида, одатан дар 9 ё 16 қатор.

*Философия* – фалсафа: калимаи юнонии *filo* – «дӯст доштан», *sofiya* – «дониш».

*Фиръавн* – ҳукмдори Миср; маънои «хонадони бузург»-ро мефаҳмонад.

*Хронология* – илм дар бораи асрҳо, давраҳо ва ченакҳои вақт; санаи воқеаҳои гуногун бо ёрии хронология муайян ва аниқ карда мешавад.



*Хати оромӣ* – аз ҷониби оромиён, як халқи қадима, ки дар қисми миёнаи Месопотамия (байни ду дарё ) ҷойгир аст, офарида шудааст, аз 20-то ҳарф иборат буд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ТАЪРИХИ ДУНЁИ ҚАДИМ ДАР ТАҚВИМҲО



**1 миллион сол** – ҳазорсолаи 100 пеш аз мелод – даври аввали палеолит дар Осиёи Миёна.

**Ҳазорсолаҳои 100–40 пеш аз мелод** – даври миёнаи палеолит.

**Ҳазорсолаҳои 40–12 пеш аз мелод** – даври охирини палеолит.

**Ҳазорсолаҳои 12–7 пеш аз мелод** – даври мезолит.

**Ҳазорсолаҳои 6–4 пеш аз мелод** – даври неолит.

**Ҳазорсолаҳои 4–3 пеш аз мелод** – даври энеолит.



**Ҳазорсолаи 4 пеш аз мелод** – пайдоиши шаҳракҳои шумерҳо ва аккадҳо дар Месопотамия.

**Ҳазорсолаи 4 пеш аз мелод** – пайдоиши манзилгоҳҳо дар соҳили дарёи Нил.

**Соли 3000 пеш аз мелод** – фиръавн Менес Мисрро ба давлати ягона муттаҳид мекунад.

**Соли 2600 пеш аз мелод** – бунёди аҳроми Хеопс (Хуфу) дар Миср.

**Ҳазорсолаи 3 пеш аз мелод** – пайдоиши давлати Элам.

**Ҳазорсолаи 3 пеш аз мелод** – пайдоиши шаҳрҳои Моҳенҷодаро ва Хараппа.



**Миёнаи ҳазорсолаи 3** – ҳазорсолаи 2 пеш аз мелод – даври биринҷӣ.

**Охири ҳазорсолаи 3** – ҳазорсолаи 2 пеш аз мелод – пайдоиши тамаддуни аввалин дар Чин.

**Ҳазорсолаи 3 пеш аз мелод** – пайдоиши давлати Оссурия дар Осиёи Пеш.

**Ҳазорсолаи 2 пеш аз мелод 2** – ташкилёбии шоҳигарии Бобул.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Охирҳои ҳазорсолаи 3 пеш аз мелод** – ҳазорсолаи 2 – ташкилёбӣ ва ривоҷёбии манзилгоҳҳои деҳқонӣ аз қабили Сополитеппа ва Ҷарқӯтон.

**Ҳазорсолаи 2 пеш аз мелод** – ташкил ёфтани давлатҳои Микен ва Крит.

**Ҳазорсолаи 2 пеш аз мелод** – барпо шудани қалъаи Акропол дар Аттика.

**Охири асри XVIII пеш аз мелод** – аз тарафи қабилаҳои бодиянишини гиксос забт шудани Миср.

**Асри XVIII пеш аз мелод** – ҳукмдори Бобул Хаммурапи (солҳои 1792–1750 пеш аз мелод) Месопотамияро ба давлати ягона муттаҳид кард.

**Асри XVIII пеш аз мелод** – бӯҳрони шаҳрҳои Моҳенҷодаро ва Хараппа.

**Асри XII пеш аз мелод** – дориён Лаконикаро забт карда, ба шаҳри Спарта асос гузоштанд.

**Асри XI пеш аз мелод** – ташкилёбии давлати Исроил.



**Асри X пеш аз мелод** – офарида шудани алифбо дар Финикия.

**Аввали асрҳои IX–VIII пеш аз мелод** – даври гул-гул шукуфии давлати Урарту.

**Асрҳои VIII–VI пеш аз мелод** – ташкилёбии колонияҳои Юнон.

**Асри VIII пеш аз мелод** – ба вуҷуд омадани иттифоқи 12 шаҳр дар Италия.

**Ҳазорсолаи I пеш аз мелод** – паҳншавии Зардуштӣ дар ҳудуди Осиёи Миёна.

**Асри VII пеш аз мелод** – бори дигар ба давлати ягона муттаҳид шудани Миср.

**Соли 776 пеш аз мелод** – баргузоршавии аввалин бозиҳои Олимпӣ.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Соли 753 пеш аз мелод** – ташкилёбии Рим.
**Асри VII пеш аз мелод** – ташкилёбии шоҳигарии Бобули Нав.
**Асри VII пеш аз мелод** – ташкилёбии шоҳигарии Бохтари қадим.
**Асрҳои VII–VI пеш аз мелод** – рушди шаҳрҳои Кӯктеппа, Қизилтеппа, Афросиёб, Узунқир, Еркӯрғон, Кӯзалиқир.
**Асрҳои VII–V пеш аз мелод** – даври «бисёрподшоҳӣ» дар Чин.
**Соли 621 пеш аз мелод** – қабул гардидани қонунҳои Драконт.
**Соли 605 пеш аз мелод** – вожгуни шоҳигарии Оссурия.



**Соли 594 пеш аз мелод** – гузаронидани ислоҳотҳои Солон дар Афина.
**Соли 558 пеш аз мелод** – Кир II ҳукмдори шоҳигарии Форс.
**Соли 539 пеш аз мелод** – забти Бобул аз ҷониби форсҳо.
**Соли 530 пеш аз мелод** – ҳалок гардидани Кир II дар Осиёи Миёна.
**Соли 525 пеш аз мелод** – аз ҷониби шоҳи Форси қадим Камбис II забт гардидани Миср.
**Соли 522 пеш аз мелод** – Доро I ҳукмдори давлати Аҳамониён.
**Соли 522 пеш аз мелод** – ошӯби Фрада бар муқобили Доро I.



**Соли 509 пеш аз мелод** – республика эълон гардидани Рим.
**Солҳои 490–449 пеш аз мелод** – ҷангҳои юнону форс.
**Соли 490 пеш аз мелод** – ҷанги ҳамвории Марафон.
**Соли 480 пеш аз мелод** – ҷанги Фермопил (сесад нафар спартагӣ).



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Соли 480 пеш аз мелод** – ҷанги Саламин.



**Соли 479 пеш аз мелод** – ҷанги назди шаҳри Платея; ғалабаи юнониҳо.

**Солҳои 443–429 пеш аз мелод** – ҳукмронии стратег Перикл дар Афина.

**Асрҳои V–IV пеш аз мелод** – паҳншавии тангаҳои аввалин дар ҳудуди Осиёи Миёна.

**Асри IV пеш аз мелод** – аз зулми Аҳамониён озодшудани хоразмиён, сакҳо ва массагетҳо.

**Соли 338 пеш аз мелод** – ҷанги назди Херония, шикасти юнониён аз ҷониби македониён.

**Соли 329 пеш аз мелод** – забт кардани Мароқанд аз ҷониби юнон-македониён таҳти роҳбарии Искандари Мақдунӣ.



**Соли 329 пеш аз мелод** – дар ҷанги соҳили дарёи Зарафшон шикасти қӯшунҳои юнон-македониён.

**Соли 328 пеш аз мелод** – мағлубияти Спитамен дар ҷанг ба муқобили лашкари Искандари Мақдунӣ.

**Соли 323 пеш аз мелод** – марги Искандари Мақдунӣ.

**Соли 312 пеш аз мелод** – оғози ҳукмронии Салавк; Салавк – асосгузори давлати Салавкиён.

**Асри III пеш аз мелод** – ташкилёбии давлати Қанғ.

**Асри III пеш аз мелод** – ташкилёбии давлати Даван.



**Соли 250 пеш аз мелод** – ташкилёбии давлати Юнон-Бохтар.

**Соли 246 пеш аз мелод** – Син Шихуандӣ – ҳукмдори давлати Син.

**Асри III пеш аз мелод** – сохтмони ибодатхонаи Қӯйқирилганқалъа дар Хоразм.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Асри II пеш аз мелод** – ба вуҷуд омадани Роҳи бузурги абрешим.
**Солҳои 140–130 пеш аз мелод** – забт шудани давлати Юнон-Бохтр аз ҷониби юэчҷиҳо.
**Асри I пеш аз мелод** – кашфи когаз дар Чин.
**Соли 74 пеш аз мелод** – ошӯби Спартак.
**Соли 49 пеш аз мелод** – Юлий Сезар – императори Рим.
**Соли 29 пеш аз мелод** – Октавиан аз ҷониби Сенат унвони император ва номи фахрии Августро гирифт.
**Соли 98 мелодӣ** – оғозшавии ҳукмронии Траян дар империяи Рим.



**Асри I мелодӣ** – офаридани тақвим дар Хоразм.
**Асри I мелодӣ** – пайдоиши дини насронӣ.
**Асри I мелодӣ** – паҳншавии дини буддоӣ дар Бохтар.
**Асри I мелодӣ** – даври гул-гул шукуфии шоҳигарии Кушон.
**Асри III мелодӣ** – ба бӯҳрон рӯ овардани давлати Кушон.
**Асри I мелодӣ** – Византия (Константинопол) – пойтахти империяи Рим.
**Соли 394 мелодӣ** – қатъи бозиҳои Олимпӣ.
**Соли 395 мелодӣ** – тақсимшавии империяи Рим: Ғарбӣ ва Шарқӣ.



**Соли 410 мелодӣ** – яксон кардани Рим аз ҷониби готҳо, таҳти роҳбарии Аларих.
**Соли 452 мелодӣ** – ҳамла ба Италия аз ҷониби хуннҳо таҳти роҳбарии Аттила.
**Соли 455 мелодӣ** – ҳуҷуми вандалҳо ба Рим.
**Соли 476 мелодӣ** – сарнагуншавии империяи Рими Ғарбӣ.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ТАКРОРИИ ХОТИМАВӢ



Ҳангоми омӯзиши таърихи дунёи қадим то чӣ андоза азхуд кардани истилоҳу номҳои таърихиро озмуда бинед. Саҳифаҳои дорои ин истилоҳҳо низ барои санҷиши ҷавобҳои шумо пешниҳод карда мешаванд.






*агема – 127*
*агора – 95*
*акинак – 122*
*аккадҳо – 43*
*акведук – 158*
*амфитеатр – 163*
*анимизм – 15*
*аристократия – 96*
*антропологҳо – 8*
*археологҳо – 8*
*авгурҳо – 160*
*ахейҳо – 86*
*асри оҳан – 27*
*авлод – 10, 17*
*бохтариён – 74*
*буддизм – 65*
*браҳманҳо – 60*
*«варварҳо» – 94*
*гладиаторҳо – 163*
*гоплитҳо – 88*
*даври биринҷӣ – 21*
*демократия – 95, 97*
*демос – 95*
*диктатор – 156*
*зардуштӣ – 81*
*зиккурат – 45*
*илотҳо – 91*
*италикҳо – 151*
*иероглифҳо – 40*
*кассиҳо – 55*
*кастаҳо (варна)-ҳо – 60*
*колонияҳо – 179*
*колонҳо – 162*
*консулҳо – 156, 179*
*коҳинҳо – 35*
*кроманён – 17*
*кулолгарӣ – 24, 44*
*кшатрийҳо – 60*
*қабилаҳои гиксос – 32*
*ликтор – 156*
*массагетҳо – 73*
*матриархат – 11*
*метекҳо – 89*
*мезолит – 18*
*микролитҳо – 20*
*мӯмиёкунӣ – 39*
*мозаика – 158*
*неандертал – 14*
*неолит – 20*
*«ном» – 31*
*оссуарий – 83, 136*
*палеолит – 12, 17*




*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

палестра – 90
папирус – 28
патриархат – 10, 22
патритсийҳо – 154
периэкҳо – 92
пирамидаҳо – 36
плебейҳо – 154
подшоҳон – 45
полис – 88
понтифик – 160
республика – 154, 180
«роҳи шоҳ» – 56
сагарис – 122 сум
сакҳо – 74
санскрит – 63
саркофаг – 38
сатрап – 117
сатрапиҳо – 56, 117
Сенат – 154, 180
сфинкс – 36, 180
скиф – 53
стил – 90, 174
тамаддун – 7, 181
тамаддуни Миной – 86
термаҳо – 174, 180
стратег – 98, 128
устухондонҳо – 136
суғдиён – 74
тога – 158
фаланга – 88, 100
файласуф – 112
фиръавн – 31, 33
форум – 158
фреска – 158
хати мехӣ – 44
хоразмиён – 74
хоҷагии азхудкунанда – 13
ҳаворӣ (апостол)-ҳо – 177
чиғир – 144
чопперҳо – 13
ҷамоаи авлодӣ – 10, 17
шаҳр-давлатҳо – 45
шудраҳо – 61
шумерҳо – 43
этрускҳо – 151
эламиҳо – 55
эллинҳо – 94, 181
энеолит – 21
этнографҳо – 8









*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## НОМҲОИ ТАЪРИХӢ ВА ГЕОГРАФӢ ОИД БА ТАЪРИХИ ДУНЁИ ҚАДИМ





*Афина – 89*
*Афросиёб – 77*
*Аккад – 43*
*Алтамир – 15*
*Апеннин – 151*
*Айритом – 146*
*Ашшур – 54*
*Оссурия – 54*
*Бақтра – 124*
*Бохтар – 74*
*Беҳистун – 9*
*Бобул – 48*
*Байни ду дарё – 43*
*Везувӣ – 164*
*Византӣ – 144*
*Ганг – 61*
*Голгофа – 176*
*Даҷла – 43*
*Далварзинтеппа – 138*
*Даван – 137*
*Ерқурғон – 77*
*Замонбобо – 23*
*Зартеппа – 144*
*Италия – 151*
*Александрияи Эсхата - 124*
*Карфаген – 151*
*Константинопол – 170*
*Коринф – 102*
*Крит – 86*
*Курушкат (Киропелис) – 123*
*Кӯзалиқир – 77*
*Лагаш – 45*
*Лаконика – 89*
*Ласко – 15*
*Македония – 100*
*Марафон – 99*
*Мароқанда – 123*
*Марғиёна – 114*
*Мачай – 18*
*Мемфис – 31*
*Месопотамия – 43*
*Мидия – 55*
*Миср – 28*
*Микен – 86*
*Моҳенҷодаро – 59*
*Нил – 28*
*Ниневия – 53, 54*
*Нубия – 32*
*Обишир – 19*
*Окс (Амударё) – 13*
*Олимпия – 104*
*Олвия – 94*
*Пантикапей – 94*
*Пелопоннес – 85*
*Персепол – 56*
*Пирей – 89*
*Рим – 152*
*Розетт – 41*
*Селенғур – 13*
*Сополитеппа – 22*
*Спарта – 91*
*Суғдиёна – 73*
*Чарқӯтон – 23*
*Ҷонбосқала – 132*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## НОМҲОИ ТАЪРИХИИ ДУНЁИ ҚАДИМ


*Аларих – 170*
*Антиох – 128*
*Антонӣ – 167*
*Аристофан – 107*
*Арриан – 9*
*Архимед – 110*
*Аттила – 172*
*Ашшурбанипал – 52*
*Бесс – 123*
*Брут – 166*
*Буддо – 64*
*Вима Кадфиз – 143*
*Гераклит – 109*
*Геродот – 9, 109*
*Гилгамиш – 46*
*Гомер – 105*
*Деметрӣ – 130*
*Демокрит – 109*
*Демосфен – 100*
*Диодот – 130*
*Диоген – 109*
*Доро I – 9, 114*
*Доро III – 123*
*Драконт – 96*
*Зардушт – 81*
*Исои Масеҳ – 176*
*Искандари Мақдунӣ – 102, 123, 127*
*Калигула – 166*
*Камбиз II – 33, 55*
*Канишка – 143*
*Квинт Курсий Руф – 175*
*Киаксар – 55*
*Кир II – 33, 55, 114*
*Клеопатра – 167*
*Константин – 177*
*Красс – 164*
*Ксеркс – 99*
*Кудзула Кадфиз – 143*
*Менес – 31*
*Митридат I – 130*
*Навуходоносор II – 50*
*Нерон – 168*
*Октавиан Август – 168*
*Перикл – 98*
*Полийен -115*
*Помпей – 166*
*Понтий Пилат – 176*
*Салавк – 128*
*Саргон I – 47*
*Сезар – 166*
*Син Шихуандӣ – 69*










*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE





*Софокл – 107*
*Солон – 96*
*Спартак – 164*
*Спитамен – 123*
*Страбон – 9*
*Тарквинй – 153*
*Траян – 168*
*Тутанхамон – 39*
*Тутмос II – 33*
*Тутмос III – 33*
*Томирис – 114*
*У-Ди – 149*
*Фидий – 9*
*Филипп II – 100, 122*
*Фрада – 114*
*Ф. Рихтхофен – 148*
*Хаммурапи – 48*
*Хуфу (Хеопс) – 36*
*Шамполён Ж. Ф – 41*
*Шерак – 115*
*Яхмос – 33*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*O'quv nashri*

# QADIMGI DUNYO TARIXI

*Umumiy o'rta ta'lim maktablarining*
*6-sinfi uchun darslik*

*(Tojik tilida)*

***Тарҷумон*** Равшанбек Адаш
***Муҳаррир*** Каримов Ризомат
***Муҳаррири техникӣ*** Акмал Сулаймонов
***Саҳифабанд*** Аброр Омонов
***Мусаҳҳиҳ*** Равшанбек Адаш
***Рассом*** Моҳина Олимбекова
***Дизайнер*** Константин Костетский

Ба чопаш иҷозат дода шуд: 00.08.2022. Чопи офсетӣ.
Андозаи 60x84 ⅛. Гарнитураи «Times New Roman». Кегли 14.
Ҷузъи чопии шартӣ 22,09. Ҷузъи нашриву ҳисобӣ 21,97.
Адади нашр _____. Фармоиши №____.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби дарсии ба иҷора додашуда

| Т/р | Ному насаби хонанда | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои роҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои роҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | | | | | | |
| 2 | | | | | | |
| 3 | | | | | | |
| 4 | | | | | | |
| 5 | | | | | | |
| 6 | | | | | | |

## Ҷадвали болоӣ ҳангоми ба иҷора дода шудан ва дар охири соли хониш баргардонида гирифтани китоб аз тарафи роҳбари синф аз рӯйи меъёрҳои зерини баҳогузорӣ пур карда мешавад:

| **Нав** | Ҳолати китоб ҳангоми бори аввал супоридан. |
|---|---|
| **Хуб** | Муқова бутун, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, надаридааст, ҷудо нашудааст, дар саҳифаҳо навишт ва хатҳо нест. |
| Қаноатбахш | Муқова каҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад, аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир шудааст. Варақҳои ҷудошуда аз нав таъмир гаштааст, дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудааст. |
| Ғайриқаноатбахш | Муқова даридааст, хат кашида шудааст, аз қисми асосӣ ҷудо шудааст ёки умуман нест, ғайриқаноатбахш таъмир гаштааст. Саҳифаҳо дарида, варақҳо намерасанд, хат кашида, ранг карда шудааст, китоб барқарор карда намешавад. |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE